Мушфиқа

Мушфики

МУНТАХАБОТ



Нашриёти Давлатии Тоҷикистон
Сталинобод – 1958

Ҷамъкунанда ва тартибдиҳанда
З. Аҳроров

LOW PDF - KMT.TJ
EDIT PDF - ZAROWADK.RU

Гуҳартироз шудӣ, Мушфиқӣ зи табъи баланд,
Туро равост ба силки суханварон бастан.

МУҚАДДИМА

I

Абдураҳмон Мушфикӣ яке аз шоирони хеле сермаҳсули нимаи дуйӯми асри XVI точик ба шумор меравад.

Мероси адабие ки ӯ пас аз сари худ ба ёдгор гузоштааст, кам нест. Вале то Революцияи Кабири Социалистии Октябрь маҳсули фикрии ин намояндаи машҳури адабиёт таҳқиқ нашуда меомад. Омӯхтан ва дастраси омми васеи мардум гардонидани эҷодиёти вай асосан баъд аз Революцияи Октябрь шурӯъ мешавад.

Аввалин касе ки моро бо Мушфикӣ ва эҷодиёти он шиносо кардааст, устод Садриддин Айнист.

С. Айнӣ дар „Намунаи адабиёти точик“[1], дар бораи Мушфикӣ мухтасаран сухан ронда, аз ғазал, қасида, ҳачвиёт, мусаллас, рӯбоӣ ва китъаҳои ӯ намунаҳо овардаи мегузарад.

Пас мархум А. Шаханшоев дар соли 1938 дар чилди 9-ӯми „Мачмӯаи асарҳои базаи точикистонии Академияи Фанҳои СССР“[2] оид ба ду нусхаи куллиёти дар китобхонаи давлатии Точикистон, шаҳри Сталинобод (ҳозир дар фонди дастхатҳои шаркии Институти забон ва адабиёти АФ РСС Точикистон дар тахти рақамҳои 445 ва 239 нигоҳ дошта мешаванд) мавчуд будани Абдураҳмон Мушфикӣ маълумот дода мегузарад.

---

[1] С. Айнӣ, „Намунаи адабиёти точик“, Москва, соли 1926.

[2] А. Шаханшоев, „Несколько рукописей из собрания государственной публичной библиотеки в Сталинабаде“. Труды Таджикской базы АН СССР, Т. IX, 1938 г.

Соли 1940 дар „Намунаҳои адабиёти тоҷик“[1] дар бораи Мушфикӣ мақолаи рафиқ Мирзо Турсунзода чоп шуда баромад.

Дар ин мақола оид ба шоири забардаст будани Мушфикӣ, гуногунии назми ӯ, муҳаббати калон доштани хонандагон ба вай ва эҷодиёти вай, инчунин зарурияти таҳқиқ намудани эҷодиёти ӯ сухан меравад. Асари дигаре ки дар он оид ба Абдурахмон Мушфикӣ сухан меравад, „Адабиёт“[2] ном китоби рафиқ Абдулғанӣ Мирзоев мебошад.

Дар ин китоб илова ба маълумоти биографӣ аз ғазал, рубоӣ, китъаҳои таърихӣ ва қасоиди шоир аз маснавии „Гулзори ирам“-и он намунаҳо оварда шуда, қайд карда мешавад, ки „ба дурусти омӯхта шудани маҳсули адабии Мушфикӣ на фақат доир ба ҷараёни зиндагии ӯ чизи бисьёреро барои мо **равшан мекунад**, балки дар масъалаи равшан кардани моҳияти адабиёти нимаи дуйуми асри XVI, сайри таърихии хеле жанрҳои адабӣ ва муносибати онҳо роли калоне хоҳад бозид“[3].

Рафиқ Н. С. Брагинский дар сарсухани „Антологияи назми тоҷик“[4] Мушфикиро дар қатори намоёнтарин одибони гузашта мегузорад.

Илова бар ин, дар „Фольклори тоҷик, курси конспективӣ барои гоибхонҳои Институти педагогӣ“[5] ном асари Н. Маъсумӣ дар хусуси қаҳрамони латифаҳои халқи будани Мушфикӣ, баъзе хусусият ва хислатҳои мусбати шахсии у сухан меравад.

Ғайр аз ин дар як қатор китоб ва журналҳои дигари

---

1 Намунаҳои адабиёти тоҷик (коллектив). Нашриёти Давлатии Тоҷикистон. Сталинобод, соли 1940.

2 *А. Мирзоев.* „Адабиёт“ (ёри барои дарси адабиёти асрҳои XVI, XVII, XVIII ва XIX тоҷик). Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, Сталинобод, соли 1948.

3 *А. Мирзоев.* асари зикршуда, сах. 28.

4 „Антология Таджикской поэзии“. Гослитиздат, Москва, 1951 г.

5 *Н. Маъсумӣ.* Фольклори тоҷик. курси конспективӣ барои гоибхонҳои Институти педагогӣ, қисми I, Сталинобод, 1952.

чи дар дохили республика ва чи дар хориҷи он нашргардида дар бораи Абдураҳмон Мушфиқӣ сухан рафтааст[1].

Аз байни ҳама муаллифоне ки бевосита ва ё дар ин ва ё он мавриди лозимӣ оид ба Мушфиқӣ ва эҷодиёти ӯ дахолат кардаанд, кори рафиқ А. Болдырев ҷои алоҳидаеро ишғол менамояд.

Ӯ аввалин касест, ки ба Мушфиқӣ ва маҳсули адабии вай васеътар баҳо додааст. Рафиқ А. Болдырев дар „Адабиёт“[2] дар бораи тарҷимаи ҳоли Мушфиқӣ, эҷодиёти вай муфассалтар сухан ронда истода, тақрибан ба тамоми қисматҳои эҷодиёти шоир дахолат кардааст.

Чи навъе ки дида мешавад, эҷодиёти Мушфиқӣ то ҳол тадқиқ ва таҳлили ҳаматарафа нашуда, мунтахаби мероси адабии ӯ низ то кунун дастраси оммаи васеи хонандагон нагардидааст.

Нашриёти Давлатии Тоҷикистон талаботи рӯзафзуни оммаи васеи хонандагонро ба назар гирифта, нашри

---

[1] История народов Узбекистана, т. II. изд. АН Уз. ССР, Ташкент, 1947.

Б. Гафуров. История таджикского народа, Госполитиздат, 1954.

Ш. Хусейнзода. „Адабиёти Ватан“ (хрестоматия барои синфи VII), Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, Сталинобод, с. 1950.

А. Климович. „Хрестоматия по литературе народов СССР“ т. I, Учпедгиз, 1947.

Х. Мирзозода. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI—XIX ва ибтидои XX), Сталинобод, 1950.

А. А. Семёнов. Очерк устройства центрального административного управления Бухарского ханства позднейшего времени. „Материалы по истории таджиков и узбеков Средней Азии“, выпуск II. изд. АН Таджикской ССР, Сталинабад, 1954.

А. И. Болдырев. Зайниддин Восифи, Таджикгосиздат, Сталинабад, 1957.

И. С. Брагинский. Из истории таджикской народной поэзии. Москва, 1956 г.

Журнали „Шарқи Сурх“, № 1. с. 1957.

„Шарқи Сурх“, № 6, с. 1957.

Журнали „Пионер“ № 10, 1956.

[2] „Адабиёт“ (коллектив), китоби дарсӣ барои синфи IX, Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, Сталинобод, с. 1951.

мунтахаби ашъори Абдураҳмон Мушфиқиро ба плани худ дохил намуд ва тартиб дода шудани он ба нависандаи ин сатрҳо супорида шуда буд, ки натиҷаи кори дар ин соҳа бурдашуда инак ба хонандагони азиз тақдим карда мешавад.

II

Абдураҳмон Мушфиқӣ соли 1538 дар шаҳри Бухоро таваллуд ёфтааст. Гузаштагони ӯ аз Марв буданд. Аз ин ҷиҳат гоҳо ба марвӣ будани худ низ ишорае карда мегузарад.

Айёми кӯдакии ин шоири намоёни тоҷик чӣ навъ гузаштааст, дар ин бора дар сарчашмаҳо чизе дида намешавад. Баъзе порчаҳои шеърии ӯ гувоҳӣ медиҳанд, ки вай аз падару модар зуд ҷудо шуда, бепарастор ва ғамхор монда будааст:

Бо падар хурсанд будам, бевафоӣ кард умр,
Меҳр бар модар ниҳодам, ёфт модар ҳам вафот.

Мушфиқӣ баъд аз вафоти падару модар ба ҳолати дарбадарӣ гирифтор шуда, дар охир ба хидмати дастьёрии яке аз хунармандони шаҳри Бухоро дохил мешавад.

Пас ӯ бо ҳимоят ва ташаббуси ҳамон шахс даврани мактабмашро ба итмом расонда, ба мадраса дохил мегардад. Дар мадраса вай ба шеър ва шеърсарой шавқу ҳаваси калоне пайдо карда, бештар ба омӯхтан ва аз худ намудани санъати шеърӣ машғул мешавад.

Мушфиқӣ баъд аз ба итмом расонидани таҳсили расмии мадраса, шеърсароиро пешаи асосии худ қарор медиҳад.

Илова бар ин, дар натиҷаи саъю кӯшиш дигар илмҳои замони худро низ аз худ намуда, аз аксари онҳо ба хубӣ баҳраманд мегардад.

Ин фаъолияти шеъргӯӣ ва давраи ба камолрасии ӯ авввал дар Бухоро мегузарад.

Мушфиқӣ дар ин вақтҳо, яъне дар ибтидои фаъолияти эҷодии худ бештар ба гуфтани шеърҳои ҳачвӣ майл ва рағбат дошт.

Ин кори вай то дараҷае бесабаб набуд. Шоир дар солҳои таҳсили мадраса бо як гурӯҳи махсуси одамон, ки бо номи олуфтаҳо ё лавандҳо машҳур буданд, муносибат дошт. „Лавандҳои Бухоро як табақаи хурди ҷавонони шаҳр буд, ки ба тарзи ҳаётии маишатпарастӣ ғарқ шуда, ҳатто хислати асосии синфии худро гум карда, як қисмашон ҳатто радди маъракаи ҷамъияти шаҳр гашта буданд[1].

Дар мутоибот шоир то дараҷае майл ва завқи ҳамин гурӯҳро ба назар гирифта будааст.

Мушфиқӣ ҳанӯз аз давраҳои аввали фаъолияти адабии худ сар карда, бо баъзе намояндагони тасаввуф рӯҳониёни феодалии онвақта низ муносибат доштааст.

Дар ин бора якчанд қасидаи ба шайхҳои ҷуйборӣ навиштаи ӯ гувоҳӣ медиҳанд.

Мушфиқӣ соли 972 ҳичрӣ (1564—65 мелодӣ) аз Бухоро ба Самарқанд кӯчида меояд. Сабаби ин равшан маълум нест, эҳтимол яке аз сабабҳои ба Самарқанд ҳичрат кардани ӯ тангии маишат бошад. Дар Самарқанд шоир ба вазифаи китобдории Султон Саид (1568—1572) таъин гашта зиндагӣ ба сар мебарад. Дар бораи бо кадом роҳҳо ва воситаҳо ба дарбори Султон Саид роҳ ёфтани шоир низ маълумоте ба даст нест.

Оид ба вазифаи дарбории ӯ соҳиби „Музокир-ул-Ахбоб", Хоҷа Хасани Нисорӣ ва муаллифи „Тӯҳфат-ус-Сурур" Дарвеш Алии Чангӣ маълумоти равшан додаанд. Чунончи Дарвеш Алӣ менависад:

„...Чанд рӯз дар мулозимати Султон Саид Баходурхон мебурда (яъне Мушфиқӣ З. А.) ва дар балдан

---

[1] Адабиёт, нашри зикршуда (кит. сах. 7), сах. 45.

маҳфузаи Самарқанд ба мансаби китобдорӣ қиём ва иқлом менамуд[1].

Мана аз ҳамин вақтҳо сар карда Мушфиқӣ то охири умр бо намояндагони табақаи болоии феодалӣ дар муносибат ва наздикӣ мондан мегирад.

Аммо бояд гуфт, ки зиндагии шоир дар дарбори Султон Саид нағз нагузашта будааст. Ӯ аз ҷиҳати моддӣ азоб мекашидааст.

Бадии аҳволи моддӣ шоирро маҷбур мекунад, ки бо мақсади беҳбудӣ баъзан ба худи хон мурочиат намояд. Вай дар як шикоятномаи ба хони мазкур навиштааш, ин ҳолатро чунин баён мекунад:

Хони оликадри кайвонманзилат Султон Саид,
Пеши даргохи ту гардуни муалло хеҷ нест!
Арзи холи ман, ки хастам заррае бе эътибор.
Назди хуршеди замири оламоро хеҷ нест...
Шуд се соли рост, к-аз ҷинси ҷаву гандум маро,
Дона ҷуз дар мазраи парвину ҷавзо хеҷ нест.

Мушфиқӣ дар шикоятномаи дигари худ, ки то дарачае оҳанги шӯхӣ дорад, аҳволи бади моддиашро ба хони вақт маълум намуда, ба ин восита диққати ӯро ба тарафи худ ҷалб кардан мехоҳад:

Шаҳо ту мардуми чашмӣ саводи оламро,
Ба лутфу рахмати ту мардуме намеёбам.
Шунидаам, ки Самарқанд ҷаннати дуньёст
Ҷи одамам, ки дар ӯ гандуме намеёбам.

Вобаста ба ин, ҳатто инъомҳое ки аз тарафи хон ба шоир бахшида мешудааст, аз тарафи наздикон ва пешхизматони хон тамоман ва ё қисман нигоҳ дошта шуда, ҳиссаи ночизе ба дасти ӯ омада мерасидааст. Аз ин ҷост, ки Мушфиқӣ боз ба хон мурочиат намуда, ин аҳволро ба ӯ маълум менамояд.

---

[1] *Давлат Алӣ*. „Туҳфат-ус-Сурур", дастнависи рақами 264 фонди дастхатҳои Институти забон ва адабиёти АФ РСС Тоҷикистон.

Дар ин бора қитъаи дар бораи аз тарафи меҳтари хон нигоҳ дошта шудани чакмани ба шоир инъом кардаи хон ва аз ин ҷиҳат ба хон шикоят намудани ӯ ба хубӣ гувоҳӣ медиҳад:

Подшохо, чакмани инъомро меҳтар надод,
Дар либоси назм бо ӯ гуфтугӯ хохад шудан
Чун ба таври оштӣ чизе аз ӯ хосил нашуд,
Ҷанги чакман дар миёни мову ӯ хохад шудан.

Ё худ:

Хусраво, дар хаки ман ин фалаки сифланавоз,
Мекунад хар чи зи имкони чафо меояд.
Садр аз ротиби кам созаду девон ба калам
Ин кадархо камии банда чаро мебоял?...

Мушфиқӣ, ҳамин тавр дар хусуси нодорӣ ва тангии маишат дар бисьёр парчаҳои шеърии худ шикоят карда, барои бехбудии ҳолаш чора ҷустааст.

Пас аз чанде соли 980 ҳичрӣ хукмрони Самарқанд Султон Саид вафот кард. Ба ҷои ӯ бародараш Ҷавонмардалӣ ба тахти хонӣ нишаст. Мушфикӣ ба ин муносибат се таърих навишта, дар мадҳи ин хони нав низ як миқдор қасида гуфтааст.

Вале хони мазкур, мисли пешгузаштагони худ ба шоир он кадар аҳамият намедиҳад.

Соли 1576 дар ҳаёти онрӯзаи мамлакат дигаргуние ба вуҷуд омад. Писарони Ҷавонмардалихон, ки мақсади мустақилшавӣ ва ба хокимият сохиб шудан доштанд, аз падари худ рӯ гардонда бо Абдуллохони шайбонӣ ҳамзабон мешаванд. Абдуллохон, ки пас аз марги Убайдуллохони шайбонӣ сар бардошта буд, Бухороро забт намуда, соли 1559 падари худ—Искандархонро ба тахти хонӣ нишонд. Худаш бошад, дар ин вакт вазифаи саркомандадихии кувваи харбиро адо намуда, барои ба атрофи як марказ муттахид намудани мамлакат ба атрофу чониб тохтутоз мекард. Самарқанд низ дар зери тахдиди Абдуллохон вокеъ гардида буд. Дар чу-

нин вакт хамзабон шудани писарони Чавонмардалй бо ў вазъиятро барои вай бештар мувофик гардонд.

Худи хамон соли 1576 Абдуллохон ба Самарканд хучум оварда Чавонмардалихонро бо писаронаш ба катл мерасонад ва ба Самарканд сохиб мегардад. Мушфикй, ки дар ин вакт дар Самарканд буд, бо ду касида ба дасти Абдуллохон гузаштани хукуматро табрик менамояд.

Вале вакто ки дар натичаи чангу кашмакашхои Абдуллохон вазъияти мамлакат муддате нохамвор ва номусоид мегардад, ахволи ахли илму адаб аз хар чихат номувофик мешавад. Шароити давом додани кори эчодй наменамонад.

Мушфикй низ ин ахволро дида, дар натичаи сахтихои ба вучуд омада дар фикри сафари Хиндустон меафтад.

Мушфикй пеш аз ба Хиндустон сафар намудан бо максади замина хозир кардан ба хукмрони Хинд Акбар касидае навишта, соли 985 хичрй ба Хиндустон сафар мекунад.

Чи навъе ки аз касидаи бо сарлавхаи „Дар мулокот ба Акбаршох гуфта шуд ва инъом низ гирифта шуд"-и шоир маълум мегардад, ў бо Акбар вохўрда, мулокот намуда будааст.

Шоир сабаби ин сафари худро дар яке аз шеърхои ба сардори шайххои чўйборй—Хоча Саъд бахшида навиштааш хеле равшан баён мекунад:

Шиори мани сухан асту суханшиносе туя,
Маоши банда вале аз сухан намегузарад.
Гараз ба мулки гарибй, ки меравам ин аст
Ба харза варна касе аз ватан намегузарад.
Замонаро гузаро гуфтаанду ин ачаб аст,
Дар ин замона, ки авкоти ман намегузарад.

Мушфикй пас аз як сол—соли 986 хичрй аз Хиндустон ба Бухоро бармегардад. Аз як китъаи ў маълум мешавад, ки Хиндустон ба ў маъкул наёмада будааст ва ин сафар ом чизеро ки ў умедвор будааст, надодааст:

Кардам сафари Ҳинду пушаймон шудам он чо,
Гардид бадал рӯзи сиёҳам ба шаби тор,
Гуфтам, ки агар боз наоям ба вилоят,
Хуни ҷигарам мехӯрад ин Ҳинди ҷигархор.

Мушфикӣ пас аз баргаштан аз Ҳиндустон ба дарбори Абдуллохони шайбонӣ кашида мешавад.

Баъд аз ин ҳаёти минбаъдаи ӯ дар муҳити дарбори Абдуллохон ҷараён меёбад.

Дар ин вақт мамлакат ба атрофи як марказ муттаҳид карда шуда, задухӯрдҳои дохилии феодалӣ то дараҷае бартараф карда шуда буданд. Мамлакат чи аз ҷиҳати иқтисодӣ ва чи аз ҷиҳати оромию сабзиш аз аввалҳо фарқ мекард. Ҳаёти маданӣ-адабии мамлакат рӯ ба тараққӣ ниҳода буд. Шаҳри Бухоро, ки пойтахти хонӣ буд, ҳамчун маркази иқтисодӣ ва сиёсии мамлакат нисбатан пуркувват карда шуда буд.

Чунин вазъият, албатта, барои Мушфикӣ ҳам назар ба гузашта манфиатбахштар буд.

Ӯ дар дарбори Абдуллохон эътибори калоне пайдо мекунад. Рӯз то рӯз обрӯяш афзуда ба дараҷаи „маликуш-шуарой" расид. Вале ин осудагӣ ба шоир дар вақте муяссар мегардад, ки вай хеле пир ва афтода шуда буд. Дар ин бора дар қитъае худи ӯ низ ишорае карда гузаштааст:

Имтиҳон кардаанд пиру ҷавон,
Хеҷ кори фалак ба сомон нест.
Ком бахшад даме ки ком намонд,
Нон ба вақте диҳад, ки дандон нест.

Мушфикӣ соли 1588 дар шаҳри Бухоро вафот ёфт ва дар ҳамон чо дафн карда шуд. Таърихи вафоти ӯро яке аз ҳамасронаш чунин қайд кардааст:

Соли фавташ ман аз хирад ҷустам,
Гуфт: таърихи ӯ „суханвари нек".

Агар мфодаи „суханвари нек"-ро ба ҳисоби абҷад

шуморем, 996 ҳичрӣ мебарояд, ки ба соли 1588 мелодӣ рост меояд.

Рафиқ Болдырев дар „Адабиёт“ (Китоби дарсӣ барои синфҳои IX мактаби миёна) даврaҳои ҳаёти Мушфиқиро ба 3 тақсим мекунад, ки ба фикри ин муаллиф мо асосан ҳамроҳ мешавем. Ин даврaҳо ҳаминҳоянд:

1. Ҳаёти Мушфиқӣ дар Бухоро. Ин давраи ҳаёти шоир то солҳои 1562—63 давом мекунад.

2. Ҳаёти ӯ дар Самарқанд. Ин давраи зиндагии шоир аз соли 1562—63 то соли 1577 чараён меёбад.

3. Ҳаёти Мушфиқӣ дубора дар Бухоро. Ин давра бошад, ба солҳои 1578 то 1588 рост меояд.

Мушфиқӣ дар тамоми ин даврaҳои ҳаёти худ ҳамчун марди меҳнатдӯст аз эҷод кардан ба такмил додани маҳорати эҷодии худ боз наистодааст. Мероси бои бокимондаи ӯ ин фикрро ба хубӣ тасдиқ мекунад.

Мушфиқӣ дар ин муддати ҳаёти худ як девони мутоибот, ду девони газалиёт, як девони касоид муратаб намуда, мухаммаси „Саду як банд“, се маснавӣ навишт ки онҳо аз „Соқинома“, „Гулзори Ирам“ ва „Ҷаҳоннамо“ иборатанд.

Ҳамаи ин осори адабӣ куллиёти ӯро ташкил кардааст.

Қайд кардан лозим аст, ки ин мероси адабии Мушфиқӣ аз нуқтаи назари инъикоси масъалаҳои ичтимоӣ, хусусиятҳои ҳаёти як хел намебошад. Дар осори ӯ мо чизҳои хуберо дучор карда метавонем.

Дар байни маҳсули адабии Абдураҳмон Мушфиқи газал чи аз нуқтаи назари миқдор ва чи аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа, шакли баланди бадеӣ ҷои якумро ишғол менамояд.

Азбаски мунтахаботи шоир асосан аз ғазалиёти ӯ иборат гардидааст, бинобар ин ҳоло мо оид ба баъзе хусусиятҳои он мухтасаран таваккуф менамоем.

Девонҳои газалиёти Мушфиқиро аз ҷиҳати шакли назм мумкин аст ба ду қисми асосӣ ҷудо кард: 1. Газал. 2. Рубой ва китъа.

Ғазалҳои Мушфикӣ аз ҷиҳати ҳаҷм асосан ба ҳамон анъанаи адабии то замони шоир мавҷуд буда тобеъ мебошанд. Онҳо мисли ғазалҳои ғазалсароёни пешгузашта 6, 7 ва гоҳе 8 байтро ташкил мекунанд.

Дар вазн, кофияи ғазалҳо низ Мушфикӣ асосан давомдиҳандаи устодони ғазалсарои гузашта мебошад.

Мавзӯъ ва мундариҷаи ғазалиёти шоир бошад, асосан аз ҳаминҳо иборат будааст: ишқ—сӯзу гудози ошиқ, бераҳмии маъшуқ, шикоят аз замон ва аҳли он, тасвири аҳволи бади худ, тамасхури шайх, мӯҳтасиб, зоҳид, ҳаётдӯстӣ, зиндадилӣ, ғанимат шумурдани умр, майлҳои сӯфиёна ва ғайра.

Аз ин миёна мавзӯи ишку муҳаббат дар ғазалҳои шоир ба тарзи анъанавӣ ҷои васеъро ишғол намуда, назар ба дигар соҳаҳои зиндагӣ ба ҳамин масъала бештар тобеъ шуда омадааст. Зеро назми лирикӣ, пеш аз ҳама ғазал, бештар ба ҳамин тарафи масъала нигаронида мешуд ва ин кор ҳамчун як қонуни муайяни адабӣ давом мекард.

Вале ин маънои онро надорад, ки шоир аз талаботи ғазалсароии давраи худ берун набаромада бошад. Ӯ агар чи дар мавзӯъ, обу ранги бадеӣ ва баъзе хусусиятҳои шаклӣ ба пешгузаштагони худ пайравӣ кардааст, аммо дар ҳал кардани мавзӯъ, дар мундариҷа лаҳзаҳои мустақили маълуме низ дорад.

Шоир мавзӯи ишқу муҳаббатро назар ба ҳамасрони худ бештар ба ҳаёти реалӣ наздик кардааст.

Вай дар ғазалҳои худ ишқ ва муҳаббати самимии дар байни одамон бударо бештар тараннум мекунад.

Масалан парчаи шеърии зерини шоир ин фикри моро пуркувват мегардонад:

Волаи ҳусни хати ғолиябӯи ту шавам,
Вах, чи зебо шудаӣ, бандаи рӯи ту шавам.
Ғар шавад ҳар нафасе дар тани ман ҷони дигар,
Ҳар нафас ҷон диҳаму зинда ба бӯи ту шавам.
Ман на он ошиқам имрӯз, ки чун булҳавасон

Талабам коми дилу ранҷа зи хӯи ту шавам.
Сари мӯе шудаам аз ғаму дорам хавасе,
Ки фидои хаваси хар сари мӯи ту шавам.
Зиндаву мурда баринам, ки ба ҷое наравам,
Дар қадам бошаму хоки сари кӯи ту шавам.
Сад накӯй зи рухат дидаму як ҷон додам,
Чи ачаб гар хичил аз рӯи накӯи ту шавам.
Мушфикӣ, аз хама сӯ рӯи ту дорад ғаму дард,
Шавкро рахгузаре нест, ки сӯи ту шавам.

Мушфиқӣ дар якчанд байти ғазалҳояш равшан маълум менамояд, ки ӯ дар ишқи „лоларӯёни Самарқанд" сӯхта, ишқи ӯ асосан ишқи хубон аст ва назми ӯ бо ин сахт алоқаманд мебошад:

Мушфикӣ бе лоларӯёни Самарқанд ин қадар
Сӯхтам, к-аз доғхо шуд синаам накши чахон.

Ё худ:

Бе чамолат дар Самарқанд аз сиришки Мушфикӣ
Хонаҳои мардумонро лола мерӯянд зи бом.

Ё ки:

Бе хаёли рӯи хубон нест назми Мушфикӣ,
Гарчи сурат нест бар оби равон суратпазир.

Мушфиқӣ дар дохили ин мавзӯъ аксар вақт қаҳрамонони достонҳои романтикӣ Лайлӣ ва Мачнун, Фарҳод ва Ширин, Вомиқ ва Узро, инчунин шамъу парвона, гулу булбулро ҳамчун ифодаи образҳои содиқ ва вафодор ёдоварӣ мекунад.

Мушфиқӣ ҳамчун устоди забардасти ғазал дар баробари ба хубӣ риоя намудани мавзӯъ ва мундариҷаи анъанавии ин шакли шеърӣ ба бисьёр масъалаҳои мухимми ҳаётӣ низ дахолат намудааст, ки ин тарафи масъала бештар қобили диққат мебошад. Яке аз ҳамин гуна масъалаҳои муҳим, ки дар ғазалҳои шоир алоқамандона бо дигар масъалаҳои пешгузоштаи ӯ ба назар бар мехӯрад, масъалаи шикоят аз замон ва аҳли он, инчунин тасвири аҳволи бади худи ӯст. Шоир дар дохили ғазалҳои худ пайваста бо дигар фикрҳои ғаён карда-

аш баъзе байт, мисраъ ва парчаҳоеро овардааст, ки ӯ дар онҳо аз замон ва аҳли он шикоят мекунад, аз ногуворин ҳаёти худ ниҳоят сахт менолад.

Ӯ аз он мухити тираю тор ва серташвиши замон дурй мечӯяд, дар гӯшае аз он чудо манзил карда зистанро орзӯ мекунад:

Танг шуд бар ман фазои дахр, мехохам дигар
Хайма дар сахроп аз олам бурун бошад маро.
Шоми хичрон сар ба чои по ниходам аз малол
Рӯзгори тираву бахти нагун бошад маро.

Мушфикӣ бевафоии аҳли замон ва бекасиву танҳоии худро дар парчаи зерини яке аз ғазалҳои худ чунин қайд намудааст:

Дар ин замона зи ахли вафо намегӯянд,
Зи бевафоии ахли замона мегӯям.
Ғаме ки рӯ дихад аз бекасию танхой,
Нихода рӯй ба девори хона мегӯям.

Ё ки:

Мушфикӣ ранги вафо дар чамаъи олам нест,
Ҳама чо рафтаму бӯе нашунидам чое.

Дар замони феодалии асри XVI низ мисли дигар давраҳо аҳли ҳунар асосан ба ғаму ғуссаҳои зиёд мубтало ва аз шодии олам маҳрум буд. Ин ҳолатро аз ҷараёни зиндагии бисьёр намояндагони илму ҳунари гузашта ба хубӣ донистан мумкин аст. Мушфикӣ ҳамин гуна вазъиятро дар шахсияти худ ифода менамояд, ки он ба фикри мо ба ҳама мардони пешқадами онвақта дахл дорад:

Аз ту халосӣ, эй ғам, надидам
Бо ман чӣ дорӣ? Дидан? Надидам.
Як дил, ки бошад бе доғи хасрат,
Дар лолазори олам надидам.

Шоир зоҳиран навмедиҳои зиёде аз сар гузаронда-аст. Байтҳои зерин чунин нишон медиҳанд, ки вай ба орзуи худ комьёб нагардида будааст:

Рӯи муроде харгиз надидам,
Аз номуродӣ умрам сар омад.

Ё ки:

Гулбуни фирӯза харгиз бар муроди ман нарафт,
Умрхо рафту надидам бахту фирӯзӣ чунин.

Ӯ ҳамин мақсадро дар парчаи зерини ғазали дигари худ бо як обу ранги махсус ва бо як ҳиссиёти нихоят шикоятомези ҳасратноке баён намудааст:

Чу бар токи баланд аст орзӯи дил зихӣ хасрат,
Ки дасте бошаду харгиз набошад дастрас моро.
Ба захми нохун аз ғам, Мушфикӣ, сад чок шуд сина,
Дили нолон бувад чун андалеби дар кафас моро.

Мушфиқӣ аз беадолатӣ ва беинсофии „даврон“, ки дар зери ин ифода бешубҳа аҳли чоҳ ва сарватро дар назар дорад, шикоят карда қайд мекунад, ки:

Дурди май даврон ба мо з-ин мачлиси фонӣ намонд,
Давр охир гашту инсофу мусулмонӣ намонд.
Гирьяи чашми ману борони ғам таскин наёфт,
То бинои хонаи ман рӯ ба вайронӣ намонд.

Дар мисраи дуйӯми байти аввал „мусулмонӣ намонд“ гуфтани шоир ба маънои мусулмони динӣ не, балки ба маънои намондани адолат ва ростӣ омадааст.

Чи навъе ки аз ин парчаҳои шеърӣ маълум мегардад, шоир ба воситаи баён намудани ин тарика масъалаҳои ба ҳаёти худ дахлдошта, шикоят кардан аз вазъи нохамвори рӯзгори онвакта, то дарачае муносибати худро ба он низ маълум мекунад.

Аз масъалаҳои дигаре ки шоир дар ғазалиёти худ пешниход намудааст, масъалаи танқид ва тамасхури намояндагони дин, шайх, зоҳид, мӯҳтасиб ва гоҳо баъзе бидъатҳои динӣ мебошад.

Мушфикӣ баъзан хатто ба мукаддасоти динӣ дахолат менамояд.

Ӯ дар байти яке аз ғазалҳои худ ба „малак“ хитоб карда мегӯяд:

Гар нанависй, эй малак бахри бутон намози ман,
Бар ту бихил намекунам хакки намози хешро.

Мушфикӣ дар байти зерин майро оташ, зӯҳду тавба ва амсоли инро хасу хошок мешуморад, ва ба сокӣ мурочиаткунон мегӯяд, ки зӯҳду тавбаи ӯ аз бовари берун аст:

Сокӣ ба зӯҳду тавбаи ман эътимод нест,
Май оташ аст, ин хама хошоку хас бувад.

Вай дар байте аз як тараф ба зохид ва аз тарафи дигар ба оби „кавсар", тамасхуромезона назар мекунад. Чунончи:

Кавсар, ки зохид аз ғами ӯ оби хуш нахӯрд
Пеши кадахкашон дами обест дар хумор.

Чунин мисол зиёд овардан мумкин аст, вале мо барои намуна бо овардани ҳамишҳо каноат ҳосил мекунем.

Дар ғазалиёти Мушфикӣ мавзӯи зиндадилӣ, ҳаётдӯстдорӣ, ғаниматшумории лаҳзаҳои пуркимати ҳаёт ҷои намоёнро ишғол мекунад.

Мушфикӣ ҳамчун марди зиндадил, ҳаётдӯст лаззатҳои ҳаёти моддиро дӯст медорад, зиндадил будан ва аз ногувориҳои гузаштаю оянда ёд наоварда дилтанг нашуда хушу хурсандона зистанро ташвик мекунад:

Май нӯш аз гузаштаву оянда дам мазан,
Охир чӣ мешавему дар аввал чӣ будаем?!

Шоир дар шахси худ таъкид мекунад, ки сӯҳбати дӯстонро бояд ганимат шумурд.

Мушфикӣ сӯҳбат ғанимат дон, ки мегӯяд хабар
Даври хатти чом аз кайфияти Ҷамшеду Кай.

Вай дар байти зерини худ қайд мекунад, ки агар нишоти умр, хушиву хурсандии ҳаёт хоҳӣ, бе май ва хушдилӣ мабош, айёми зиндагиро ғанимат шумур:

Гар нишоти умр хохӣ бе ман гулгун мабош,
Ҳамчу даври гул ганимат дор ин айёмро.

Аз ин рӯ вай гӯшаи майхонаро аз тамоми ҷойҳои дигари замони худ беҳтар мешуморад:

Ба муроди дили худ металабидам ҷое,
Хуштар аз гӯшаи майхона надидам ҷое.

Мушфиқӣ май ва майнӯширо асосан ҳамчун як воситаи фаромӯш намудани ғаму андӯҳ медонад.

Ғараз аз бода хӯрдан Мушфикиро ғайр аз ин набвад,
Ки месозад даме фориғ аз ин дайри ғамободаш.

Ҳаман ин мавзӯъ ва масъалаҳои мухтасар қайдьёфта дар рубоиёти шоир, ки як хиссаи лирикаи ӯро ташкил медиҳад, низ дучор мешаванд. Рубоӣ ва миқдори он дар эҷодиёти Мушфиқӣ зиёд нест. Вале бо вуҷуди ин аз нуқтаи назари мазмун, обу ранги баланди бадеӣ, мавзунии калом ва равонии тарзи ифодаи фикр хеле диққатҷалбкунанда мебошанд. Мушфиқӣ монанди ғазалҳои худ дар рубоиёташ низ ишку муҳаббат, завқи дили ҷавонӣ, вафодорӣ, садоқатмандӣ, бадии аҳвол масъалаҳои зиндадилӣ ва амсоли онро хеле устодона тасвир менамояд.

Масалан, ин рубоиҳои ӯро гирем:

Ҳар гах чамани кӯи туро ёд кунам,
Сад оху фиғон аз дили ношод кунам.
Дур аз гули рӯи ту чунонам, ки дигар
Булбул шаваму хазор фарьёд кунам.

Сад бор агар чон дихаму зинда шавам,
Сар дар кадамат нихам сар афканда шавам,
Гарданд ба гирди сарву озод шаванд,
Ман гирди сари ту гардаму банда шавам.

Дар кӯи маломатам чудо аз дили худ
Ғамхонаву чашми тару обу гили худ
Дар манзили ман ғайри бало нест касе
Кӯи худу хонаи худу манзили худ.

Ҳаминро низ бояд қайд кард, ки чи ғазалиёт ва чи рубоиёти Мушфиқӣ аз таъсири фольклор холӣ нест. Инро аз истеъмоли зарбулмасал, ибораҳои ба баъзе расму одатҳои қадиман халқамон вобаста пай бурдан мумкин аст. Пайваста ба ин забони лирикаи шоир равон, содда ва ҳамафаҳм буда, аз ҳар гуна пардозу ороишҳои бемаврид озод аст.

Дар кор фармудани санъатҳои бадеӣ маҳорати шоир низ хурд нест. Ин хусусияти эҷодиёти ӯро дар намунаҳои шеърии дар боло овардашуда ва ашъори мунтахаби ӯ ба хубӣ санҷидан мумкин аст.

Ҳаминро гуфтан лозим аст, ки Мушфиқӣ гарчи дар дарбори хонӣ зиндагӣ карда, як қисми маҳсули фикрии ӯ аз таъсири бевоситаи идеологияи синфи ҳукмрон холӣ намебошад, вале бо вуҷуди ин қисми маълуми эҷодиёти ӯ характери халқӣ дорад.

Ин нишон медиҳад, ки шоир дар муҳити дарборӣ зиндагӣ карда бошад ҳам, рӯҳан аз оммаи васеи халқи меҳнатӣ ҷудо нагашта, аз инъикоси як қатор масъалаҳои муҳимми ҳаётӣ дар канор намонда будааст.

Жанри ғазал тамоми хусусиятҳои барҷастаи худро дар эҷодиёти Мушфиқӣ нигоҳ дошта омадааст. Бинобар он бо камоли боварӣ метавон гуфт, ки ӯ яке аз устодони забардасти газал дар таърихи адабиёти классикии тоҷик мебошад.

Азбаски мо оид ба ҳаёт ва фаъолияти адабӣ, характер ва хусусиятҳои маҳсули эҷодии Мушфиқӣ рисолаи алоҳидае хоҳем бахшид, дар ин ҷо бо ҳамин маълумоти мухтасари умумӣ қаноат ҳосил менамоем.

III

Дар вақти тартиб додани мунтахаботи Мушфиқӣ чорабиниҳои зерин ба назар гирифта шуд:

1. Ҳамаи он чизеро ки аз осори шоир ба тариқи интихоб дар сурати як маҷмӯача фароҳам овардаем, аз ду нусхаи мукаммали куллиёти ӯ, ки дар фонди

дастхатҳои АФ РСС Тоҷикистон дар таҳти рақамҳои 445 ва 239 маҳфуз мебошанд, истифода намудем:

Дар асноі навиштани калима ё мисрае, ки дар як нусха то андозае нодуруст, ё шубҳанок буд, аз нусхаи дигар ислоҳ ва дуруст карда шуд.

2. Бештар асарҳое интихоб карда шуд, ки аз ҷиҳати мазмун ва обу ранги бадеӣ ба завқи хонандаи имрӯза наздик бошанд.

Азбаски қасоиди шоир аз нуқтаи назари мундариҷа ба талаботи имрӯза ҷавоб дода наметавонад, танҳо қисми насиби баъзе аз онҳоро, ки иборат аз тасвири табиат, ишқу муҳаббат, шикоят аз зулм ва амсоли он мебошад, мавриди истифода қарор додем.

3. Аз мутоиботи шоир танҳо чизи хеле каме интихоб карда тавонистем, ки баъзе аз онҳо бевосита дар дохили девони мутоибот ва қисми аз хориҷи он дар куллиётҳои шоир дарҷ ёфта буданд. Шеъри „Таксими мерос“ дар баёзҳо мукаммалтар дучор шуд, ки дар ҳамон шакл мо низ ӯро истифода кардем.

4. Аз маснавии „Гулзори Ирам“ баъзе порчаҳо аз ҳар қисми он ба тариқи интихоб ҳамчун намуна оварда шуд.

5. Барои осонтар пайдо намудани ин ва ё он ғазал мисраи аввал, ё қисми ягон мисраъ, ё ин ки радифи мустақилмаъно ҳамчун сарлавҳа интихоб гардид.

6. Дар ҳангоми ихтисор кардани ин ва ё он байт ва порчаи шеърӣ якчанд нуқта гузоштем, дар вақти ҷудо карда шудани як қисм аз қисми дигари маснавии „Гулзори Ирам“ бо се ситора ишора карда шуд.

7. Луғати калимаҳои душворфаҳмро дар охири маҷмӯа ба тартиби алифбо додан мувофиқтар дониста шуд.

З. Аҳроров.

ГАЗАЛИЁТ

ДОНИСТА МЕГЎЕМ МО

Дар ғамат дилро фигору хаста мегўем мо,
Аҳли дардем ин сухан дониста мегўем мо.
Бар дили мо он чи аз токи ду абрўят гузашт,
Бо худ аз девонагӣ пайваста мегўем мо.
Меравӣ тунду дуогўён зи дунболи туанд,
Вах, ки меранчӣ агар оҳиста мегўем мо.
Гуфтам, эй гул он даҳанро пистаи хандон бигў,
Ин сухан гуфт аз даҳони писта мегўем мо.
Ришгаи ҷони рақибон бар сари кокул мабанд,
Фитнае хоҳад шудан сарбаста мегўем мо.
Ҳар касе пурсад зи ашки мо ҷавоби ин сухан,
Чеҳра аз хуноби ҳасрат шуста мегўем мо.
Мушфиқӣ ҳар кас чӣ донад мастиву ворастагӣ,
Бо гирифторони аз худ раста мегўем мо.

ХУНИ ДИЛ МЕГИРЬЯМУ АШКИ ҶИГАРГУН МЕХЎРАМ

Хуни дил мегирьяму ашки ҷигаргун мехўрам,
Пеш аз ин маї мекашидам, ин замон хун мехўрам.
Хуш намеомад шакар хўрдан ҳарифонрову ман
Ҳайрате дорам, ки чандин заҳри ғам чун мехўрам.
Неъмати хони биҳишт аст ин ғами хубон, ки ман,
Кам намегардад аз ў ҳар чанд афзун мехўрам.
Ҳамчу нақши панҷаи савсан дамад аз хоки ман,
Баски силии ҷафо аз дасти гардун мехўрам.
Ташна мемирам, ки дар ҷони ман оташ мезанад,
Ҳар дами обе ки бе он лаъли майгун мехўрам.
Аз сари Фарҳод месозад қадаҳ дар базми ишқ,
Бода аз хуноби дил бар ёди Маҷнун мехўрам.
Вах, ки дар аҳди ҷавонӣ пир гаштам Мушфиқӣ,
Чун нагардам пир аз ин ғамҳо, ки акнун мехўрам?

НАДИДАМ

Аз ту халосӣ, эй ғам надидам,
Бо ман чӣ дорӣ? Дидам? Надидам.
Як дил, ки бошад бе доғи ҳасрат,
Дар лолазори олам надидам.
Дар хоб дидан рӯи ту хуб аст,
Аз толеи бад он ҳам надидам.
Хуштар зи чони барлабрасида
То охири умр ҳамдам надидам.
Пайванди чоки дилро ба мӯе,
З-он кокули хам дар хам надидам.
Дорам ба сина аз дилнавозе
Розе, ки дилро махрам надидам.
Чун Мушфиқиро доғи ту сӯзад,
Ҷуз доғи дигар марҳам надидам.

ҲАРГИЗ НАФАСЕ ШОД НАДИДАМ ДИЛИ ХУДРО

Ҳаргиз нафасе шод надидам дили худро,
Аз банди ғам озод надидам дили худро,
То ғам нахӯрад кас, нашавад манзиле обод,
Ғам хӯрдаму обод надидам дили худро.
Фарьёд, ки ноле шудам аз ҳачру замоне
Бе нолаву фарьёд надидам дили худро.
Ошиқ шудаму тарҳи сабурӣ нафикандам,
Дидам, ки ба буньёд надидам дили худро.
Чун соя фитодам ба дари хилвати зоҳид,
Як зарра дар афтод надидам дили худро.
Ишқи ту зад оташ ба дилам, варна аз ин пеш
Дар оташи бедод надидам дили худро.
Мӯътод ба айше нашудам, Мушфиқӣ аз ишқ,
Айшест, ки мӯътод надидам дили худро.

ҒАМИ МАН КАМ НЕСТ

Зи дил хун мехӯрам, кори ман ин аст,
Ба ғам хӯ кардаам, ёри ман ин аст.
Вафо кардам ҷафо дидам зи хубон,
Мусулмонон, сазовори ман ин аст.
Ба он шамъи бутон, ё раб, кӣ гӯяд,
Ки ахволи шаби тори ман ин аст.
Ба марги худ нахоҳам мурд ёрон,
Агар шӯхи ситамгори ман ин аст.
Маро расво кунад ҳар ҷо, ки бошам,
Гуноҳи нолаи зори ман ин аст.
Фитодам бар сари роҳат, нагуфтӣ,
Ки мискини гирифтори ман ин аст.
Ғами ман, Мушфикӣ, кам нест ҳаргиз
Ҳама шаб фикри бисьёри ман ин аст.

РЎЗГОРИ ТИРАВУ БАХТИ НАГУН БОШАД МАРО

Мастаму девона донӣ, ҳол чун бошад маро,
Решаҳои ток занҷири ҷунун бошад маро.
Дар таби ғам дида чун инноб гулгун кардаам,
Шарбати инноб ашки лолагун бошад маро.
Ништари ҳаҷри туам хун аз раги мижгон кушод,
Ҷон он дорад, ки домон ғарқи хун бошад маро.
Бе хати сабзу лаби лаълат нахоҳам зиндагӣ,
Хизр агар сӯи масеҳо раҳнамун бошад маро.
Танг шуд бар ман фазои дахру мехоҳам дигар
Хайма дар саҳрои аз олам бурун бошад маро.
Шоми ҳичрон сар ба ҷои по ниҳодам аз малол,
Рӯзгори тираву бахти нагун бошад маро.
Аз маломат Мушфиқӣ бо он ки ноле гаштаам,
Гар бинолам пеши кас табъи забун бошад маро.

НАБОШАД ДАСТРАС МОРО

Бувад пиронасар васли ҷавонон мултамас моро,
Ҳаваспро мондаем, аммо наменонад ҳавас моро.
Касе будем, чун фикри даҳонат пеши мо омад,
Надонад ҳеҷ кас, то кас нагӯяд, ҳеҷ кас моро.
Шаби мо рӯз мешуд, рӯзи мо равшан зи дидорат,
Агар мебудӣ, эй субҳи саодат, ҳамнафас моро.
Ту гулбарги тарӣ, мо чун гиёҳи хушк саргардон,
Туро аз лолаву гул сохтанд, аз хору хас моро.
Муроди мардум аз боғу чаман сарваству гул дидан,
Тамошои қаду наззораи рӯи ту бас моро.
Чу бар токи баланд аст орзӯи дил, зиҳӣ ҳасрат,
Ки дасте бошаду ҳаргиз набошад дастрас моро.
Ба захми нохун аз ғам, Мушфиқӣ, сад чок шуд сина,
Дили нолон бувад чун андалебе дар қафас моро.

НАМОНД

Дурди май даврон ба мо з-ин мачлиси фонӣ намонд,
Давр охир гашту инсофу мусулмонӣ намонд.
Гирьяи чашми ману борони ғам таскин наёфт,
То бинои хонаи тан рӯ ба вайронӣ намонд.
Гуфтам аз зулфи бутон сарриштае орам ба каф,
Ин ҳама савдо ба чуз хотирпарешонӣ намонд.
Сӯхтам парвонаваш дар пои он шамъи тироз,
Шукр, боре бар дилам доғи пушаймонӣ намонд.
Рӯзгоре шуд ки хун мегирьяму хун мехӯрам,
Токату сабре ки медидиву медонӣ намонд.
Мушфикӣ сар монд бар оинаи зонуи хеш,
Чун гунаҳкоре ки бошад, ғайри ҳайронӣ намонд.

ДОРАД ФАЛАК КАМОНЕ ДИЛҲО НИШОНА КАРДА

Дорад фалак камоне дилҳо нишона карда,
Аз шасти ӯ маҳи нав тирест хона карда.
Аз чаври як замона дидам ба даври ҳуснат,
Чавре ки дар замонҳо бо ман замона карда.
То дида сайд созад мурғи хаёли холат
Дом аз мижа ниҳода аз ашк дона карда.
Афсунгаре ки бахшад сабру хирад ба Мачнун,
Бар ман фусун дамида, худро фасона карда.
Овозаи сиришкам олам гирифт, ӯро
Гӯяд ба ҳар макоме мутриб тарона карда.
Бартар зи доғи ҳасрат доғи дигар ниҳодам,
Ғамхона дар дили ман дуошьёна карда.
Шабҳо, ки қибла бошад кӯи ту Мушфикиро,
Сармондаву сучуде бар остона карда.

САРГАШТАВУ ҒАРИБАМ

Аз кӯи ту ба каъба рафтам, накӯ накардам,
Бар гирди ӯ нагаштам, парвои ӯ накардам.
Аз дида ҳарчи омад бар рӯй ман гузаштам,
Ӯро миёни мардум беобрӯ накардам.
Саргаштаву ғарибам, бахти худ озмуда,
Сад коми дил шунидам, як орзӯ накардам.
Ман дархӯри фироқам, заҳри бало чашида,
Завқи тараб надонам, бо айш хӯ накардам.
Даврон чу ғунчаи гул бигзашту ман зи ҳичрон
Рӯи қадаҳ надидам, май дар сабӯ накардам.
Пеши рақиб гуфтӣ хун кардаам дилатро
Хар чанд карда бошӣ, боре бигӯ накардам.
Шуд Мушфиқӣ сари ман хоки раҳи ҷафояш,
Харгиз хаёли рафтан з-он хоки кӯ накардам.

САД ГУЛ ШУКУФТУ ғУНЧАИ ДИЛ НОШУКУФТАНИСТ

Хоки раҳат зи чашми ракибон нухуфтанист,
Монанди доруе, ки ба душман нагуфтанист.
Дорам аз он шигифт, ки дар боғи дил маро,
Сад гул шукуфту ғунчаи дил ношукуфтанист.
Аз хоки остони туам вакти рафтан аст,
В-ин гарди мехнат аз сари кӯи ту рафтанист.
Хуфтам ба хоку хун шаби ҳичрон, вале нахуфт
Ин чашми хунгирифта, ки дар хок хуфтанист.
Омад хадиси ғам ба забони ту Мушфикӣ,
Пиндоштӣ, ки гавҳари ин роз суфтанист.

БА ҒАЙРИ ОҲ НАДОРАМ РАФИКИ ДИЛСӮЗЕ

Қадаҳ, ки ҳамдами ӯ ашки лолагуни ман аст,
Даме ки лаъли ту бӯсад, шарики хуни ман аст.
Ба ғайри оҳ надорам рафики дилсӯзе,
Ки шаб ба рафтани кӯи ту раҳнамуни ман аст.
Ба хоки пои рақибон баробарам кардӣ,
Камоли заъфи тану толеи забуни ман аст.
Ситамгаре, ки ба захри фироқ кушт маро,
Кунун ба ваъдаи васл аз паи фусуни ман аст.
Касе ба ман сухани он парӣ намегӯяд,
Ба худ, ки дар суханам ғояти ҷунуни ман аст,
Ба базми ҳаҷри ту аз хуни дида дар ачабам,
Ки бода ин ҳама дар соғари нагуни ман аст.
Магӯ, ки Мушфиқӣ аз оташи кӣ сӯхтай,
Касе ки сӯхт маро оташи даруни ман аст.

ДАСТИ МАН АЗ ҲЕҶ КАС БОРЕ БА ЗЕРИ САНГ НЕСТ

Он, ки дуд аз ҷон барорад чуз навои чанг нест,
Оташи бедуд ғайр аз оби оташранг нест.
Шишаи номус бар санги маломат мезанам,
Мутриби ушшокро бехтар аз ин оҳанг нест.
Хар нафас як манзил аз умрасту дар рохи фирок,
Умр рафту эҳтимоли қатъи як фарсанг нест.
Гарчи дар ишқи ту кори ман ба расвой кашид,
Дорам аз худ нангу аз коре ки дорам нанг нест'
Ғунча аз лаъли лабат дар тангнои ҳайрат аст,
В-ар на дар гулзор аз боду ҳаво дилтанг нест.
Баъди мурдан миннат аз санги мазорам гӯ мабош,
Дасти ман аз ҳеҷ кас боре ба зери санг нест.
Мушфикиро рӯзи ҳичрон шуд гиребон чок-чок,
Чист инҳо, гар ба бахти хештан дар чанг нест.

ТАЛАФИ УМР БУВАД ЗӮХДУ КАРОМАТ ҲАМА ЛОФ

Дайри офоки кӯҳангаштаи сад гуна хилоф,
Ровии бохабаре нест беҳ аз бодаи соф.
Ҳарфи барбаста ҳамин аст, ки беҳуда ба кас
Накушоем дари ҳарфу набандем гизоф.
Машраби ишқ бувад маъниву сурат ҳама ҳеҷ
Талафи умр бувад зӯҳду каромат ҳама лоф.
Ба таманнои сари кӯи ту чун каъба равам,
Ҳалқаи хона шавад доғи дилам рӯзи тавоф.
Сари даъвист камонро ба хами абрӯят,
Аҷабе нест, ки саргашта бувад ноинсоф.
Аз сафи сунбули хатти ту бунафша зи чаман,
Мегурезад зи кафо хӯрда синоне ба масоф.
Мушфиқӣ аз пан ҳам гар накашӣ новаки оҳ,
Чист ҳар гӯша туро дар ҳадафи сина шикоф?

НАРАСИДӢ

Эй шайх, ба майхонаи тарсо нарасидӣ,
Фаҳми ту кучо шуд, ки ба ин чо нарасидӣ?
Як шаб ба муроди дили мо рӯз накардӣ,
Як рӯз ба фарьёди дили мо нарасидӣ.
Эй, пои талаб, суда шудӣ дар раҳи мақсуд,
В-эй даст, ба домони таманно нарасидӣ.
Дар нома навиштам, ки маро дар таи дил чист,
Дардо, ки ба ғаври мани шайдо нарасидӣ.
Рафтӣ ба давои дилам, эй оҳ ба гардун,
Дар вақти гузаштан ба масеҳо нарасидӣ.
Аз гирьяи мо бехабарӣ, эй ки дар ин об
Ғарқа нашудӣ, балки ба дарьё нарасидӣ.
Ушшоқи ҳазин, Мушфиқӣ, охир ба давое,
Аз ишқ расиданд, ту аммо нарасидӣ.

ВОДИИ ҒАМ ДИГАРУ РОҲИ САЛОМАТ ДИГАР АСТ

Меравам рухсори зард аз ашки ғам нокарда пок,
Симу зар бо хок натвон бурд, ман бурдам ба хок.
Дил ки шуд парвонаи шамъи парирухсорае,
Ном чун дорад ба худ, аз сӯхтан ӯро чӣ бок.
Лола то зулфу кадатро дид дар гулзори хусн,
Монд аз он лому алиф пайваста ҷайби лола чок.
Ашк чун бебок буд ӯро зи чашм андохтам,
Зери хок авлост он тифле ки бошад айбнок.
Водии ғам дигару роҳи саломат дигар аст,
Мавҷи реги ӯ ишорат мекунад сӯи халок.
Духтари раз шоҳиди боғ асту об оинадор,
Панҷаи зар бар сари ӯ аз хазони барги ток.
Мушфиқӣ номи туро аз лавҳи ҳастӣ пок кард,
Хотири софе зи ғайру оби чашму ишқи пок.

КӢ ТАВОНАД?

Зулф аз маҳи рӯи ту кашидан кӣ тавонад?
Он чо, ки туӣ рӯи ту дидан кӣ тавонад?
Бар тавсани ноз аз ҳама хубон бигузаштӣ,
Имрӯз ба гарди ту расидан кӣ тавонад?
Як марҳилаи ҳаҷр зи сад бодия беш аст,
Катъи раҳи ҳичрон ба давидан кӣ тавонад?
Пеши ту мусаввир накашад ғайри хиҷолат,
Чун сурати хуби ту кашидан кӣ тавонад?
Гар катъи муҳаббат кунӣ аз теғи тағофул,
Сарриштаи меҳри ту буридан кӣ тавонад?
Дар боғи сухан, Мушфиқӣ ашъори ту чидаст,
Гул тозатар аз назми ту чидан кӣ тавонад?

КӢ ПАРДОЗАД?

Ба хонае ки ту бошӣ ба ҷон кӣ пардозад?
Зи дил кӣ гӯяду бо хонумон кӣ пардозад?
Фитам ба пои сагони ту мурдаву зинда,
Кучо равам, ба мани нотавон кӣ пардозад?
Зи хуни дил мижаам сурх гашту дида сафед,
Ба ҷониби суману арғувон кӣ пардозад?
Дар он чаман, ки фитад сарву гул баробари ту,
Ба хусни ину тамошои он кӣ пардозад?
Ба рӯзгори ман аз душманон мабод касе,
Ба ҳоли зори ман аз дӯстон кӣ пардозад?
Дар он ғамам, ки чу сар дар ниқоби хок кашам,
Ҳадиси шавқ бар он остон кӣ пардозад?
Нагашт, Мушфиқӣ аз васл комн ман ширин,
Ба талхкомии ман дар ҷаҳон кӣ пардозад?

АЗ ДИЛАМ ХУН МЕЧАКАД

Бар рухи зардам зи мижгон ашки гулгун мечакад,
Лолаву гулро чӣ созам, аз дилам хун мечакад.
Меравад хуноби ҳасрат аз шикасти дил маро,
Чун шикасти шиша к-аз вай бода берун мечакад.
Нохуни Лайлист рангин чун ҳино дар базми хусн,
Қатраҳои хуни дил к-аз чашми Маҷнун мечакад.
Шаб, ки месӯзам зи меҳрат субҳ аз дуди дилам,
Ашки анҷум аз саводи чашми гардун мечакад.
Дар арақ дидам лаби лаъли ту чонам тоза шуд
Чун зулоли зиндагӣ з-он лаъли майгун мечакад.
Ишқ агар оташ набошад, оҳи ман сӯзон чарост,
В-ар дили ман хун нашуд, хуноб аз ӯ чун мечакад?!
Мушфиқиро гавҳари сероб аз килки хаёл,
Дар таманнои сахисарвони мавзун мечакад.

БА ЗӮҲДУ ТАВБАИ МАН ӘЪТИМОД НЕСТ

Шабҳо маро чароғ нагӯям ҳавас бувад,
Сайёраҳо зи пунбаи ҳар доғ бас бувад.
Бечорае ки маҳмили умр аз дари ту баст,
Ӯро хубоби ашк ба ҷои ҷарас бувад.
Дар чашми хеш нур надорад зи ҳачри гул,
Булбул агарчи мардуми чашми қафас бувад.
Он, к-аз ғуломии ту гурезад, кучо равад,
В-он кас, ки бандаи ту набошад чи кас бувад?
Сокӣ, ба зӯҳду тавбаи ман эътимод нест,
Май оташ аст, ин ҳама хошоку хас бувад.
Гуфтӣ, ки бандаи рухи ман бош, Мушфиқӣ,
Ӯро ҳам аз худой ҳамин мултамас бувад.

БА РАҲИ ИШҚ РАВ, ЭЙ ЗОҲИДИ ДУРАФТОДА

Ба раҳи ишқ рав, эй зоҳиди дурафтода,
Ки гирифтаст сари роҳи туро саҷҷода.
Бода ҳар чанд намояд зи сафо рӯй дар ӯ
Чун лаби лаъли ту набвад чӣ намояд бода?
Аз дили содаи ман меҳри ту сар зад, оре
Меҳр сар барзанад аз субҳ, ки бошад сода.
Сар ниҳодем дар ин роҳи хатарноку ҳанӯз,
Шавқи побӯси туро аз сари худ нанҳода.
Ба ту додам дили худ, вои асире ки ба ӯ
Мекунӣ ин ҳама бедоду туро дил дода.
Дар гулистони ҷаҳон дасту диле мебояд,
Ки бувад бар сифати сарви касе озода.
Мушфиқӣ назми диловези ту обест равон,
Оби назми дигарон пеши назар истода.

ҒАМ МЕХЎРАД МАРО, МАН АГАР ҒАМ НАМЕХЎРАМ

Рӯзе ки чоми бода бувад, ғам намехӯрам,
Ин дам, ки зиндаам, ғами олам намехӯрам.
Гирам, қазо ба куштани ман саъй мекунад,
Сахл аст ин қадар, ғами ин хам намехӯрам.
Даври ачаб расид, ки аз соғари фалак,
Як чуръа май ба хотири хуррам намехӯрам.
Аз хони дахр сохтаам бо каму зиёд,
Андӯхи ин зиёдаву он кам намехӯрам.
Рӯзе намеравад чу санавбар дар ин чаман,
К-аз тундбоди ходиса барҳам намехӯрам.
Дармондаам ба ин дили ғамхора Мушфикӣ,
Ғам мехӯрад маро, ман агар ғам намехӯрам.

МАРДУМИ САНЧИДА МЕДОНАНД ҚАДРИ РОСТОН

Дар гулистон бода хӯрдан бе дили пурхун чи ҳаз?
Гулрухе соқӣ набошад, аз маи гулгун чӣ ҳаз?
Аҳли дилро гӯш бар афсонаи ишқ асту бас,
В-арна аз Лайлӣ чӣ максуд асту аз Маҷнун чи ҳаз?
Маҳрами базми туанд ағьёру ман маҳрум аз он,
Аз нишоти дигарон дар хотири маҳзун чи ҳаз?
Мардуми санчида медонанд қадри ростон,
Ҳар касеро аз хироми он қади мавзун чи ҳаз?
Аз дили чокам ғараз изҳори доғи меҳри туст,
В-ар на чун сарбаста бошад нома аз мазмун чи ҳаз?
Мефазояд бар рухат ҳар рӯз меҳри Мушфиқӣ,
Ишқ медонад, ки дорад хусни рӯзафзун чи ҳаз?

НЕЪМАТИ ДИДОР БЕҲ АСТ АЗ ҲАМА ЧИЗ

Гарчи раҳ нест ба боми ҳарами майкадаам.
То ба максуд расам, даст ба ҷое задаам.
Нест бар сафҳаи хотир рақами шавқ маро,
Чун қалам баста сияҳ бар сару мотамзадаам.
Дӯстон носеҳи беҳуда мабошед, ки ман
Он чи бояд нашудам, он чи набояд шудаам.
Вах, ки аз хуни ҷигар чашми маро баст фирок,
Сохт маҳрум зи рӯи ту ба ин шӯъбадаам.
Чун ба озори дилам фоида аз марҳам нест,
Ҳаст озори дил аз марҳами бефоидаам.
Мушфиқи неъмати дидор беҳ аст аз ҳама чиз,
Ҳеч гах дида нашуд сер аз ин мондаам.

ЧИЗЕ НАМОНДААСТ, КИ МАРДУМ НАГУФТААНД

Ушшоқ агар чи рози дили худ нуҳуфтаанд,
Чизе намондааст, ки мардум нагуфтаанд.
Дар ишқ миру зинда шав, эй дил, ки зери хок
Осудаанд зиндадилоне ки хуфтаанд.
Мо ҳам шукуфтаем зи гулҳои доғи дил,
Дар мавсиме ки лолаузорон шукуфтаанд.
Ағьёр шаб ба кӯи ту буданд то саҳар,
Дар хотири ман аст ғуборе ки руфтаанд.
Ашки ниёз гавҳари ишқ аст, Мушфиқи
То дидаем бехтар аз ин дур насуфтаанд.

БАР РОҲ АСТ ЧАШМИ ИНТИЗОР

Эй сабо рафтй, ки гарде оварй аз кӯи ёр,
Дер меоиву бар роҳ аст чашми интизор,
Гарчи аз дасти ҷафоят хок бар сар мекунам,
Бар дилат аз ман намехоҳам, ки биншинад ғубор.
Шамъи рухсори ту дар фонуси хиргоҳ аст, ман
Дар хаёли мурдани худ аз бурун парвонавор.
Хоки роҳат нури чашму доғи ишқат миннат аст,
Пой дар чашмам неҳу миннат ба ҷони ман гузор.
Баъди мурдан ҳар гиёҳе к-аз сари хокам дамад,
Чун расад боде зи кӯи дӯст гардад бекарор.
Рӯзгоре шуд, ки дорад Мушфиқиро тирарӯз,
Дар ҷаҳон, ё раб, ки рӯзи хуш набинад рӯзгор.

ЧАШМИ ХУД РАВШАН БА РЎИ ҲАМЧУ МОҲАШ ДОШТАМ

Бас ки дар дил ҳасрати чашми сиёҳаш доштам,
Оҳуе дидам туфайли ў нигоҳаш доштам.
Дар дили шаб рў ба меҳнатхонаи ман дошт ғам,
Шўъла зад оҳам, чароғе пеши роҳаш доштам,
Қадри он шабҳо надонистам, ки то маҳ менишаст,
Чашми худ равшан ба рўи ҳамчу моҳаш доштам.
Зери девораш хуш он рўзе ки чашмам мепарид,
Миннате болои ў аз барги коҳаш доштам.
Шоми ҳичрон бар дили худ раҳм меомад маро,
Гарчи рўзи худ сиёҳ аз дуди оҳаш доштам.
Умр бигзашту сарам болини осоиш надид,
Солҳо аз зонуи худ такьягоҳаш доштам.
Мушфиқи рўзе ки бояд чашм пўшид аз ҷаҳон,
Орзўи дидану шавқи нигоҳаш доштам.

ДОДИ ДИЛ АЗ КӢ ХОҲАМ?

Чашмони фитначӯят куштанд бегуноҳам,
Хуни худ аз кӣ ҷӯям, доди дил аз кӣ хоҳам?
Ман Бестуни дардам, Фарҳоди ӯ дили ман,
Лаъли лаби ту Ширин, гулгуни ӯст оҳам.
Сад хор аз рақибон дар роҳи ишқ дорам,
Ёре бувад, ки хоре дур афканад зи роҳам.
Азбаски дар фироқат коҳида шуд тани ман,
Бар рӯи оби дида монанди барги коҳам.
Аз лаъли майпарастат розӣ ба як ҷавобам,
В-аз чашми ниммастат қонеъ ба як нигоҳам.
Эй шамъи хубрӯён парво надорӣ аз ман,
К-аз дуди оташи дил шуд ҳонумон сиёҳам.
Чун Мушфиқӣ ҳамеша манзури ёр будам,
Аз чашми ӯ наяфтам, дорад худо нигоҳам.

ОТАШ ЗАНАМ

Ҳар шабе аз оҳи дил кошонаро оташ занам,
Шамъро сӯзам, дили парвонаро оташ занам.
То ба рағми ман насозад хонаи ишрат рақиб,
Пеш аз мурдан ба кӯят хонаро оташ занам.
Бо ҳама раъноӣ аз оҳи дилам андеша кун,
Хирмане сӯзад агар як донаро оташ занам.
Ин ҳама оташ ба ҷони ман зи дасти дил фитод,
Гар ба даст афтад дили девонаро оташ занам.
Ҷои ҳар оташ дар ин вайрона доғи ҳасрат аст,
Ҷои он дорад, ки ин вайронаро оташ занам.
Мушфикӣ дар дафтари айём мазмуни фаност,
Оқибат авроқи ин афсонаро оташ занам.

ПАЙРАВИ ПИРИ ХУҶАНДИЯМ

То хок шуд ба роҳи вафо сарбаландиям,
Дар ғояти фитодагиву мустамандиям.
Омад табиб то биниҳад даст бар дилам,
Бар дил ниҳод дасти худ аз дардмандиям.
Рӯзе ки дидаму бути худ сохтам туро,
Фармуд куфри зулфи ту зуннорбандиям.
Бар худ писандам аз ту ҷафое ки мерасад,
Дар мулки ишқ мерасад аз худписандиям.
Назми ту Мушфиқӣ ба камоли ҳасан расид,
То гуфтай, ки пайрави пири хуҷандиям[1].

---

[1] Мушфиқӣ дар тахти „пири хуҷандӣ" Камоли хуҷандиро дар назар дорад.

МОЕМУ ҒАМИ БЕСАРУ СОМОНИИ БИСЬЁР

Моему ғами бесару сомонии бисьёр,
Ҳамсӯҳбати ҷамъеву парешонии бисьёр.
Хӯ карда ба дарди дилу ғамхории андак,
Дармонда ба кори худу ҳайронии бисьёр.
Ҷон сарфи бутон кардаву андеша накарда,
Аз кардаву нокарда пушаймонии бисьёр.
Дониста ки шуд умр, надониста, ки чун шуд,
Имрӯз хиҷил гашта зи нодонии бисьёр.
Дар мулки дилам сабр маҷӯед, ки он ҷо
Ободии кам дораду вайронии бисьёр.
Гар зоҳиди садсола маи лаъли ту бинад.
Кам сабр намояд ба мусулмонии бисьёр.
Дорад ҳама дам Мушфиқӣ изҳори надомат,
В-аз дидаи гирьён гуҳарафшонии бисьёр.

МО ДУ ҶОНИ ЯК БАДАНЕМ

Шикаст тавбаи мо пири дайр шукр кунем,
Ба даври давлати ӯ май хӯрему май шиканем.
Нуҳуфта оташи дил кай шавад, ки лоласифат
Намуда доғи дарун аз буруни пераҳанем.
Ту сарви ёсуману мо гиёҳи сӯхтаем,
Ту лолаву гулу мо хору хас дар ин чаманем.
Ғами ту ҳамдами ҷон шуд чунон, ки мегӯянд,
Ки дар тариқи вафо мо ду ҷони як баданем.
Шикастай дили мо, эй фалак, ба санги ситам,
Ту Бесутун шудай мо ба ҷои кӯҳканем.
Ҳадиси шавқи ту унвони лавҳи турбати мост,
Чу нома лаб зи сухан бастаему дар суханем.
Баланд ҳиммат аз онем, Мушфиқӣ чун сарв,
Ки хоки роҳи саҳиқоматони симтанем.

МУРҒИ ШИКАСТАБОЛ

Шуд дар хазони ҳаҷри ту афзун малоли ман,
Ку абри навбаҳор, ки гирьяд ба ҳоли ман?
Шармандаам, ки пеши ту ҷон кардаам нисор,
Бар рӯзгори ман нигару инфиоли ман.
То сар кашид сарви ту дар боғи эътидол,
Вайронатар шуд ин дили беэътидоли ман.
Оҳуи чин, ки сурмаи чашм аст гарди ӯ,
Кай мерасад ба гарди ту мушкин ғизоли ман.
Мурғи шикастабол ба санги маломатам,
Озори ман мачӯй, битарс аз вуболи ман.
Мӯе шудам зи ҳасрату берун намеравад
Савдои турраи ту ҳанӯз аз хаёли ман.
Ҳолест дар сафинаи назми ту, Мушфиқӣ,
Бархон ба оби дида равон ҳасби ҳоли ман.

ЭЙ ҶОН, НАФАСЕ ОМАДА БЕМОРИИ МАН БИН

Эй ҷон, нафасе омада бемории ман бин,
Дарди дили ман гӯш куну зории ман бин.
Домони дилам хори ҷафои ту гирифтаст,
Дар бодияи ҳаҷр гирифтории ман бин.
Бо ҳар ки асири ту шавад гирьяму гӯям,
Гар иззати худ металабӣ хории ман бин.
Ҳаргиз ба ҷафо аз сари кӯи ту нарафтам,
Эй, ман саги кӯи ту вафодории ман бин.
Шаб нест, ки бе лаъли ту, танҳо наканам дил,
Ҷон кандани шабҳову дилафгории ман бин.
Ёрои сухан он қадарам нест, ки бо ту
Гӯям, ки ба ман ёр шаву ёрии ман бин.
Дар роҳи талаб Мушфиқӣ аз пой фитодам,
Саъйи мани маҳруму талабгории ман бин.

ҲАМ НОЗУКӢ, ҲАМ НОЗАНИН

Ин аст дорад ҳар касе коми диле аз ёри худ,
Ман ноумед аз коми дил, ҳам ноумед аз кори худ.
Дорам зи сарви наврасе чун лола доғи дил басе,
То кай ниҳон дорад касе доғи дили афгори худ.
Лаълат масеҳу ман зи таб аз по фитода рӯзу шаб,
Баҳри худо бикшой лаб дар пурсиши бемори худ.
Ҳам нозукӣ, ҳам нозанин, бархезу дар чашмам нишин,
Мапсанд маҳрумам чунин аз давлати дидори худ.
Ман кистам? Бо сад алам афтодае дар кӯи ғам,
Хун хӯрда аз дил дам ба дам, ғам дида аз дилдори худ.
Дар шиква аз хӯи туам, чун раҳ фитад сӯи туам,
Дар ҳайрат аз рӯи туам, шарманда аз гуфтори худ.
Эй боғбони гул нигар дорам ба раъное назар,
Ашки ману хуни чигар чашми туву гулзори худ.
То Мушфикиро суху дил аз меҳри он паймонгусил,
Чун шамъ дорад по ба гил аз гирьяи бисьёри худ.

БАНДААМ

Илтифоту ваъдаву меҳру вафоро бандаам,
Боз буньёди тағофул шуд адоро бандаам.
То сабо аз ҷайби гул бӯи ту меорад ба ман,
Бӯи гулро дӯст медорам, саборо бандаам.
Рӯзии худ мехӯрад ҳар кас, ману ғамҳои ёр,
Мениҳам бар ҷони худ миннат худоро бандаам.
Банда месозад касеро, маҳвашон таври шумо,
Мардуми хубед, атвори шуморо бандаам.
Гар ба дил майли ҷафо дорӣ саги кӯи туам,
В-ар ба ман майли ситам дорӣ вафоро бандаам.
То зи нахли қомати раъно балои ман шудӣ.
Гар зи боло сад бало ояд балоро бандаам.
Мушфиқиро кушт ёру зинда месозад зи сар,
То кушад бори дигар, ин хунбаҳоро бандаам.

МАҚСУДИ МАН ВАФОСТ

Дармони дил кучост, ки баҳри даво равам,
Бечораам, илоҷ надорам, кучо равам?
Моил бувад парӣ ба азимат, ту нестӣ
Ҳар чанд бар азимати меҳру вафо равам.
Коҳидаам чунон, ки зи дил оҳ агар кашам,
Монанди барги коҳ ба боди фано равам.
Овози сели гирьяву гирдоби ӯ бас аст,
Чун дар баҳор аз паи баргу наво равам.
Худро диҳам қарору нишинам ба гӯшае,
Ногаҳ хироми сарви ту бинам зи ҷо равам.
Кӯи ту қибла, каъбаи ман остони туст,
Ҳоҷат ба каъба нест, ки баҳри дуо равам.
Мақсуди ман вафост дар он кӯй, Мушфиқӣ
Бар худ ҷафо писандам агар аз ҷяфо равам.

ХОҲАД ШУДАН

Сурмаи чашми рақибон хоки раҳ хоҳад шудан,
Рӯи ҳар ҷо душмане бошад сияҳ хоҳад шудан.
Дар дилам чун моҳ метобад, ки рӯзе он парӣ
Нури чашми ман ба рӯи ҳамчу маҳ хоҳад шудан.
Нест гулзори ҷаҳон якранг медонам, ки боз
Дида сарви қоматашро ҷилвагаҳ хоҳад шудан.
Сар агар ин асту савдо баҳри он султони ҳусн,
Хоки роҳи хайлу помоли сипаҳ хоҳад шудан.
Ҷони ҳар бедил, ки пок аз оташи ишқат бисӯхт,
Дар кадом оташ дигар пок аз гунаҳ хоҳад шудан?
Бар баногӯши маҳи ман зулфи мушкин ҳалқа зад,
Ҳалқае дар гӯши моҳи чордаҳ хоҳад шудан...

ДАРДИ БЕДАВОИ МАҲ

Гиребонро задам чоку ниҳодам доғ, вои ман,
Шаби ғам гар намебуданд инҳо гар давои ман.
Ба ман пайвастаи, эй доғу аз дасти ту месӯзам,
Ту ҳам, эй гирья ғаммозиву доим ошнои ман.
Зи дуди дил сияҳ шуд хонумони ман, бувад рӯзе,
Ки ин меҳнат сар ояд бар ману меҳнатсарои ман.
Зи боло сад бало аз баҳри чони ман фурӯ ояд,
Фалакро гар шикофад дар шаби ҳичрон дуои ман.
Зи бас дар нома шарҳи орзӯмандӣ рақам кардам,
Қалам шуд саргарон аз номаи меҳру вафои ман.
Кашидам пой дар доман дар ин водӣ, надонистам,
Ки хори рафта дар доман барорад сар зи пои ман.
Ҳама ғамҳои олам бахши ғоиб буд пиндорӣ,
Ки чун ман омадам, карданд ҳозир аз барои ман.
Давои дил зи бедардон начӯям, Мушфиқӣ ҳаргиз,
Ки аҳли дард медонанд дарди бедавои ман.

ЁФТААСТ

Гул зи бӯи ту ба гулзор хабар ёфтааст,
Наргис аз чашми сиёҳи ту назар ёфтааст.
Лоласон ҳар ки ба дил доғи таманнои ту бурд,
Доманаш ранг ба хуноби ҷигар ёфтааст.
Гар ба кӯи ту наёбам гузаре, хоҳам шуд
Хоки пое ки ба кӯи ту гузар ёфтааст.
Ҷунбиши меҳри ту аз силсилаи ашки ман аст
Гӯиё риштаи ғаввос гуҳар ёфтааст.
Сина бутхона шуд аз сурати хубону дилам
Каъба бигзоштаву буткада дарьёфтааст.
Мушфиқӣ дар раҳи ишқи ту хуш аст аз рухи зард,
Хоксори ту нигар муфлиси зарьёфта аст.

АЗ ХУМИ МАЙ ТАРАБ ОМӮЗ

Муршиди дайр бувад соқии фархундасиришт,
Метавон даст ба ӯ доду даромад ба биҳишт.
Ману меҳри хатти хубон, ки дигаргун нашавад,
Он чи дар рӯзи азал хомаи тақдир навишт.
Аз хуми май тараб омӯз, ки аз чо наравад,
Гарчи аз токи фалак бар сари ӯ ояд хишт.
Машраби тоифае гир, ки аз вахдати ишқ
Май зи соғар нашиносанду харамро зи куништ.
Ҷадвали оби равон чӯй, ки наққоши баҳор
Бе қалам лолаву занҷир кашад бар лаби кишт...
Мушфиқӣ шуд зи ҷафоҳои фалак чун қаламӣ
Лек харгиз рақами мехру вафо дарнанавишт.

БАҲОР ШУД, КАДАҲ ОН БЕҲ, КИ РАНГИ ЛОЛА НАМОЯД

Баҳор шуд, қадаҳ он беҳ, ки ранги лола намояд,
Бунафша дар назар ояд сари ғизола намояд.
Зи доғи лола расад дар чаман ба хотири мастон,
Саводи наргиси сокӣ чу дар пиёла намояд.
Зи пардаҳои дили хунфишон чу нома нависам,
Ки хомаи мижа таҳрири он рисола намояд.
Чу сабза тарҳи ишқомат фикан ба тарфи гулистон,
Ки фарши он гулу дандонааш зи жола намояд.
Нишони хиргаҳи он маҳ кунам тасаввуру гирьям,
Ба ҳар замин, ки шавад шому маҳ зи ҳола намояд.
Чу по ба санг расад обро зи шавқи хиромат,
Ачаб набошад аз ӯ гар хурӯшу нола намояд.
Насиби ман зи фалак, Мушфиқӣ, чӣ буд, надонам
Ки ҳар бало, ки расад сӯи ман ҳавола намояд.

ГУЛИ СУРХ

Сокиё хез, ки омад ба тамошо гули сурх,
Боғ шуд базму қадаҳ лолаву саҳбо гули сурх.
Боз шуд оташи хокистари булбул равшан,
Ки барафрӯхта рухсораи зебо гули сурх.
Ба ҳавои гули рухсори ту созад ҳар субҳ,
Тугмаи ғунча зи пероҳани худ во гули сурх.
Сӯзан аз ҷайб бароварда магар мехоҳад,
Дар ғамат хори маломат кашад аз по гули сурх.
Ашк аз чашми ману хӯ зи ҷабини ту чакад,
Рӯяд ин чо гули зарду дамад он чо гули сурх.
Мушфиқӣ доғи дилу дидаи пурхун дорад,
Накунад дар чамани даҳр таманно гули сурх.

СОҚӢ БА АЙШ КӮШ!

Соқӣ ба айш кӯш, ки дар базми навбаҳор,
Шуд ҳар шукуфа сурати ҷоми хиёрадор.
Аз ҷоми лаъл ҷуръафишонӣ кунад касе,
Бахшад савоби он ба шаҳидони лолазор.
Савсан чаро итоға набандад кунун, ки шуд
Шоҳи гул аз насими сабо бодпосавор.
Кавсар, ки зоҳид аз ғами ӯ оби хуш нахӯрд,
Пеши қадаҳкашон дами обест дар хумор.
Қумрӣ ба боғ панҷара аз барги сарв сохт,
Аз чокҳои синаи ман нолаҳои зор.
Афтода бар ғубори танам қатраҳои ашк,
Дар доми ғам фитодаам аз чашми ашкбор.
Бо доғи ишқ, нолаи дил сохт Мушфиқӣ
Баргу навои боғи ҷаҳонро чӣ эътибор?

ИН ТУРФА

Имрӯз, ки соқии чаман наргиси маст аст,
Булбул шуда гӯяндаву гул доирадаст аст.
Бар хор шакар бандаду ин турфа, ки шабҳо,
Хун бар мижаам аз шакари лаъли ту бастаст.
Пайваста камон майл ба абрӯи ту дорад,
Бо он, ки дуто гаштаву дар хона нишастаст.
Хатти ту дуруст аз варақи ҳусн аён шуд,
Ҳар чанд туро дар қалами зулф шикаст аст.
Бархоста аз ҳастии ман гард, валекин
Бар хотири ман аз ту ғуборе нанишастаст.
Онҳо, ки ба сабза нигаранд аз хати сабзат,
Шак нест, ки аз раҳгузари ҳиммати пастаст.
Вораста зи ҳар қайд дили Мушфиқӣ, аммо
Аз қайди каманди сари зулфи ту нарастаст.

ШУКУФТ ҒУНЧАВУ ОҲАНГИ НОЛА БУЛБУЛ КАРД

Шукуфт ғунчаву оҳанги нола булбул кард,
Муҳаббате ки ниҳон дошт оқибат гул кард.
Ба ишва чашми туам ваъдаи карам фармуд,
Чу вақт шуд, ки иноят кунад, тағофул кард.
Маҳи чаҳорда бар авчи ҳусн дид туро,
Зи нози хеш фуруд омаду таназзул кард.
Ба кӯҳ сӯҳбати Фарҳод баски сангин буд,
Шикаст шавкати Парвез аз он тачаммул кард.
Шабе ки пардаи фонус медарид насим,
Магар ки ҳасрати парвонаро таҳаййюл кард.
Касе расид ба чое ки дар тарики вафо,
Қадам ниҳод, гузашт аз сару тавакқул кард.
Зи бахри васфи хатат Мушфики ба тарфи чаман,
Варақ зи лола гирифту калам зи сунбул кард.

ДАВРИ ГУЛЗОРИ ШУКУФА ТАРАБ АНГЕХТААНД

Даври гулзори шукуфа тараб ангехтаанд,
Гирди он доира гӯё ки садаф рехтаанд.
Барги лола паи наққоши чаман пиндорӣ
Гӯши моҳист, ки шангарф дар ӯ рехтаанд.
Ғунчаҳо домани худ барзадаанд аз паи ранг,
Ҳамчу мастон ба гиребони гул овехтаанд.
Бод хушбӯст, магар атрфурӯшони баҳор
Анбари суда ба волои ҳаво рехтаанд.
Акси рухсори гулу оби равонро бо ҳам
Нест вачҳе ки ба ин гуна даровехтаанд.
Мушфикӣ роҳи чаман гир, ки мурғони ҳазин,
Чуз ба боғ аз қафаси ҳодиса нагрехтаанд.

БА ЯК ҒАМХОР ДОРАМ ЭҲТИЁҶ

Арзи ҳоли худ ба лаъли ёр дорам эҳтиёҷ,
Ёр мустағниву ман бисьёр дорам эҳтиёҷ.
Ранҷи ман аз шарбати унноби шаккаррези туст
Шарбате баҳри дили бемор дорам эҳтиёҷ.
Сад сухан аз эҳтиёҷи худ ба кӯят мебарам,
Боз он ҷо қуввати гуфтор дорам эҳтиёҷ.
Бар дили озурдаам дасте бинеҳ аз марҳамат,
Марҳами лутфе ба ин озор дорам эҳтиёҷ.
Бар мани бечора лутфе кун, худоро, эй табиб,
Чорае баҳри дили афгор дорам эҳтиёҷ.
Мушфиқӣ дар ҳар даме мӯҳтоҷи сад ғам нестам,
Лек дар умре ба як ғамхор дорам эҳтиёҷ.

НАРАФТ

Аз ҷон ҳавои васли ту, эй дилрабо нарафт,
Ҷон рафту орзуи ту аз ҷони мо нарафт.
Саҳрои сина лолаистон шуд маро зи доғ,
Мушкин ғизоли ман ба тамошо чаро нарафт.
Аз ҳар мижа сиришки чигаргун гиристам,
Бар рӯи ман зи дидаи гирьён чиҳо нарафт!
Мурдам ба дарду доғи дилу бар забони ман
Ҳаргиз ҳадиси марҳаму номи даво нарафт.
Аз барки оҳ хирмани умрам тамом сӯхт,
Аз ҷони ман сиёҳии доги ҷафо нарафт.
Умре муқими хоки дарат буд Мушфиқӣ,
Чандин ҷафо кашиду зи кӯи вафо нарафт.

ХУБ БОШАД ҲИКОЯТИ ХУБӢ

Эй рухат дар ниҳояти хубӣ,
Хатти сабзи ту ояти хубӣ.
То ба ғоят, кӣ дида чун ту гуле,
Аввали ҳусну ғояти хубӣ?
Менамояд, ки оламафрӯз аст,
Маҳи нав дар бадояти хубӣ.
Чашми шӯхи ту хуни мардум рехт,
Дар паноҳи ҳимояти хубӣ.
Куштаи теғи ишқро набвад
Хунбаҳо дар вилояти хубӣ.
Ханда бошад риояти хубон,
Бӯса бошад иноятиҳубӣ.
Сухани Мушфиқӣ зи хубии туст,
Хуб бошад ҳикояти хубӣ.

АФСОНА ХОҲАМ ШУД

Парирӯе дилам бурд аз ғамаш афсона хоҳам шуд,
Надорам тоқати хичрони ӯ девона хоҳам шуд.
Мусулмонон, зи дин бегонае шуд ошно бо ман,
Ба ҳар ёре ки будам ошно бегона хоҳам шуд.
Ба дастам донае дил нест, дар зери замин ё раб,
Чӣ созам тӯҳфа бо мӯре ки ман ҳамхона хоҳам шуд.
Гадои кӯи ишқам, ман куҷову он шаҳи хубон,
Маҳол аст ин, ки ӯро маҳрами кошона хоҳам шуд.
Рақибо, то бувад базм аз чароғи ҳусни ӯ равшан,
Туро парво нахоҳад буд, ман парвона хоҳам шуд.
Дар ин дайри фано барҳам хӯрад чун обу хоки ман.
Харифони балокашро гили паймона хоҳам шуд.
Ҷунун варзидаам дар кӯи хубон, Мушфиқӣ умре,
Кучо аз панди мардум ин замон фарзона хоҳам шуд.

ИН ҲАМА

Эй, ки чашмат ишвачӯи фитнасоз аст ин ҳама,
Чашм медорам, нигоҳе кун, чӣ ноз аст ин ҳама.
Сирри ишқ аз дидаи гирьёни ман берун фитод,
Аз даруни парда гавҳарҳои роз аст ин ҳама.
Дар суҷуди коматат ту бо ба ёди ман расид,
Сачдаҳои ман зи саҳви он намоз аст ин ҳама.
Менамоям бо ту ашки симу рӯи ҳамчу зар,
Худнамоӣ нест, аз рӯи ниёз аст ин ҳама.
То бадал шуд бо хазони ҳаҷр наврӯзи висол,
Рӯзҳо кӯтаҳ шуду шабҳо дароз аст ин ҳама.
Моҳи ман аз ноз, метарсам, ки бигзорад маро,
Шамъ аз нозе ки дорад дар гудоз аст ин ҳама.
Дар ҳақиқат, гирьяҳои Мушфиқӣ аз баҳри туст,
Гарчи пеши мардум аз айни маҷоз аст ин ҳама.

ҲАҚ КАРДА

Рухат имшаб, ки ҳамчун гул зи тоби май арақ карда,
Ачаб дорам, ки моҳ аз ҳола худро бар табақ карда,
Шабе к-аз нолаи ман хонда дарси ошиқӣ булбул
Саҳар пеши чароғи ғунча такрори сабақ карда.
Агар хуни маро теғи ситамгори ту мерезад,
Намегӯям ба ноҳақ кардай, гӯям, ки ҳақ карда.
Зи чонам як рамақ мондасту ман аз сунбули зулфат
Ба бӯе конеам, бӯи туро садди рамақ карда.
Ғуборе к-аз сари кӯят сабо дар дида афшонад,
Бувад хуштар зи афшони ғуборе бар варақ карда.
Ба ёди лаъли ширинат рутабро хаста мебинам,
Аз ин ҳасрат диле дорад даруни сина шақ карда.
Шафақ пайдо шавад аз мехру ин чархи чафопеша
Зи бемехрӣ сиришки Мушфикиро чун шафақ карда.

КАДАҲ ЗИ ДАСТ МАДЕҲ

Касе чу ғунча зи даврон намонд бо дили танг,
Ки сохт мадди назар мавҷи бодаи гулранг.
Чу май диҳӣ ба ҳарифон фиканда акс дар у,
Шавам ҳалок аз он илтифоти ранг ба ранг.
Ба ошиқон сари ҷанг асту фитна чашми туро,
Ба фитна абрӯи ту моил асту бар сари ҷанг.
Қадам кашид дигар носеҳ аз маломати ман,
Зи баски шишаи номуси худ задам бар санг.
Саги ту канд заминро ба рӯзи марги ракиб.
Касе кучо барад ин ору чун кашад ин нанг?
Дуто шудам зи ғами ишқу зор менолам,
Ба нола дол бувад қомати хамидан чанг.
Қадаҳ зи даст мадеҳ, Мушфикӣ ба пои гуле,
Кунун, ки булбули мутриб ба боғ кард оҳанг.

НАМЕГАРДАМ

Зи ҳарфи ишқ теғ ояд агар бар сар намегардам,
Сари ман гар равад ҳарфе ки гуфтам барнамегардам.
Туро бар гирди сар мегардаму дар ҳасрати онам,
Ки аз по мефитам беҳушу боз аз сар намегардам.
Дигар шуд рӯзгори ишқи ман дар кӯи бадномӣ,
Ҳамон расво ки будам, ҳастаму дигар намегардам.
Табибо, хастаи ҳаҷрам, замоне дастгирӣ кун,
Башорат дех агар мемираму беҳтар намегардам.
Танам фарсуда гардид аз балои ишку ман як дам
Зи фармони дилу фармудаи дилбар намегардам.
Диле дорам парешон чун шарор аз оташи ишқат,
Нахоҳад ҷамъ шуд, то мушти хокистар намегардам.
Зи хоки факр дорам, Мушфики гарде ба рухсора,
Чу иксири қаноат ҳаст гирди зар намегардам.

ҶУЗ СОЯ КАС НАДОРАМУ ОН ҲАМ ЗИ МАН ҶУДОСТ

Пайғоми лаъли ёр набуд аз рақиб рост,
Ҳар чо дурӯғгӯй бувад душмани худост.
Умри маниву металабам аз худои худ,
То боз бар сарам фиканӣ соя, умрҳост.
Баста камар ба куштани Фарҳод Бесутун,
Ҷуз теғи ӯ касе ки шаҳодат диҳад куҷост?..
Аз сели ашк хонаи ман гар шикаст, рехт,
Бечораам, зи раҳгузари он, ки ошност.
Месӯзам аз ҷудоии он офтоби ҳусн,
Ҷуз соя кас надораму он ҳам зи ман ҷудост.
Бар хоки ман ҷафои хаданги ту хона кард,
Чун дид пур зи гарди маломат, нишасту хост.
Аз ҷоми васл ҷуръа нахӯрдем, Мушфиқӣ
Моро, ки гар насиб набошад, насиби мост.

РӮИ МУРОДЕ ҲАРГИЗ НАДИДАМ

Имшаб ба хона он маҳ даромад,
Чандон нишастем, то маҳ баромад.
Рӯи муроде ҳаргиз надидам,
Аз номуродӣ умрам сар омад.
Гесӯ ба поят сар мегузорад,
Хоҳам аз ин ғам аз по даромад.
Дасти сабурӣ бар дил ниҳодам,
Мурғи диламро болу пар омад.
Онро, ки доғе бар дил надидам.
Доғи дили кас кай бовар омад?
Аз гирья девор афтад шунидам,
Маълуми ман шуд, чун бар сар омад.
Ғам Мушфикиро ёр асту хамдам.
Чун хотири ӯ ғампарвар омад.

МАДОРЕ НАБУВАД ОТАШИ ХАСРО

Бо чини ду абрӯ мафиреб аҳли ҳавасро,
Бошад ҳазар аз токи шикаста ҳама касро.
Парвоз кунад сӯи хатат ҷони асирон,
Пайдо шудан оғози баҳор аст магасро.
Афрӯхта чун гул машав аз ишқи рақибон.
З-он рӯ, ки мадоре набувад оташи хасро.
Фарьёди дил аз азми сафар кардани ёр аст,
Бе ҷунбиши маҳмил набувад нола ҷарасро.
Мирам зи аҷал пеш, ки тутӣ ба ҳамин ранг
Аз ҷаври фалак ҷасту тиҳӣ кард қафасро.
Ғаввос шудӣ, Мушфиқӣ аз чашми гуҳарбор,
Бо кас макун изҳору нигаҳ дор нафасро.

ҲАР КАС ОШНОИ ИШҚ НЕСТ

Дар сарам ҳар лаҳза савдоест аз ҷононае,
Нест миқдори сари ман ҳеҷ савдохонае.
Дини ман ишқасту ҳар кас ошнои ишқ нест,
Ҳаст дар роҳи мусулмонӣ зи дин бегонае.
Шоми ҳиҷрони ту гулҳои чароғи ошиқист—
Оташи афтода з-оҳи ман ба ҳар парвонае.
Дар дили вайрони ман ҳар шаб шавад меҳрат фузун,
Нури маҳ пеш афтад аз ҳар хона дар вайронае.
Аз дилам тири ту сар зад ғарқи хун сӯфори ӯ
Гул зи нахле бардамад дар боғу нахл аз донае.
Бодаи ишрат мачӯ, эй дил, ки умре бигзарад,
То дар ин майхона касро пур шавад паймонае.
Мушфикӣ ҷон дех ба ишку зиндаи ҷовид бош,
Харчи бошад ғайр аз ин хобест ё афсонае.

НАМЕТАВОНАМ ГУФТ

Ситамгаре ки саломаш наметавонам гуфт,
Ҳалоки ӯяму номаш наметавонам гуфт.
Асири бандагии ишқи золиме шудаам,
Ки ҳоли худ ба ғуломаш наметавонам гуфт.
Ҳадиси оҳи дилам мавҷиби парешонист,
Ба зулфи ғолияфомаш наметавонам гуфт.
Рухаш чу оинадорони хусну ман ғами худ
Ба рӯи моҳи тамомаш наметавонам гуфт.
Ба ҷон мукайяди сарве шудам, ки пеши касе,
Дилам рабуда, хиромаш наметавонам гуфт.
Мухолифанд ракибону чанд гоҳ гузашт,
Ки дар куҷост макомаш наметавонам гуфт.
Ғаме ки хос бувад, Мушфикӣ, ба ҳазрати дӯст,
Ба пеши мардуми омаш наметавонам гуфт.

БЕ ТУ ҲАР ШАБ ОБИ ЧАШМУ ОТАШИ ТАБ ДОШТАМ

Бе ту ҳар шаб оби чашму оташи таб доштам,
Рӯз ҳам пайдо шуд он ҷое ки ҳар шаб доштам.
Бусае к-аз лаъли лаб додӣ ба чандин интизор,
Он замон ман будаму ҷоне ки бар лаб доштам.
Шоми ҳичрон таб мулозим буду ҳамзонӯ рақиб,
Як ба як асбоби мурданро мураттаб доштам.
Субҳ бар бӯи висолат шавқи гулзорам гирифт.
Ғунчаҳоро донаи тасбеҳи ё раб доштам.
Ишваҳои чашми ҷодӯи туам девона сохт,
Ғарчи вирди худ дуоҳои муҷарраб доштам.
Рӯзу шаб саргашта медорад маро даври фалак,
Кас намедонад, ки дар толеъ чи кавкаб доштам.
Шуд ҳарифонро малол аз дурдии ғам Мушфиқӣ,
Ҳар дам афзун шуд нишоти ман, ки машраб доштам.

ҲЕҶ КАРДАМ ОБРӮИ ХЕШРО

Орзӯ дорам ба домони ту рӯи хешро,
То ба кай пӯшам ба доман орзӯи хешро.
Гарчи гардад фитнае боз аз барои ҷони ман,
Боз кун аз хоб чашми фитначӯи хешро.
Чун ба ёдат хона дар кӯи фаромӯшон кунам,
Ёд кун гоҳе фаромӯшони кӯи хешро.
Бар сари кӯи ту гирьён рафтаму расво шудам,
Рафта-рафта ҳеҷ кардам обрӯи хешро.
Мегудозам ҳамчу шамъ аз ришташои ҷони худ,
Душмани худ ёфтам ҳар тори мӯи хешро.
Номаи қатли маро аз холи мушкин мӯҳр кун,
Ҳамчу хотам то ба кай гирам гулӯи хешро.
Мушфиқӣ аз бӯи гулзори рухат ҷон медиҳад,
Бо насими зулф ҳамраҳ соз бӯи хешро.

САБР ЗИ РӮИ ТУ МУШКИЛ

Ҷаъди ту сунбули худрӯ, рӯи ту лолаи зебо,
Чашми ту наргиси ҷоду лаъли ту ғунчаи гӯё.
Сабр зи рӯи ту мушкил, ман ба ҷафои ту моил,
Оташи меҳри ту дар дил, ҷон зи ту волаву шайдо.
Кушта маро ба ҳақорат, чашми ту карда ишорат,
Расми итоби ту ғорат, кори нигоҳи ту яғмо.
Бар хатти сабзи ту ҳайрон, доғи ту бар дили сӯзон,
Сабза ба тарфи гулистон, лола ба домани саҳро.
Ман киям аз ғами моҳе бедили ҷомасиёҳе,
Ҳамдами нолаву оҳе гӯшаи хонаи танҳо.
Оташи доғи муҳаббат, шӯъла зад аз ғами меҳнат,
Дар дилам ин ҳама ҳасрат, дар сарам ин ҳама савдо.
Мушфикӣ омада сӯят, то нигарад маҳи рӯят,
Сохта бар сари кӯят, ҷои ту дидаи бино.

НАРАФТ

Шунид оҳаму дар хоб аз итоб нарафт,
Аз ин алам ҳама шаб чашми ман ба хоб нарафт.
Зи гирья то ба гулӯ буд оби дидаи ман,
Агар чи дар гулӯи ман зи ғусса об нарафт.
Дуто шудам чу инони ту аз умеду маро
Қадди дутошуда як рӯз дар рикоб нарафт.
Сиришки ҳар ки дар ин остона соил шуд,
Зи хоки кӯи ту дигар ба ҳеҷ боб нарафт.
Касе накард ҳавои лаби ту ҳамчу хубоб,
Ки оқибат сари ӯ дар сари шароб нарафт.
Ба чашми аҳли назар Мушфиқӣ азиз нашуд,
Чу ашк то ба заминбӯси он ҷаноб нарафт.

КӢ БАРАД?

Ба ҷуз сабо бари он гул паёми ман кӣ барад?
Дуои ман кӣ расонад, саломи ман кӣ барад?
Ракиб душмани аҳли ниёзу маҳрами васл,
Ниёзи ман кӣ кунад арза, номи ман кӣ барад?
Гиёҳи бодияи меҳнатам, фитода зи пой,
Хабар ба сарви санавбархироми ман кӣ барад?
Расид рӯзи ҳаётам ба шому равшан нест,
Ки ин фасона ба моҳи тамоми ман кӣ барад?
Хуш аст он ки нависиву бар забон орӣ,
Ки ин паём ба сӯи ғуломи ман кӣ барад?
Зи шарбати аҷал уммеди бех шудан дорам,
В-агарна талхии ҳичрон зи коми ман кӣ барад?
Навиштаам зи наи килк, Мушфикӣ, ғазале,
Шакар ба тӯтии ширинкаломи ман кӣ барад?

ОБИ ҲАЁТ ЛАЪЛИ ЛАБИ НӮШХАНДИ ТУСТ

Оби ҳаёт лаъли лаби нӯшханди туст,
Умри дубора сояи сарви баланди туст.
Дасти ту ҳар ки бӯсад аз ин ғам гирех шавад
Хун дар дилам, агар чи инони саманди туст.
Чашми сиёҳу кокули афтода бар ҷабин,
Мушкин ғизолаест, ки сайди каманди туст.
Дилро ба ишқ лофи ғуломиву хидмат аст,
Дар хидмати ту бошад агар дилписанди туст.
Наздик шуд, ки рӯзи ҳаётам ба шаб расад,
Биншин чу офтоб, ки ҷонам сипанди туст.
Эй, пандгӯ ба қавли ту аз ҷо намеравам,
Аз ҷо равам, валек чи ҷое ки панди туст.
Шабҳо, ки синаи ту фигор аст, Мушфиқӣ,
Аз аҳли дард бо ту дили дардманди туст.

ЗАБОНИ ҲОЛ БУВАД ОҲИ ОШИҚОНАИ МО

Вазид боди муроде ба сӯи хонаи мо,
Ниҳод шохи гуле по бар остонаи мо.
Ҳадиси меҳнати мо он қадар, ки гӯй нест,
Касе ки гӯш ниҳад нест бар фасонаи мо.
Ба хок меҳри ту бурдем, ҷилва деҳ тавсан
Ки то зи наъл ниҳад мӯҳр бар хазонаи мо.
Миёни мову ту пайваста буд нисбати васл,
Фироқ омаду раҳ ёфт дар миёнаи мо.
Кабутари ҳарами васл сар фурӯ н-орад,
Агар зи дидаву дил бошад обу донаи мо.
Ба зери хок ҷуз он бедилон, ки осуданд,
Зи аҳли ишқ, кӣ осуд дар замонаи мо?!
Зи ҳоли дил ба забон, Мушфикӣ намеорем,
Забони ҳол бувад оҳи ошиқонаи мо.

БИНАМ ТУРО

Ман, ки бошам моҳи ман то меҳрубон бинам туро.
Толее бояд, ки бо худ ончунон бинам туро.
Чашми мардумро чӣ сон густох бинам дар рухат,
Ман, ки мехоҳам зи чашми худ ниҳон бинам туро.
Дар вафо сад бор агар пеши сагонат чон диҳам,
Боз бо худ дар макоми имтиҳон бинам туро.
Пеш аз он дам пур шавад паймонаи умрам, ки ман
Дар миёни базми хубӣ саргарон бинам туро.
Гарчи аз як диданат расвои олам гаштаам,
Оламе дорад, ки оям ҳар замон бинам туро.
Гашт коми Мушфикӣ талх аз ту, эй захри фирок,
Дар чаҳон, ё раб ба коми душманон бинам туро.

ҲАЙРАТ БАС АСТ, МОНЕИ ДИДАН НИҚОБ ЧИСТ?

Зулфи ту ҳоили рухи чун офтоб чист?
Чун тоқати назора надорам, ҳичоб чист?
Чашми маро, ки волаи хуршеди рӯи туст,
Ҳайрат бас аст, монеи дидан ниқоб чист?
Ман мурғи нимбисмили теғи муҳаббатам,
Дар ман нигар, ки бехудиву изтироб чист.
Гар бишнавӣ фасонаи бехобии маро,
Шабҳо ба хотири ту наёяд, ки хоб чист.
Эй ман ғуломи чашму асири нигоҳи ту,
Такриби хашму боиси чандин итоб чист?
Омад ба хокбӯси дарат ашки Мушфиқӣ,
Соил бар остони ту омад, ҷавоб чист?

ОМАДАСТ

То ба суратхона моҳи ман паривор омадаст,
Сурати наққоши Чинро сар ба девор омадаст.
Мерасам аз водии ғам, метавон дарьёфтан
Он ки дарде бар дилу гарде ба рухсор омадаст.
Гар ба ҳарфе бо ту осон карда бошам дарди худ,
Бар мизоҷи нозукат бисьёр душвор омадаст.
Мекушоям захми шамшери туро пеши рақиб,
К-ин иноятномаам аз ҷониби ёр омадаст.
Аз сиришки ман макаш доман, ки дар ҳар гулшане
Гирьяҳои абр оби рӯи гулзор омадаст.
Бар дилам борони ғам мерезад аз абри фироқ,
З-ин сабаб бар хотирам андӯҳи бисьёр омадаст.
Карда таҳрири ғамат дар нома ҳар ҷо Мушфиқӣ,
Хомаи ӯ ҳамчу най дар нолаи зор омадаст.

ХОҲАМ ГИРИСТ

Ман, ки дар пеши ту рӯзе борҳо хоҳам гирист,
Оҳ агар рӯзе ҷудо монам чиҳо хоҳам гирист?!
Дар фирокат нола хезад ҳар кучо хоҳам нишаст,
З-оби чашмам нола рӯяд хар кучо хоҳам гирист.
Ҳар кучо ёбам сияхрӯзе ба шоми ғам асир,
Ҳамчу шамъ аз меҳнати он бевафо хоҳам гирист.
Шаб, ки аз кӯят ба тавфи хоки махҷурон равам,
То саҳар дар мотами аҳли вафо хохам гирист.
Чашми ман бар остони каъба гар рӯзе фитад,
Аз ғами ҳичрон ба даргоҳи худо хоҳам гирист.
Бе ҷамолат ҳар шаби меҳнат, ки хоҳам рӯз сохт,
Рӯз то шаб нола хохам кард, ё хоҳам гирист.
Мушфикй, бе гирья будан дар ҷудой мушкил аст.
Зинда то бошам зи дарди он ҷафо хоҳам гирист.

БИСЬЁР АСТ

Дар раҳи ишқи ту дилтангии ман бисьёр аст,
Роҳ дур аст, маҳал тангу сухан бисьёр аст.
Ғарази мо сухане аз даҳани ғунчаи туст,
В-арна дар ҳар чаман аз ғунчадаҳан бисьёр аст.
Шона аз зулфи ту дигар ба забон омадааст,
Ки туро дар хами ҳар мӯй шикан бисьёр аст.
Сарв гӯянд, ки дар боғ кам аз қомати туст,
Ин қадар ҳам сифати сарви чаман бисьёр аст.
Чун ту сарве натавон ёфт суманпарварда,
Сарв кам нест дар ин боғу суман бисьёр аст.
Мушфикӣ, дар суханони ту агар фикр кунанд,
Нозукиҳои ғазалҳои Ҳасан[1] бисьёр аст.

---

[1] Мақсад аз „Ҳасан" Ҳасани Дехлавист.

НАБАРӢ ГУМОН, КИ ҶОЕ РАВАМ АЗ ХАРИМИ КӮЯТ

Набарӣ гумон, ки ҷое равам аз харими кӯят,
Хама чо асир бошад на чунон ки ман ба рӯят.
Бикушой чашми раҳмат ба шикастабастаи ман,
Ки дили шиқаста бастам ба каманди орзӯят.
Ту зи хӯи бад насозӣ ба касе ки мубтало шуд,
Чи кунам агар насозам мани мубтало ба хӯят?
Гул агар хазор ҷилва зи никоби ғунча дорад
На шунидаӣу на дидан бирасад ба рангу бӯят.
Сару зар нисор кардам ба ду зулфи тобдорат,
Дилу ҷон зи даст додам ба ду чашми фитнаҷӯят.
Ба ҳавас гузашт умру нафасам ба охир омад;
Нафасе хамӯш ҳаргиз нашула зи гуфтугӯят.
Зи ҷаҳон фитад икомат дили хок Мушфикиро,
Наравад ҳанӯзаш аз дил ҳаваси рухи накӯят.

НАКӮ АФТОДАСТ

То чаман дар таби рашк аз рухи ӯ афтодаст,
Ҳамчу табхола суман бар лаби ҷӯ афтодаст.
Мекашӣ бодаву гулҳои шароб аст ҳама,
Тоза гулҳо, ки туро бар маҳи рӯ афтодаст.
Даҳанат як сари мӯяст, ба лаб холи сиёҳ
Бар мисоли гираҳе бар сари мӯ афтодаст.
Эй хуш он дам, ки шавам хоку бигӯянд маро,
Ки чаро дар қадами он саги кӯ афтодаст.
Ҳаваси турраи гесӯи ту дорам, чи кунам,
Ки парешонии ман аз ҳама сӯ афтодаст.
Сокиё, субҳ тавофи чамани лола хуш аст,
Бода гулфом, қадаҳ ғолиябӯ афтодаст.
Мушфикӣ, то ба хаёли рухи ӯ афтодӣ,
Фикри ту хубу хаёли ту накӯ афтодаст.

ДӮСТОН ТАҚРИРИ ҲОЛИ МАН БА ОН ҒОФИЛ КУНЕД

Дӯстон тақрири ҳоли ман ба он ғофил кунед,
Дар дили ӯ то кунад таъсир дарди дил кунед.
Чашми ман пурхоки навмедиву ашки ҳасрат аст,
Ҳар дари ишрат ки бошад, бар рухи ман гил кунед.
Пеш аз он, к-аз дасти дил дар синаам афтад шикоф,
Сина бишкофеду дилро пеши ман бисмил кунед.
Чун зи баъди қатл чашмам боз монад бар рухаш,
Вой ҷони ман агар наззораи қотил кунед.
Эй, фусунхонон, дигар ҳирмони ман бисьёр шуд.
Андаке он моҳро бо ман диле моил кунед.
Дар ҷунуни ишқ май додан маро тадбир нест,
Оҳ агар девонаеро масти лояъқил кунед.
Мушфикӣ хоҳад ба доғи ӯ равад сӯи адам,
З-он шаҳи хубон барои ӯ нишон ҳосил кунед.

МЕҲНАТИ ҒУРБАТ АЗИЗОНИ ҶАҲОНРО ХОР КАРД

Аз кафам зулфи ту берун дидаи ағьёр кард,
Доштам сарриштае чашми ҳасудон кор кард.
Иззате буд оби чашму хуни дилро пеш аз ин,
Меҳнати ғурбат азизони ҷаҳонро хор кард.
То маро моҳи мусофиргаштае саргашта сохт,
Чун ситора ашки ман шабгирҳо бисьёр кард.
Ҳоли чашму дил ба кӯҳу чашмае гуфтам баланд,
Кӯҳ ҳам дар гирья шуд, ҳам нолаҳои зор кард.
Зиндаи бечон намебошад, агар бошад, манам,
Он чи бар ҷони мани бедил фироки ёр кард.
Мушфиқӣ чун рафту омад боз аз гирдоби банд,
Солҳо з-ин омаду шуд шукру истиғфор кард.

АЗ ХУД РАВАД

Моҳи ман ҳар гаҳ зи таъсири шароб аз худ равад,
Маҳ ба ҳоли худ намонад, офтоб аз худ равад.
То набот аз лаъли хандонат ба коми дил расид,
Бо ҳама ширинзабонӣ канди ноб аз худ равад.
Наргиси майхораат дорад сари нозу итоб,
Оҳ агар нокарда бар ошиқ итоб аз худ равад.
Сокиё, май бо ҳарифон дех, ки ман лояъқилам,
Чашм то бар ҳам занӣ масти хароб аз худ равад.
Дар чаман гар аз хати сабзи ту акс афтад дар об,
Сабза сар монад ба чои пою об аз худ равад.
Мушфикиро нест завқи бода, к-аз ёди лабат,
Чашм бар рӯи қадаҳ ҳамчун хубоб аз худ равад.

НАМЕБАРОЯД

Савдои зулфат аз сар қатъо намебарояд,
Дидам ба чаъди сунбул савдо намебарояд.
Дар пои гул нишастам, то хори ғам барояд,
Дар дил шикаста хоре аз по намебарояд.
Дур аз гили ту ҳар чо резам сиришки ҳасрат,
Чуз хори ғам гиёҳе з-он чо намебарояд.
Ёр аз камони ағьёр тире ки бар дилам зад,
Хоҳам зи дил баморам аммо намебарояд.
Хар шаб, ки маҳ барояд, оҳе кашам, ки ё раб
Он маҳ чаро зи хона шабҳо намебарояд?
Бошад фиғони дилҳо аз нахли қомати ӯ,
То фитнае набошад, ғавғо намебарояд.
Хунобу нолаи дил айш аст Мушфиқиро,
Аз шиша бетараннум саҳбо намебарояд.

ИЛОҲӢ, КИ ЯК НОТАВОНБИН НАМОНАД

Дил аз ишқ гӯянд ғамгин намонад,
Ғами дигар аст оҳ агар ин намонад.
Вафо буд дар аҳди хубон ҳамеша,
Ту мехоҳӣ ин расму оин намонад?
Рақибон маро нотавон чанд бинанд,
Илоҳӣ, ки як нотавонбин намонад!
Агар зери сар остини ту набвад,
Бимирад касе сар ба болин намонад.
Бувад талх дар коми ман зиндагонӣ,
Агар ҷон ба он лаъли ширин намонад.
Нигаҳ дор, эй шоҳи хубон инонро,
Ки аз ту дили ҳеҷ мискин намонад,
Сухан, Мушфикӣ, гӯй аз лаъли хубон,
Ки ғайр аз ғазалҳои рангин намонад.

ЯК РЎЗ БИЁ ГЎЯМ, ЯК МОҲ НАМЕОЯД

Аз ноз ба сўи ман он моҳ намеояд
Ояд дигаре аммо дилхоҳ намеояд.
Бетолеаму ошиқ, дорам маҳи худрое,
Як рўз биё гўям, як моҳ намеояд.
Шўхест балои ман, то кай нигарон бошам,
Монанди бало ҳаргиз ногоҳ намеояд.
Шоҳи ҳама хубонӣ боз ой, ки мулки дил,
Ором намегирад, то шоҳ намеояд.
Ҷонам чу ба лаб омад аз зулмати танҳой,
Бе равшании шамъе аз оҳ намеояд.
Хўрдам ба ту савганде то аҳд яке бошад,
Дигар ба забони ман биллоҳ намеояд.
Чун Мушфиқӣ аз ишқат ташрифи бало пўшад,
Ин ҷома ба қадди ў кўтоҳ намеояд.

ДИЛ ДАР САРИ ОН НАРГИСИ МАСТОНА ШУД ОХИР

Дил дар сари он наргиси мастона шуд охир,
Хушьёр намуд аввалу девона шуд охир,
Хам шуд сари шамъ аз чиҳати бод ба маҷлис,
Ханҷар зи паи куштани парвона шуд охир.
Он шӯх, ки умрам ҳама шуд сарфи вафояш,
Аз ошиқи худ баҳри чӣ бегона шуд охир?
Афсӯс, ки дар ишқи ту дарди дили худро
Аз халқ ниҳон кардаму афсона шуд охир.
Он турфа ғизол аз мани девона рамидаст,
Хоҳам зи ҷунун сокини вайрона шуд охир.
Бо он ки дили Мушфиқӣ аз каъба нишон дошт.
Аз сурати зебои ту бутхона шуд охир.

БИЁ КИ МУШТОКАМ

Чу боми қасри ту шаб нест чилвагоҳи дигар,
Намой рух, ки шавад ҳар ситора моҳи дигар.
Ба чашми ман, ки қадам мениҳӣ иноятӣ туст,
Агар ракиб надорад туро ба роҳи дигар?
Расид чон ба лаб аз ғам, биё, ки муштокам
Ба нимхандаи ширину нимнигоҳи дигар.
Ситамрасидаи саҳрои ҳачр Мачнун буд,
Ман аз фироқи рухат хонумонсиёҳи дигар.
Бас аст хайли хаёлат диёри чони маро,
Чӣ ҳоҷат аст, ки ғорат кунад сипоҳи дигар?
Агар зи кӯи ту, эй моҳ, сӯи каъба равам,
Худо маро нарасонад ба солу моҳи дигар.
Хавои зулфи бутон, Мушфиқӣ, агар гунаҳ аст,
Маро ба ҳар сари мӯе бувад гуноҳи дигар.

НАДОРЕМ ДИГАР

Қуввати рафтани кӯи ту надорем дигар,
Тоқати тундии хӯи ту надорем дигар.
Дар ғами рӯи ту моро гули бисьёр шукуфт,
Сару барги гули рӯи ту надорем дигар.
Дил ниҳодем ба ҳачру зи ту навмед шудем,
Рӯи уммед ба сӯи ту надорем дигар.
Мо ба ошуфтагиву рӯзи сияҳ сохтаем,
Ҳаваси сунбули мӯи ту надорем дигар.
Чун насими саҳарӣ бесару по гардидем,
Майли гулзор ба бӯи ту надорем дигар.
Мушфиқӣ, боз нашуд хӯи ту аз меҳри бутон,
Кас дар ин шаҳр ба хӯи ту надорем дигар.

ИМРӮЗ

Эй, аҳли назар куштаи ҷавлони ту имрӯз,
Помоли сипоҳи сафи мижгони ту имрӯз.
Ҳар дам равам аз ҳол, ки он турраи мушкин,
Чавгон шуда дар гӯи занахдони ту имрӯз.
Фардо, ки шавад хезаму домони ту гирам,
Дастам нарасад гар ба гиребони ту имрӯз.
Хун хӯрдаам аз лолаи сероби ту имшаб,
Дар гирьяам аз ғунчаи хандони ту имрӯз.
То чанд гиребон занам аз дасти ғамат чок,
Дасти мани бечораву домони ту имрӯз.
Ман мурдаву зинда зи руху зулфи ту ҳастам,
Ҳайрони ту фардову парешони ту имрӯз.
Гуфтӣ лақаби Мушфиқӣ аз аҳли вафо чист,
Хоки қадаму бандаи фармони ту имрӯз.

ТО ШУД ЗИЁДА ҲУСНИ РУХАТ ЗОРТАР ШУДАМ

То шуд зиёда ҳусни рухат зортар шудам,
Ҳар чанд ту азиз шудӣ хортар шудам.
Рафтам, ки чораи дили афгори худ кунам,
То рафтам аз ғами ту дилафгортар шудам.
Бемор гаштам аз ғаму ин турфатар, ки ман
Парҳез кардам аз ғаму бемортар шудам.
Ҳар гаҳ гиристам зи гирифтории фироқ,
Дар оби чашми хеш гирифтортар шудам.
Ман ошиқи ҷафокаши кӯи муҳаббатам,
Аз ҳар ҷафои дӯст вафодортар шудам.
Бурдам ба каъба узри гуноҳи худ аз дарат,
Кардам ибодатеву гунаҳкортар шудам.
То гум шудам ба бодияи ҳаҷр, Мушфиқӣ,
Дар ҷустуҷӯи васл талабгортар шудам.

ХУШ ОН ДАВЛАТ

Хуш он давлат, ки шаб дар хоб дидори туро бинам,
Шавам аз хоби хуш бедору рухсори туро бинам.
Гулистони сабоҳат рӯи туст, оё бувад субҳе
Ки хезам чун насим аз ҷӯю гулзори туро бинам?
Зи по афтодаам оё кучо рафт он, ки мерафтам
Ба кӯят бар умеди он ки рафтори туро бинам.
Туро шӯхи ситамгар бинаму бераҳм аз хубон,
Зи ту бераҳмтар чашми ситамгори туро бинам.
Ба дасти худ кашидан мӯй аз зулфат ҳавас дорам,
Вале мӯе намехоҳам, ки озори туро бинам.
Сиришкам тору конуни бало шуд чашми гирьёнам,
Бар ӯ мизроб хоҳам коҳи девори туро бинам.
Шаби ғам мегудозӣ, Мушфиқӣ, чун шамъ месӯзӣ,
Дар ин шаб то саҳар мушкил, ки осори туро бинам.

РӮЗЕ РУХАШ БУБИНАМ АГАР ҶОН САЛОМАТ АСТ

Гар куштанам муроди ту, эй сарвқомат аст,
Имрӯз куш, ки ваъдаи фардо қиёмат аст.
Барге ки аз гиёҳи сари турбатам дамад,
Бар мункирони ишқ забони маломат аст.
Рӯ бар замин ба гирья ниҳам, к-обу хоки ман,
Аз гарди хоксориву ашки надомат аст.
Моҳи мусофирӣ, ки маро нотавон гузошт,
Рӯзе рухаш бубинам агар ҷон саломат аст.
Чашмам ба роҳи мақдами туст, эй сабо, биёр
Гарде зи кӯи дӯст, ки кӯҳли каромат аст.
Зери фалак асоси тараб, Мушфиқӣ, манеҳ.
Кошонаи хубоб чӣ ҷои иқомат аст?

МАНУ ТӮ

Магӯ рақиб, ки доғ аст чораи ману ту,
Бирав, ки нест мувофиқ ситораи ману ту,
Шаби висоли туро моҳтоб ҳочат нест,
Чи ҳочат аст касе дар назораи ману ту.
Ба оташи дилам, эй шамъ, лофи шӯъла мазан,
Тафовут аст миёни шарораи ману ту.
Ту дар дарунаи чониву чон мулозими туст,
Миёни халқ чи бок аз канораи ману ту.
Нишони ошиқӣ, эй лола, аз ту меёбам,
Якест пераҳани пора-пораи ману ту.
Ба ашки худ ҳама дам ҳарфи Мушфики ин аст,
Ки сар нихем ба пои саворае ману ту.

БА СӮИ КӢ МЕРАВӢ?

Эй сарви ноз бар сари кӯи кӣ меравӣ?
Ман меравам зи худ ту ба сӯи кӣ меравӣ?
Ман пераҳан чу ғунча ба бӯи ту медарам,
Ту ҳамчу боди субҳ ба бӯи кӣ меравӣ?
Чун ашки ман қарор надорӣ ба ҷои худ,
Оё ба ишқи рӯи накӯи кӣ меравӣ?
Ошуфта чун насимиву саргашта чун сабо,
То дар ҳавои сунбули мӯи кӣ меравӣ?
Дар ҳайратам, ки оҳ кучо мекашад дилат,
Он ҷо барои дидани рӯи кӣ меравӣ?
Хун мехӯрад зи дидаву дил бе ту, Мушфикӣ,
Ту аз барои ҷому сабӯи кӣ меравӣ?

ИМШАБ

Чашми худ боз зи хуноб накардам имшаб,
Мижа барҳам назадам, хоб накардам имшаб,
Моҳ бар тоқи фалак буду ту бар тоқи дилам,
Рӯй бо моҳи ҷаҳонтоб накардам имшаб.
То саҳар чашми ман аз хуни ҷигар сурхӣ ёфт,
Сурх чашме ба маи ноб накардам имшаб.
Буд дар чанги ғам аз нола маро ҳол дигар,
Гӯш бар нолаи мизроб накардам имшаб.
Бо умеде ки ду абрӯи туро саҷда барам,
Чи дуоҳо, ки ба меҳроб накардам имшаб.
Хостам бар дари дил роҳи маломат бандам,
Рӯз шуд чора дар ин боб накардам имшаб.
Мушфиқӣ, ҷони ман аз доғи муҳаббат месӯхт,
Лекин изҳор ба аҳбоб накардам имшаб.

ҷои ту дар дида бошад

Балоиву ҷои ту дар дида бошад,
Ба олам касе ин бало дида бошад?
Ту чашми манӣ, ҳар балое ки бар ман
Писандида бошӣ, писандида бошад.
Ба хубӣ шудӣ шӯҳра монанди Юсуф,
Кӣ бошад, ки ин қисса нашнида бошад?
Надонам чӣ розест мӯи миёнат,
Ки аз пераҳан низ пӯшида бошад.
Чу бо рӯи зебо ба гулшан дарой,
Пушаймон шавад ҳар кӣ гул чида бошад.
Намурдам зи ҳачру аз ин ғусса мурдам,
Ки табъи ту аз ман наранҷида бошад.
Ба васфи қадат Мушфикӣ ҳар чӣ гӯяд,
Ба мизони идрок санҷида бошад.

ЗИ БЕВАФОИИ АҲЛИ ЗАМОНА МЕГЎЯМ

Ба ҳар замин, ки зи ишқат тарона мегўям,
Дар он замин ғазали ошиқона мегўям.
Маро сарест бар ин остона то ҳастам,
Сари ман асту ҳамин остона мегўям.
Дар ин замона зи аҳли вафо намегўянд,
Зи бевафоии аҳли замона мегўям.
Ба маҷлисе ки сухан мекунам зи бодаи лаъл,
Сухан зи лаъли ту бо ин баҳона мегўям.
Ғаме ки рў диҳад аз бекасиву танҳои,
Ниҳода рўй ба девори хона мегўям.
Дилам нишонаи тири ту буд, гум шудааст,
Нишона металабам, бо нишона мегўям.
Фасонаи шаби ғам, Мушфиқӣ, нашуд охир,
Гузашт умру ҳанўз ин фасона мегўям.

БА КАДОМ РЎЮ ДИДА

Зи итобу ишва тобе ки туро фитад ба дида,
Зи саводи чашми мардум шавад оҳуи рамида.
Гули наврасӣ зи лаъли ту хуш аст ханда кардан,
Чу табассуми шукуфа зи ниҳоли наврасида.
Гул агар зи бутпарастон набувад ба даври ҳуснат,
Ба худо нагӯям ӯро, ки худой офарида.
Гули боғу нози наргис чу намонд боғбонро,
Нигарад ба чашму рӯят ба кадом рӯю дида.
Зи насими ғайр зулфат чу ба чилва дарнаёяд,
Шаби васл шукр гӯям, ки шабест орамида.
Сахарасту ғунчаи тар лаби худ фароҳам овард,
Ки барои булбул орад зи гул оташи дамида.
Гули чида Мушфикиро рухи туст аз ин гулистон,
Гул агар хазор бошад, бех аз ин гуле начида.

ХОҲЕМ КАРД

Ғарки сар дар ҳаҷри он номеҳрубон хоҳем кард,
Ғоби дарди сар надорем, он чунон хоҳем кард.
Чун равем аз боғи олам баҳри он сарви саҳӣ,
Ҷосиде аз мурғи рӯҳи худ равон хоҳем кард.
Ҳар чи кард он сангдил бар ҷони мо, баъд аз аҷал
Аз забони лавҳи хоки худ баён хоҳем кард.
Мурдаи ғамро масеҳои лабат ҷон медиҳад,
Чун зи ғам ҷон бар лаб ояд имтиҳон хоҳем кард.
Сангро хун мешавад дил аз фиғони аҳли дард.
Ғар ба дил бовар намедорӣ фиғон хоҳем кард.
Шуд нишони новаки ғам, Мушфиқӣ, чун устухон,
Пеши он абрӯкамон хотирнишон хоҳем кард.

ДӮСТОН ОИНААНД

Эй ба ҳуснат рӯи тоат моҳи оламтобро,
Гашта пеши абрӯят қолаб тиҳӣ меҳробро.
Дӯстон оинаанд, аз чашми эшон рух мапӯш,
Моҳи ман андеша кун оҳи дили аҳбобро.
Пеши боди субҳ аз шавқи даҳони танги туст
Нола дар вақти шукуфтан ғунчаи серобро.
Аз ғами сарви ту чун гирдоб мепечам ба худ,
Дар чаман ҳар чо, ки мебинам хумори обро.
Зард шуд рӯям зи бедории шабҳои фирок,
Кимиё кардӣ даруни дидаи ман хобро.
Чашми гирьён бар рухам лаъли туро хандон наёфт,
Бе садаф ҳаргиз надид он гавҳари серобро.
Мушфиқиро ранги хуни дида аз доман нарафт,
Гарчи мешӯяд ба ранги лола ин хунобро.

НОЗИ ТУ ЛУТФУ СИТАМҲОИ ТУ РАҲМАТ БУДААСТ

Нози ту лутфу ситамҳои ту раҳмат будааст,
Мо намедонистаем, онҳо ғанимат будааст.
Шиква аз дашноми ширини ту мекардам, дареғ
Он камоли лутфу изҳори муҳаббат будааст.
Дар фироқам куштиву дар интизорам сӯхтӣ
Ин ҳама дар ишқ дарду доғи ҳасрат будааст.
Бар сари кӯят намурдам, оҳ аз ин тақсири ман,
Тарки хидмат кардаам вақте ки фурсат будааст.
Ҷонам омад бар лабу сӯям намеояд аҷал,
Ман, ки худ мемурдаам аз вай чӣ миннат будааст?
Дошт чо дар базми хубон андаке он ҳам намонд,
Мушфиқӣ шоистаи бисьёр меҳнат будааст.

НАЗДИК АСТ

Имшаб аз воқеаи васл асар наздик аст,
Барфурӯзем чароғе ки саҳар наздик аст.
Гар чи дар кӯи ту рухсораи ман хокбаҳост,
Менамоям ба ту вачҳе ки ба зар наздик аст.
Як ду рӯзе қадам аз пурсиши ман боз макаш.
Зистан бе ту маро дуру сафар наздик аст.
То дили бода зи лаъли ту расидаст ба ком,
Дили ман хун шуд аз ин рашку чигар наздик аст.
Мерасад чон ба лаб аз ҳасрати лаъли ту маро.
Нола пайғом расониду хабар наздик аст.
Мушфиқӣ орзӯи теғи ту дорад ҳама умр,
Мекунад доияҳое ки ба сар наздик аст.

РАЁҲИН

Дар ҳалқаи зарбафт чаман беҳ зи баҳор аст,
Ҳар барги хазон оинаи кунгурадор аст.
Зарҳои хазон бар маҳаки хок кашиданд,
Го дар зари ҳар як бинамояд чӣ иёр аст.
Бар хок ниҳоданд рухи зарди раёҳин,
Дирӯз тараб рафтаву имрӯз хумор аст.
Раъност хазону рухи гул ҳарду валекин,
Сарв аст ба ҳар вақҳ, ки бе сӯҳбати ёр аст.
Дар боғ гирифтам, ки кашам бода чу наргис
Ҷоме ба миён дораму ашке ба канор аст.
Бар нахли хазонкарда чи бинам, ки маро бас
Ин шуълаи ҷонсӯз, ки дар ҷони фигор аст.
Шуд оби чаман соф, вале Мушфиқӣ афсӯс,
Оинаи шавқи ту ниҳон зери ғубор аст.

ҷонони ман он ҷост

Рақибон ҷамъу ҷонони ман он ҷост,
Ман ин ҷо мурдаам, ҷони ман он ҷост.
Чу дуди охи худ дар печутобам,
Зи рашки он ки афғони ман он ҷост.
Дару девор мегирьянд ҷое,
Ки абри чашми гирьёни ман он ҷост.
Чу соя ман зи по афтода ин ҷо,
Чаро сарви хиромони ман он ҷост?
Сарам помоли сумми ҳар самандаст,
Дар он хайле ки султони ман он ҷост.
Ба арзи ҳол ҳоҷат, Мушфиқӣ, нест,
Агар авроқи девони ман он ҷост.

РАҲМ КУН БАР МАН

Чок кардам пераҳан з-он сарви симинтан чудо,
Ман чудо нолидам аз ҳичрону пероҳан чудо.
Ҳамчу гул дастам ба хун олуда шуд, азбаски ман
Дар ғамат хори маломат кардам аз доман чудо.
Давлати дидор хуш бошад, агар рӯзи висол
Остин гардад зи чашми хунфишони ман чудо.
Аз маҳи рӯят маро маҳрум мессзад рақиб,
Золиме, ё раб, шавад аз дидаи равшан чудо.
Дар қиёмат ҳачри ағьёрасту васли ошиқон,
Эй хуш он рӯзе ки гардад дӯст аз душман чудо.
Бар асирон чун назар андозию тир афканӣ,
Раҳм кун бар ман нигоҳу новаке афкан чудо.
Мушфиқӣ дур аз сари кӯят дили хуррам надид,
Ғунча ҳаргиз нашкуфад чун гардад аз гулшан чудо.

ӮРО

Хат гирди суман гирифт ӯро,
Дуди дили ман гирифт ӯро.
Мерафт дили шикастаи ман,
Он аҳдшикан гирифт ӯро.
Хар чанд, ки акл зуфунун аст,
Ишқи ту ба фан гирифт ӯро.
Дорад хабар аз лаби ту хотам,
Хоҳам ба сухан гирифт ӯро.
Аз лаъли ту бӯса ҳадди ман нест,
Натвон ба даҳан гирифт ӯро.
Кумрӣ, ки кади ту дида бошад,
Бар сарви чаман гирифт ӯро.
Бо ғурбати ишқ Мушфиқӣ сохт,
Хуштар зи ватан гирифт ӯро.

МОРО

Сабоҳи гулшану оби равон набвад ҳавас моро,
Гули нелӯфар аз гирдоби сели ашк бас моро,
Ғуборе гаштаем аз нотавонӣ, ҷои он дорад
Агар қадре набошад пеши чашми хеҷ кас моро.
Далели раҳ сари хушки шаҳидони муҳаббат шуд,
Дар ин водӣ нашуд ҳоҷат ба фарьёди ҷарас моро.
Саги кӯят ба фарьёди асирон мерасад, в-арна
Кӣ бошад хоса аз баҳри худо фарьёдрас моро.
Суруди булбулон дар ошьён, фарьёди мо аз дил,
Дар ин гулзор нисбат нест бо ин мушти хас моро.
Чи суд аз сӯҳбати сарву санавбар даст дар ҳам зад,
Ки бикшояд гирех аз дил чу мурғони қафас моро.
Қабои ишқу хоки факр ҷои Мушфиқӣ бехтар,
Бақои умру оби хизр набвад мултамас моро.

АЗ АЙНИ ИТОБ

То ғуломи хештан хондӣ мани дарвешро,
Банда метарсам, ки шодимарг бинам хешро.
Чашми шӯхат кеши туркон дораду тири ситам,
Сина созам чоку курбон гардам он бадкешро.
Хар чи пурсам ғамзаат не гӯяд аз айни итоб,
Нӯши лаълат узрхоҳӣ менамояд нешро.
Мардумонро бояд аз ҷони ману чашми ту дид,
Мехри рӯзафзуну истиғнои беш аз бешро.
Пеш аз ин бад рӯзгоре доштам, ошик шудам
Рӯзхо дидам, ки ҷустам рӯзгори пешро.
Дил зи ғам реш аст агар дасте намоӣ бар дилам,
Аз кӣ дармон чӯяму дасте ниҳам ин решро?
Аз дили бадхӯӣ охир, Мушфикӣ, расво шудам,
Кош аз аввал мешунидам қавли некандешро.

ТУРФА ҲОЛЕ ШУД МАРО

Чун намурдам шоми ҳичрон инфиоле шуд маро,
Аз хичолат мурда будам турфа ҳоле шуд маро.
Гаштам аз бемории ҳичрон малул аз зиндагӣ,
З-омаду рафти табибон ҳам малоле шуд маро.
Дар дил аз меҳри рухат шамъи хаёл афрӯхтам,
Дил даруни сина фонуси хаёле шуд маро.
Сарвро дар хоби шаб дидам, ки мегирам канор,
Бо ту рӯзе сарви ман хоҳад висоле шуд маро.
Нотавон бар хоки раҳ биншаста будам чун ғубор,
Аз сари куят сабо омад маҳоле шуд маро.
То нагардам музтариб бигзар ба сӯям, эй насим,
Ришгаи чон бастан нозукниҳоле шуд маро.
Мушфики, аз он лабу дандон расам рӯзе ба ком,
Бояд аз заъфи бадан ҳамчун хилоле шуд маро.

АЗ ТАКСИРИ ТУСТ

Ид шуд, эй шайх, манъи бода аз таксири туст,
Хар ки дарьёбад туро имрӯз домангири туст.
Носеҳо, аз шишаи май пунба барҳоҳам гирифт,
То ниҳам бар гӯши худ вакте ки бар такрири туст.
Сокиё, аз муфлиси шуд чеҳраи мо хоки роҳ,
Ин кадар маърӯзи табъи кимиётаъсири туст.
Рӯзи айшам аз хазони умр кӯтаҳ сохтӣ,
Ин ҳам, эй чархи фалак, аз олами тадбири туст.
Эй мусаввир, ин ҳама ҳайрони сурат нестам,
Хайрати ман дар камоли хомаи тасвири туст.
То бисоте ҳасту накши бурьё, эй пири дайр,
Хар тараф девонае афтода дар занчири туст.
Ё раб, аз лутфи ту дорад Мушфики чандин умед,
Харчи вокеъ шуд гунохи ӯ, вале такдири туст.

ДАРЕҒ ДОШТ

Харфе масеҳи он даҳан аз ман дареғ дошт,
Сад бор кушту як сухан аз ман дареғ дошт.
Монанди ғунча сар ба гиребон кашидаам,
З-он гул, ки бӯи пераҳан аз ман дареғ дошт.
Бар хок рехт пеши рақиб обрӯи ман,
Номи сагони хештан аз ман дареғ дошт.
Афсӯс аз он гуле ки зад оташ ба ҷони ман,
Наззора вақти сӯхтан аз ман дареғ дошт.
Гуфтам, ки чоки сина бидӯзам ба рӯзи ҳаҷр,
Торе зи ҷаъди пуршикан аз ман дареғ дошт.
Аз рӯи лола оташи ман дид боғбон,
Бар доғ пунбаи суман аз ман дареғ дошт.
Ҷон додам аз хумори маи васл, Мушфиқӣ,
Сокии васл даври ман аз ман дареғ дошт.

3-ОТАШИ ҒАМ

Баски ҷисми нотавонам з-оташи ғам даргирифт,
Сӯхт мағзу устухонам ранги хокистар гирифт.
Дасти ман кӯтоҳу дил дар қайди он сарви баланд,
Аз чунон сарве чи гуна дил тавонам баргирифт?
Гар нагирам доманат имрӯз, чун фардо шавад
Хок бар сар карда хоҳам домани маҳшар гирифт.
Кард моҳи нав тамошо токи абрӯи туро,
Гӯшае рафт аз таҳайюр дасти худ бар сар гирифт.
То дили ман ошно шуд бо сагони кӯи ту,
Шуд зи ман бегона, хӯи мардуми дигар гирифт.
Гар ба хоки остонат рӯи зарди ман расад,
Қадри ӯ ман мешиносам, хоҳамаш дар зар гирифт.
Аз ҷунуни ишки ӯ девона гаштам, Мушфиқӣ,
Чун батар шуд ҳоли ман, тарки мани абтар гирифт.

ҲАР КАСЕ ПАРВАРДАИ ОБУ ҲАВОЕ БУДААСТ

Дар хами зулфи ту дил бастан ҷафоe будааст,
Дил, ки дар ҷое мукайяд шуд балое будааст.
Ғайри оби дида гирди ман намегардад касе,
Оби рӯй аст ин ки касро ошное будааст.
Баски аз санги ҷафоят хонаи ман шуд хароб,
То нагӯям кас намедонад, ки ҷое будааст.
Мубталои ишқ медонад, ки мебояд гирист,
Бар ғаму андӯҳ ҳар ҷо мубталое будааст.
Оби Хизр асту дами Исо лаби лаъли туро,
Ҳар касе парвардаи обу ҳавое будааст.
Бар умеди он, ки бӯсад хоки поят Мушфиқи,
Монд сар ҳар ҷо ба кӯят хоки поe будааст.

ОШНОЕ КИ БА Ӯ ЯК-ДУ СУХАН ГЎЯМ НЕСТ

Ёр бегонаву кас бар сари он кӯям нест,
Ошное ки ба ӯ як-ду сухан гӯям нест.
Хок шуд бар сари кӯи ту маро рӯи ниёз,
Ба кӣ рӯ ораму ҳар чо, ки равам рӯям нест.
Ҳар сари мӯй агар тег шавад бар сари ман,
Ба хаёлат хабар аз худ сари як мӯям нест.
Чони оэурда, ки дар сина намехоҳам ҳаст,
Дили ғамдида, ки дар кӯи ту мечӯям нест.
Манам он булбули шӯрида, ки дар гулшани даҳр,
Ҳаваси боғу ҳавои гули худрӯям нест.
Қибла мегӯяму рӯю дили ман чониби туст,
Бечиҳат шому саҳар рӯй ба он сӯям нест.
Мушфикӣ, бар сари ман гарчи расад тири бало,
Саргарони ба касе чуз сари зонуям нест.

КӮТОҲНАЗАР БУДАН АЗ ИДРОК НАБОШАД

Ҳар дида, ки аз шавқи ту намнок набошад,
Гар абр бувад дидаи ӯ пок набошад. –
Хоҳам, ки кашам пой ба домони сабурӣ.
Аз дасти ту гар домани ман чок набошад.
Дорам ҳаваси бодияи ишқу надорам
Он тарс, ки он роҳ хатарнок набошад.
Ман кистам? Он сайд, ки дар пеши ту сад бор
Сар бозаду шоистаи фитрок набошад.
Арбоби назар ҷайби маро чок наёбанд,
Гар чашми ту майхораву бебок набошад.
Майли қадди сарви туам аз табъи баланд аст,
Кӯтоҳназар будан аз идрок набошад.
Дар роҳи вафо Мушфиқӣ афтода чу хок аст,
Сар дар қадамат чист, агар хок набошад.

ҲАРЧИ МУШКИЛ БУВАД ОСОН ШУДАНӢ ҲАМ ДОРАД

Ишқ хун хӯрдану ҳайрон шуданӣ ҳам дорад,
Ҳама хуб аст пушаймон шуданӣ ҳам дорад.
Нест кӯи ту зи ғавғои рақибон холӣ,
Ҳар замон дасту гиребон шуданӣ ҳам дорад.
Гар шавад ҳастии парвона фидои рухи шамъ,
Гирди сар гаштану қурбон шуданӣ ҳам дорад.
Аз сари зулфи ту сад гуна укубат дидам,
Оқибат бесару сомон шуданӣ ҳам дорад.
Гарчи мушкил бувад аз ишқи ту чон бурдани ман,
Харчи мушкил бувад осон шуданӣ ҳам дорад.
Мушфикӣ кард фидои рухи хубон ҳама умр,
Боз шарманда аз эшон шуданӣ ҳам дорад.

КӮҲ МАЪДАНИ ЁҚУТ АЗ ТАҲАММУЛ ШУД

Ҷунуни сарв фузун аз фироқи он гул шуд,
Ки доғ бар сараш аз ошьёни булбул шуд.
Сари кашидани зулфат мусаввири Чин дошт
Ба сурати қалами мӯй аз тахайюл шуд.
Ба ҳар нигоҳ зи чашмат иноятe дидам,
Чу дил рабуд зи ман, аз паи тағофул шуд.
Кавокиби арақи инфиоли симбарон,
Маҳи ҷамоли туро боиси таҷаммул шуд.
Зи сеҳри чашми сиёҳи ту он чи сурма кашид,
Зи чини зулфи ту бар рӯзгор сунбул шуд.
Ба фикри лаъли лабаш. Мушфиқӣ, манол аз ғам,
Ки кӯҳ маъдани ёқут аз таҳаммул шуд.

МЕОЯД

Ба даъвӣ бо рухат чун шамъ дар кошона меояд,
Ба рӯи ӯ тапонча аз пари парвона меояд.
Зи ҳичронат миёни ҷону тан хоҳад ҷудоӣ шуд,
Маро бӯи видоъ аз хоки ин вайрона меояд.
Шаб омад бозу рӯ дар меҳнатободи худ овардам,
Зарурат гар набошад кас ба ин ғамхона меояд?
Чунон бегона аз хешам, ки гар сад раҳ ба сӯи худ,
Назар меафканам дар чашми ман бегона меояд.
Лабат афсона месозад ба як дам сад фусунхонро,
Туро гар сад фусун хонам ба гӯш афсона меояд.
Шароби шавқ дорад Мушфиқиро масти лояъқил,
Чунин мастӣ на аз соғар, на аз паймона меояд.

ПАРТАВИ МАҲ ТОБИ ОФТОБ НАДОРАД

Пеши ҷамоли ту моҳ тоб надорад,
Партави маҳ тоби офтоб надорад.
Сунбули мушкин масоз буркаи лола,
Хеҷ гуле дар чаман никоб надорад.
Ҳарчи савол аз даҳони танги ту кардам,
Як сари мӯ токати ҷавоб надорад.
Ғайри ту ҳар чо ситамгарест зи хубон,
Ин ҳама нозу сари итоб надорад.
Кӯҳкан аз по фитоду сурати Ширин,
Пушт ба кӯҳ аст, изтироб надорад.
Чашми туро нест майли куштани ошиқ,
Куштани ошиқ магар савоб надорад?
Мушфики, аз ошиқӣ ба хок нишастӣ,
Ишқ касеро чунин хароб надорад.

ХУДРО БА ҲАР КАСЕ МАНАМО

Шамъ аз чароғи ҳусни ту шаб дар шикаст шуд,
Чандон, ки хост сар кашад аз шӯъла паст шуд.
Дар ҳастии даҳони ту дорам гумону нест,
Гӯё даҳони танги ту аз нест, ҳаст шуд.
Худро ба ҳар касе манамо, худпарасти ман,
Баҳри худо, дигар хама кас бутпараст шуд.
Кардам ба тори зулфи ту дасти ҳавас дароз,
Сарриштае ки доштам, он ҳам зи даст шуд.
Соғар макаш ба ноз, ки чашми ситамгарат
Мардумкуш аст хоса замоне ки маст шуд.
Наздик шуд, ки афтаму пахлу нихам ба хок,
К-аз оби дида хонаи ман дар нишаст шуд.
Аз офият чӣ бахра барад чони Мушфикӣ,
Масти бало зи чуръаи чоми аласт шуд.

КАРОР БЕ ТУ МАРО ДАР ДИЛИ ФИГОР НАМОНД

Қарор бе ту маро дар дили фигор намонд,
Диле ки доштам аввал ба он қарор намонд.
Ба хидмати ту чу най умрҳо камар бастам,
Гузашт умру ба ҷуз нолаҳои зор намонд.
Ба хоки пои ту савганд мехӯрам, ки дигар
Ба пойбӯси туам тоби интизор намонд.
Рақибро саги худ дар баробарам гуфтӣ,
Маро баробари саг низ эътибор намонд.
Фиканд шоми аҷал соя бар сари Маҷнун,
Чу ман ба меҳнати ин рӯзу рӯзгор намонд.
Чу мирад аз ғами ишқи ту Мушфикӣ, гӯянд
Бубин, ки соҳиби дарде дар ин диёр намонд.

ХОҲАМ НИҲОД

Бар ҳалоки худ дили андӯҳгин хоҳам ниҳод,
Охир аз ҷаври ту паҳлу бар замин хоҳам ниҳод.
Гарди пешонӣ зи осори қабули тоат аст,
Ҳар кучо дар саҷдаи рӯят ҷабин хоҳам ниҳод.
З-он ду лаб ҳаргиз ба дашноме надидам коми дил,
Ин шикоят дар миён бо ону ин хоҳам ниҳод.
Дар фирокат синаро сад чо ба нохун кандаам,
Бахри мурги васл доме дар камин хоҳам ниҳод.
Мекунам савдои чон пинҳон зи мардум бо маҳе
Дасти худ бар дасти ӯ дар остин хоҳам ниҳод.
Пур шуд аз хошоки ҳастӣ хонаи дил, Мушфикӣ,
То бисӯзад, пеши оҳи оташин хоҳам ниҳод.

БОВАР НАМЕКУНАНД

Тарки ҷафо бутони ситамгар намекунанд,
Ҷонам ба лаб расидаву бовар намекунанд.
Сар мениҳанд аҳли муҳаббат ба роҳи ишқ,
В-аз ҳеҷ раҳгузар сухане сар намекунанд.
Карданд он ду чашм ҷафоҳо ба ҷони ман,
Боз ин дигар ҷафост, ки дигар намекунанд.
Халқе шаҳиди ишқи ту гаштанд лолавор,
Аз хок ҷуз ба доғи ту сар бар намекунанд.
Гар нури дидаанд, ки мардум надидаанд
Онҳо, ки хидмати саги ин дар намекунанд.
Мо ғарқи сели дидаву хубон назорагар,
Гохе ба ханда ҳам мижае тар намекунанд.
Тубокадест ҳосили умри ту Мушфикӣ,
Андеша аз хаёли ту бартар намекунанд.

НАМЕОЯД

Ба дасти кӯтаҳи ман домани ёре намеояд.
Надорам дастрас, аз дасти ман коре намеояд.
Ҳазорон гул шукуфт аз оби чашми ман аҷаб набвад.
Ки аз пои дилам ҳаргиз бурун хоре намеояд.
Ба меҳроб аз дуо бе токи абрӯят пушаймонам,
Намедонад касе то сар ба деворе намеояд.
Дар ин ғамхона меояд зи ҳар ёре ғаме бар дил,
Ғами дигар, ки ҳаргиз ёру ғамхоре намеояд.
Маро дардест, эй ҳамдам, ки мегирьям ту пиндорӣ,
Ба дил дарде набошад гирьяи зоре намеояд.
Ба кӯи ишқ менозам ба расвоиву хурсандам,
Гар аз расвоии ман ёрро оре намеояд.
Зи олам, Мушфиқӣ, бо хори навмедӣ қаноат кун,
Ки бӯи хуррамӣ аз ҳеҷ гулзоре намеояд.

ТОҚИ АБРӮИ ТУАМ ДАР ОШИҚӢ АЗ ПО ФИКАНД

Тоқи абрӯи туам дар ошиқӣ аз по фиканд,
Холи пешонӣ ҳанӯз истода бар тоқи баланд.
То ба шаккарханда лаълат шӯхра шуд дар мисри хусн,
Рӯзи бозорӣ надорад худфурӯшиҳои канд.
Печутоби зулфи таррори худ аз ман боз пурс,
То мусалсал бо ту гӯям ҳар чи дидам з-он каманд.
Санги қабри ман зи сӯзи сина санги оташ аст,
Вақти чавлон соз оташ барге аз наъли саманд.
Гар нарӯяд гул ба боғу маҳ наояд бок нест,
Дида мебояд, ки аз рӯи ту бошад баҳраманд.
Менависад хома чун васфи ту, бахри чашми бад
Нуқтахо бар рӯи оташ мениҳад ҳамчун сипанд.
Мушфиқӣ рӯзи фироқат синаро сад чок кард,
Дил зи худ барканду пайкони туро аз дил наканд.

БОД ОМАДУ ЗИ СУНБУЛИ ЗУЛФИ ТУ ЁД ДОД

Бод омаду зи сунбули зулфи ту ёд дод,
Хоҳам сар аз ҳавои ту рӯзе ба бод дод.
Моему нақши пои ғизолону қаїди ишқ,
Натвон зи даст силсилаи эътиқод дод.
Шуд аз ғубори мушки туам дида хатшинос,
Шукри худо, ки чашми маро ин савод дод.
Хамроҳи ман ба роҳи вафо ҳамдаме набуд,
Гирья инони худ ба мани номурод дод.
Даври фалак ба ҳар ки шуд аз меҳр косадор,
Аз софи айш дурдии меҳнат зиёд дод.
Эй ғунча он, ки кори туро дод бастагӣ,
Хоҳад ба як насими иноят кушод дод.
Дар ишқ дорад аз дили ғамдида Мушфиқӣ
Шавке ки рӯзгор ба дилҳои шод дод.

ЗИ ЧӢ БОШАД?

Дилро ба рухат меҳри ниҳонӣ зи чӣ бошад?
Дида нигарад, дилнигаронӣ зи чӣ бошад?
Аз оташи дил дар ҷигарам об намонда,
Дар ҳайратам ин ашкфишонӣ зи чӣ бошад?
Чун мавҷиби ошиққушӣ аз чашми ту пурсам,
Мижгони туро теззабонӣ зи чӣ бошад?
Гӯй, ки ба чашми ту расонам кафи поро,
Гӯиву ба поён нарасонӣ зи чӣ бошад?
Лутфи ту ба ҳаддест, ки бошад кам аз ӯ беш
Ҷавре ки зи ҳад мегузаронӣ зи чӣ бошад?
Чун Мушфиқӣ аз номи ту пурсанд надонӣ,
Донанд, ки бе ному нишонӣ зи чӣ бошад.

ДАРДИ САР АСТ ИЛТИЗОМИ БАҲС

Бо ман фақеҳи мадраса мебурд номи баҳс,
Аз баҳри дафъи ӯ нашудам дар мақоми баҳс.
Аҳли назар, ки баҳс кунанд аз маҳи тамом,
Моҳи рухи ту дар назар аст аз тамоми баҳс.
Аз килу қоли ҷузвиву куллӣ дилам гирифт,
Сокӣ биё ки дарди сар аст илтизоми баҳс.
Рухсораам шабе ки муҳашшо шавад зи ашк,
Бошад миёнаи мижаву дида доми баҳс.
Тачрид шав зи дониши беҳуда, Мушфикӣ,
Дар мо сабак чӣ ёфтӣ аз эҳтимоми баҳс.

ХУБОН ЗИ РЎИ ҲУСН ҲАМА НУРИ ДИДААНД

Хубон зи рўи ҳусн ҳама нури дидаанд,
Мардум ҳикояте ба тафовут шунидаанд.
Ин сарвқоматони гуландомро магар
Аз ҷон сириштаанду зи умр офаридаанд.
Мо эътиқод карда бутонро, ки қиблаанд,
Эшон ба аҳли қибла, вале беақидаанд.
Хуш бод нотавонии онҳо, ки аз миён
Худро чу моҳи нав ба каноре кашидаанд.
Гар ҳеҷ нест гўшанишинони хокро,
Боре зи дасти тафриқае орамидаанд.
Гўянд аҳли воқеа аз дидн худ сухан,
Воқеъ чӣ буда бошаду дар худ чӣ дидаанд.
Бурданд арзи ҳоли туро, Мушфиқӣ ба ёр,
Мурғони номабар ба сухан мерасидаанд.

КАДРИ НИШОТИ ВАСЛ ШИНОСАД АСИРИ ҲАҶР

Дорад ба даври гул ҳама кас аз баҳор ҳаз,
Хорест дар дили ману аз вай ҳазор ҳаз.
Ҳар кас кашад ба пои гуле чоми лолагун,
Аз гул нишот дораду аз лолазор ҳаз.
Маҷнуни дардпарвари лайлиписандро,
Чун аҳли ишқ нест зи бӯсу канор ҳаз.
Кадри нишоти васл шиносад асири ҳаҷр,
Майхораро зи бода бувад дар хумор ҳаз.
Буньёди ишқу даври фалакро мадор нест,
Аз базми рӯзгор тавакқуъ мадор ҳаз.
Макшой дида чуз ба рӯхи ёр Мушфиқӣ,
З-он рӯ, ки ҳаст давлати дидори ёр ҳаз.

ЧУ БЕДАРДОН МУДОВОИ ДИЛИ САДЧОК МЕКАРДАМ

Нишони новакаш ҳар гаҳ дили садчок мекардам,
Ба ҳасрат менишастам дуру бар сар хок мекардам.
Сиришкам монеи дидор буду остин ҳоил,
Чу дар наззораи ӯ чашми гирьён пок мекардам.
Маро гар тарси ҷони худ набудӣ номи он маҳро
Маҳи номеҳрубону золими бебок мекардам.
Шаби ҳиҷрон ба рӯяш то чароғи дида афрӯзам
Зи оташгираи мижгон хасу хошок мекардам.
Ғубори хотире гар доштам аз раҳгузори ӯ,
Ба оби дида маҳв аз сафҳаи идрок мекардам.
Самандашро ман он сайдам, ки гар будӣ ба дасти ман,
Зи хуни хештан гулгунаи фитрок мекардам.
Агар дарду ғамашро, Мушфиқӣ толиб намебудам,
Чу бедардон мудовои дили садчок мекардам.

ҚАРОР НЕСТ ҲАНӮЗАМ

Чу шом тира бувад бе чароғи ҳусни ту рӯзам,
Агар дурӯғ бигӯям ба ин чароғ бисӯзам.
Маро бисӯз ба ҳар оташе ки ишқи ту хоҳад,
Раво мадор, ки дар оташи фироқи ту сӯзам.
Мабод дар дили тангам ғами ту роҳ наёбад,
Ба ҳеҷ боб нахоҳам, ки чоки сина бидӯзам.
Маро ба пардаи фонуси дил ҳазор шикоф аст,
Шаби фироқи ту шамъи тараб чӣ гуна фурӯзам?
Ғубори раҳ шудаам Мушфиқиву бар сари кӯяш,
Зи бодӣ тафриқа чое қарор нест ҳанӯзам.

БЕМОРАМУ ҒАЙР АЗ ҶИГАРИ ПОРА НАДОРАМ

Бемораму ғайр аз ҷигари пора надорам,
Ҷуз он ки бимирам зи ғамат чора надорам.
Гар нола кунам боиси озори ту гардад,
В-ар сабр намоям диле аз хора надорам.
Дар водии ҳачри ту самум аз тафи хун аст,
Ман токати ин водии хунхора надорам.
Гар дур шавам, аз ғами дидор бимирам,
Наздик равам токати наззора надорам.
Афсӯс, ки мемираму аз баҳри нисорат
Ҷони дигару умри дигарбора надорам.
Хоҳам ки равам, Мушфикӣ, он чо ки саги ӯст,
Дигар сари ғурбат мани овора надорам.

ЗАМОНА МЕҲНАТСАРОЙ АСТ

Ба савдои сари зулфат ғадоем,
Дар ин шоми ғарибон бенавоем.
Агар дар ишқ расво буд Маҷнун,
Нашояд айб кард, ӯ нест, моем.
Ба оҳу гирья дар кӯи ту мондем,
Гирифтори ҳамин обу ҳавоем.
Зи чоки сина дар дил метавон рафт,
Туро ҷони касеро менамоем.
Замона, Мушфиқӣ, меҳнатсарой аст,
Бувад рӯзе к-аз ин меҳнат бароем.

АЗ БУТИ САНГИНДИЛИ ХУД ҲАР КУҶО ЁД ОВАРАМ

Аз бути сангиндили худ ҳар куҷо ёд оварам,
Сангро аз нолаи худ дил ба фарьёд оварам.
Баски дар вайронаи ғам нохушиҳо дидаам,
Хуш намеояд, ки ёди он ғамобод оварам.
Ҭо барафрӯзам чароғи ишқ аз оташбарги дог,
Санги оташ шоми ғам аз қабри Фарҳод оварам.
Анбари тар аз саводи дида бар оташ ниҳам,
Чун ба хотир бӯи зулфи он паризод оварам.
Мушфиқӣ, мехоҳам аз тӯфони ашки хештан,
Ҭо шикасти нав дар ин деринабуньёд оварам.

БИГЗАР ЗИ ХУНИ МАН

Сари роҳи ту мегирад сиришки лолагуни ман,
Аз ин таксири худ шармандаам, бигзар зи хуни ман.
Ба ҷои дил даруни синаам гар оташе будӣ,
Наёвардӣ бурун ин дуди ҳасрат аз даруни ман.
Агар Мачнуни саргардон хароши синаам дидӣ,
Гирифтӣ солҳо таълим аз лавҳи чунуни ман.
Зи сӯзи дил дами гарме ки ман дорам, чаро ё раб
Ба хубони париваш дарнамегирад фусуни ман.
Зи ҳайрат дар шаби торики ҳичрон роҳ гум кардам,
Чи шуд, эй ахтари толеъ, ки бошӣ раҳнамуни ман.
Дар он кӯ кушта хоҳам дид худро, Мушфикӣ, рӯзе
Гувоҳӣ медиҳад хоки дараш инак ба хуни ман.

ШОДАМ АЗ ОН, КИ БЕ ҒАМИ ЁРЕ НАБУДААМ

Шодам аз он ки бе ғами ёре набудаам,
Бе доғи ишқи лолаузоре набудаам.
Ҳаргиз набуда он ки ба кӯи париваше,
Аз по фитода ошиқи зоре набудаам.
Санги бутон ба сина чаро мезанем, агар
Аз аҳли дарди синафигоре набудаам.
Ҳар кас, ки рӯям аз мижа бинад ба хун нигор
Донад, ки бе хаёли нигоре набудаам.
Шоми ачал ба рӯзи фироқи ту шуд бадал,
Аз бахри он ки шукргузоре набудаам.
Дур аз ту бар гуле нафитодаст чашми ман,
Гар оби дида абри баҳоре набудаам.
Гӯянд чист ҳосили умри ту Мушфиқӣ,
Ҷуз ошиқӣ мукайяди коре набудаам.

МАГӮ, КИ БО ТУ ДИГАР ҲАМНИШИНУ ЁР ШАВАМ

Магӯ, ки бо ту дигар ҳамнишину ёр шавам,
Агар туро нашиносам, умедвор шавам.
Ба умру ваъдаи васли ту эътимоде нест,
Ки бар умед нишинам, умедвор шавам.
Ба оби васл нишон оташи дилам, з-он пеш,
Ки ҷон диҳам ба ҳавои туву ғубор шавам.
Зи бевафоии хубон чу ашк мехоҳам,
Ки аз миёнаи мардум ба як канор шавам.
Ба зар азиз шавад ҳар касе чӣ донистам,
Ки рӯи зард ниҳам дар раҳи ту хор шавам.
Зи ҷоми шавқи ту гӯям, ки бехудӣ накунам.
Ба худ карор дихам, боз бекарор шавам.
Чунуни ишқ маро сохт, Мушфикӣ, расво,
Аз он гузашт, ки аз аҳли рӯзгор шавам.

МӮҲРЕ БАР ДАҲОН БОШАМ

Пас аз умре ки гардам хоку мушти устухон бошам,
Ҳанӯз аз ошиқӣ тири маломатро нишон бошам.
Фитам бехуд ба ёди чашми масту лаъли майгунат,
На соқӣ дида, на май хӯрда масту саргарон бошам.
Табибо, ранҷ ҷоеъ мекунӣ, заҳмат мабар чандин,
Маро бигзор то дар кӯи он маҳ нотавон бошам.
Зи ашку оҳ дидам ҳамдамиҳо, ҷои он дорад—
Ки миннатдори эшон аз замин то осмон бошам.
Нишони пой агар бӯсам қадаҳро вақти махмурӣ,
Начӯям бода аз даврону мӯҳре бар даҳон бошам.
Ба кӯяш синаи садчоку хуноби дилам бошад,
Чу гардад қолаби ман хоку фарши остон бошам.
Ҳадиси ишқро ҳар кас набошад, Мушфиқӣ, ҳамдам
Ҳамон беҳтар, ки бо оҳи дили худ ҳамзабон бошам.

БОШАД СУХАН АЗ ОРЗЎИ ХУД ҲАМА КАСРО

Лаъли ту дилам бурд назар сўи ту дорам,
Ҳаққо талабе аз лаби дилҷўи ту дорам.
Гўй, ки намоям ба ту дидор, чӣ дорӣ,
Сад гуна хиҷолат зи маҳи рўи ту дорам.
Бошад сухан аз орзўи худ ҳама касро,
Ман орзўи лаъли сухангўи ту дорам.
Дар шарҳи вафоят вараки хатти ғубор аст,
Гарде ки ба рухсори худ аз кўи ту дорам.
Гулпераҳано, бе ту равам чун ба гулистон,
Мақсуд зи перомани гул бўи ту дорам.
Саргарм шудӣ з-оташи мӣ то ба ракибон,
Дар оташу охам, гила аз хўи ту дорам.
Дилбастагии Мушфикӣ, эй шўх, чӣ пурсӣ
Он чист, ки дар силсилаи мўи ту дорам.

НИШОТИ УМР БОШАД ОШНОЙ БО СУХАНДОНОН

Маро аз по фиканд имсол ранҷи фуркати ҷонон,
Намедонам чи соле буд имсол, эй мусулмонон.
Касе чун кӯҳу сахро сирри ошикро намепӯшад,
Бувад рӯзе ки бошам дар паноҳи покдомонон.
Шавад вайронаи ман чун сагони ёрро манзил,
Диле пурдоғ орам чун намакдон пеши меҳмонон.
Дар ин гулшан кӣ афшонад гуле аз дӯстӣ бар ман,
Кӣ бошад ҷуз чароғи турбати ман аз гулафшонон?
Ба сад афсун надидам ром бо худ он парирӯро,
Хате хоҳам кашидан баъд аз ин гирди фусунхонон.
Чу ғунча ҳар ки ҷамъият кашад дар ҳам, маҳол аст ин,
Ки ҳамчун гул нагардад охир аз хотирпарешонон.
Ба авроки сафина, Мушфикӣ, аз баҳри ғам бигзар,
Нишоти умр бошад ошной бо сухандонон.

ЧӢ ДОМИ ҲАВАС АСТ ИН?

Ҳар рӯз ниҳам доғу нагӯям, ки бас аст ин,
Бигзашт ҳама умр чӣ доми ҳавас аст ин?
Аз хиргаҳи беду чаманам дил накушояд,
Бе рӯи гуле булбули ҷонро қафас аст ин.
Ҷон бар лабам аз сина расад ҳамраҳи нола,
Дар водии ҳичрони ту фарьёдрас аст ин.
Сӯзад пари мурғе ки фиристам ба ту нома.
Он барқи ҷаҳонсӯз бувад хору хас аст ин.
Аз аҳли вафо ҳар ки саги туст касе шуд,
Эй ман саги кӯи ту нагуфтӣ чӣ кас аст ин.
Чашми ту кушад зораму дар як назар аст он,
Лаъли ту диҳад ҷонаму дар як нафас аст ин.
Гӯй, ки туро Мушфиқӣ аз дард камӣ нест,
Эҳсони ту бисьёру маро мултамас аст ин.

ГУЛБУНИ ФИРӮЗА ҲАРГИЗ БАР МУРОДИ МАН НАРАФТ

Шишаи май аз кафам афтод наврӯзе чунин,
То зи баҳри ман, чи гулҳо во шавад рӯзе чунин.
Оташам дар ҷон фитад чун аз дигар оҳе кашам,
Чун насӯзад ҷонам аз оҳи чигарсӯзе чунин.
Рӯи ӯ моҳи дилафрӯз асту ман бетолеам,
Толее мебояду моҳи дилафрӯзе чунин.
Он парирӯ тифлу бадхоҳи мани бедил ракиб,
То чиҳо таълим гирад аз бадомӯзе чунин.
Гулбуни фирӯза ҳаргиз бар муроди ман нарафт,
Умрҳо рафту надидам бахти фирӯзе чунин.
Бар тани ман дӯхт дилро боз мижгони маҳе,
Аз камондорон кӣ дорад тири дилдӯзе чунин?
Мушфикӣ, дар сина як ҷон дориву сад ғам дар ӯ,
Ҳеҷ ҳосил дорӣ аз ҷони ғамандӯзе чунин?

УМРАМ БА ОХИР ОМАД

Эй ҷони ман асират, эй умри ман фидоят,
Умрам ба охир омад бе лаъли ҷонфазоят.
Фарьёд аз он, ки ҳаргиз тарки ҷафо накардӣ,
Афсӯс аз ин, ки мурдам бар ваъдаи вафоят.
Ту меравӣ хиромон, ман бо ду чашми гирьён,
Ошуфтаву парешон чун кокул аз қафоят.
Не бахти он, ки як шаб дастам расад ба зулфат,
Не пои он, ки рӯзе бигрезам аз ҷафоят.

ЭЙ, ХОРИ ҶАФОЯТ БА ДИЛАМ РАШКИ СУМАНҲО

Эй хори ҷафоят ба дилам рашки суманҳо,
Бар сина алафҳои ғамат расти чаманҳо.
Шаб бо камарат рози дили хеш кушодам,
Шуд рӯзу ҳанӯзам ба миён буд суханҳо.
Дорам ба дил аз теғи ту сад захму набандам,
Аз баҳри дуои ту кушоянд даҳанҳо.
Чун лола кушо турбати ушшоқ, ки бинӣ
Бар якдигар аз хуни [ҷигар] баста кафанҳо.
Аз Мушфиқии дилшуда бечоратаре нест,
Бо ӯ ҳама кас душману ӯ бекасу танҳо.

АЗ ҲАР КАМТАРЕ КАМТАР

Агар аз по фитодам заҳмат аз хоки даре камтар,
В-агар сар ҳам набошад дар ҷаҳон дарди саре камтар.
Гирифтам синаро бишкофаму дил оварам берун,
Зи оташҳои ҷонсӯзе ки дорам ахгаре камтар.
Сагаш худро ба ман гирад баробар дар вафодорӣ,
Намехоҳад, ки бошад одамӣ аз дигаре камтар.
Ба ашку оташи дил сохтем аз олами фонӣ,
Хаёли сим кам дорему савдои заре камтар.
Ту чун хуршеди тобониву афзунтар зи ҳар афзун,
Манам чун зарра саргардону аз ҳар камтаре камтар.
Забоне бошад аз ҳар устухон дар водии Мачнун,
Ки дорад қатъи роҳи ин биёбон раҳбаре камтар.
Сар омад, Мушфикӣ, умри ту дар мастиву мадҳушӣ,
Намегӯӣ дигар паймона пур шуд соғаре камтар.

ЗАБОНИ ҚАЛАМ ОҲИ ОШИҚОНАИ ТУСТ

Маро, ки гулшани ҷон хоки остонаи туст,
Гуле ки мешукуфад захми тозиёнаи туст,
Зи ман намонд ба ҷуз устухони чанд ҳанӯз
Ба пеши новаки ҷавру ҷафо нишонаи туст.
Туро ҳазор баҳона ба як вафову маро
Ҳазор дил, ки бувад хун ба як баҳонаи туст.
Ба пои сарви худам роҳ нест, эй кумрӣ
Туро чи ғам, ки сари сарв ошьёнаи туст.
Ба даври салтанати ҳусн ҳар чи хоҳӣ кун,
Ки давр даври ту гашту замон замонаи туст.
Зи нома дуд бароварад, Мушфиқӣ, қаламат,
Магар забони қалам оҳи ошиқонаи туст.

ДИДАИ АРБОБИ ДИЛ ОИНАДОРИ РӮИ ТУСТ

Дидаи арбоби дил оинадори рӯи туст,
Сайқали оинаи дилҳо хами абрӯи туст.
Аз ракибони сари кӯят надидам мардумӣ,
Мардумиҳое ки дидам аз сагони кӯи туст.
Моҳи ман, ғарқи арақ гаштӣ зи оҳи гарми ман,
Ин сифат аз гояти шарме ки дорӣ хӯи туст.
Такьягоҳат маснади ноз асту бар паҳлу ракиб,
Чун кунам бо ин саги золим, ки дар паҳлуи туст.
Аз ду зулфат рӯзҳо дидам чу бахти худ сиёҳ,
Дар қафо рӯзе сияҳтар з-он ҳама гесӯи туст.
Ман сияҳбахтам, саодатманд он зулфе, ки ӯ
Рӯй бар рӯи туву сар бар сари зонуи туст.
Мушфиқӣ то чанд гирьяд бе баҳори оразат,
Лолаҳои ашки ӯ аз лолаи худрӯи туст.

НАШЪАИ ҶОМИ ШАРОБИ ОШИҚӢ МАРДАФГАН АСТ

Пардаи чашм он парирухсораро пероҳан аст,
Гар парӣ набвад чаро пӯшида аз чашми ман аст?
Дар шаби ғам он ки бар доғи дили афгори ман,
Пунбаи марҳам гузорад акси мох аз равзан аст.
Ҳамчу мурғи нимбисмил метапам дар хоку хун,
Дасту пое мезанам чандон, ки ҷоне дар тан аст.
Аз гиребони маломат сар намеорам бурун,
Дол бар расвоии ман бас, ки чоки доман аст.
То ба он чашми сияҳ даъвӣ бувад бодомро,
Пеши аҳли дил сазои дидаи ӯ сӯзан аст.
Сина дорад доғи мехрат аз ту пинҳон чун кунам,
Хона равзан ҷониби хуршед дорад равшан аст.
Масту бехуд Мушфиқӣ афтод бар ёди лабат,
Нашъаи ҷоми шароби ошиқӣ мардафган аст.

ТО ПУР АЗ КОСАИ ГУЛ АРСАИ ГУЛШАН ШУДААСТ

То пур аз косаи гул арсаи гулшан шудааст,
Қалами косагарӣ ғунчаи сабсан шудааст.
Раҳм кун бар ману мискинии ман бахри худо,
Чанд рӯзе ки маро кӯи ту маскан шудааст.
Чун кашам сар ба гиребони сабурӣ, ки маро
Пераҳан рӯзи ҷудой ҳама доман шудааст.
Иттиҳоди ману дил аз ғаму дарди ту намонд,
Дар миёни ману ӯ „аз туву" „аз ман" шудааст.
Чашми торики маро нури ту будӣ, ё раб,
Боз бинам, ки ба дидори ту равшан шудааст.
Мушфикиро, ки ба васли ту ҳасад мебурданд,
Аз фироқи ту ба коми дили душман шудааст.

ОМАДА БОШАД

Хуш он ки ояму дар хона моҳе омада бошад,
Худо кариму раҳим аст, илоҳӣ омада бошад.
Рухи ниёзи ману хоки он раҳе ки маҳи ман,
Қадам ниҳода бар он ҷову гоҳе омада бошад.
Ту хуш ба маснади нозӣ, ба хоби ноз, чи донӣ,
Зи зулми чашми ту гар додхоҳе омада бошад.
Ба хоки кӯи ту рӯзам ба шаб расид, нагуфтӣ
Ки бедиле ба умеди нигоҳе омада бошад.
Диёри сабр зи тороҷи ғамзаҳои ту монад—
Ба кишваре ки ситамгар сипоҳе омада бошад.
Бувад ба хоки дарат Мушфиқӣ ба сони гадой,
Ки дар мулозимати подшоҳе омада бошад.

ЁД ОМАД

Нолаи фохта аз турраи шамшод омад,
Аз асирони сари зулфи туам ёд омад.
Пеши кӯҳ аз дили санги ту шикоят кардам,
Кӯҳ дар нола шуду санг ба фарьёд омад.
Дили зорам ҳадафи тири балоҳо кардй,
Ин ҳама аз ту маро бар дили ношод омад.
Доғи ҳичрон ба дилам тарҳи икомат афканд,
Вах, ки имсол фироқи ту ба буньёд омад.
Нола кардам зи қадат дар қадами сарви саҳӣ,
Оҳу нола зи дили бандаву озод омад.
Мушфиқӣ баҳри тамошои парихона нарафт,
Он ки девонаи хубони паризод омад.

ХОКСОРЕ БУД

Чу нақди ҳастии Маҷнун ғами нигоре буд,
Худо ба нақд биёмурзадаш, ки ёре буд.
Зи ишқи Кӯҳкан афсонаҳои ширин монд,
Замони хубии Ширин чӣ рӯзгоре буд!
Ба мисри ишқ Зулайхо азиз шуд охир,
Ки хоки роҳи азизи чунон диёре буд.
Ба ҳарфи Вомиқ аз он гӯш мениҳанд, ки ӯ
Фасона аз ғами Узрои гулъузоре буд.
Муҳаббати рухи гул шӯҳра сохт булбулро
В-агарна ҳар чаманеро чу ӯ ҳазоре буд.
Ба давлати қадами шамъ сарфарозӣ ёфт,
Кучо в-агарна зи парвона эътиборе буд?
Ба хоки Мушфиқӣ он дам, ки дӯстон гузаранд,
Расад ба хотири эшон, ки хоксоре буд.

БА КОРЕ ИШҚ ДОРАД ҲАР КАСЕ

Ки бошад шамъ то сӯзад дилаш бар ман шаби торе,
Ба худ дармондае, дар кайди симу зар гирифторе.
Гар аз ёре надидам гӯшаи хотир хуш аст ин ҳам,
Ки дорам солу маҳ дар гӯшаи хотир ғами ёре.
Фитад дар ҷони ман оташ, агар сӯзад туро доман,
Расад бар дидаи ман гар туро дар по халад хоре.
Ба коре ишқ дорад ҳар касе, ишқ аст он касро,
Ки дар олам намедонад ба ғайри ошиқӣ коре.
Равад умру набинад то киёмат сӯи ман ҳаргиз,
Ки аз ман коми дил кам диду шуд озурда бисьёре.
Надорад Мушфикӣ дар боғи олам ёри дилсӯзе,
Диле дорад, ки месӯзад ба ёди лоларухсоре.

МУТРИБ ШАБЕ ТАРОНАИ ҲУСНИ ТУ СОЗ КАРД

Мутриб шабе таронаи ҳусни ту соз кард,
Шамъ омаду сафинаи парвона боз кард.
Аз абруят ба қолаби меҳроб ҷон намонд,
Хоҳад имом омаду бар вай намоз кард.
Гуфтам, ки дар баробари нози ту ҷон диҳам,
Бо ман дар ин муомала чашми ту ноз кард.
Ман кистам, ки пеши ту нозам ба ҷони худ?!
Сад ҷон бувад ба пеши ту хоҳам ниёз кард.
Омад хазони ҳаҷру баҳори висол рафт,
Бар ман маломати шаби ҳичрон дароз кард.
Сар дар раҳи сагони дарат монд, Мушфикӣ,
Худро миёни аҳли вафо сарфароз кард.

МЕБОЯД

Ашки ман тифлу муаллим карамат мебояд,
Лавҳи таълим зи нақши қадамат мебояд.
Теғи бедод алам соз, ки дар хели бутон,
Аламе бахри сипоҳи ситамат мебояд.
Ҷон ба лаб омаду пайванди раги ҷони маро,
Торе аз турраи пурпечу хамат мебояд.
Паи изҳори ту хоҳам, ки набошам, ҳаргиз
Чи тавон кард маро аз аламат мебояд.
Дар чаман хӯрдаи гулро чӣ кунад мурғи дилам,
Донае чанд зи реги ҳарамат мебояд.
Мушфикиро, ки гирифтори ғами туст бипурс,
Агар, эй ҷон зи асирони ғамат мебояд.

АЗ ОНИ МАН НАШУД

Моҳи бемеҳре ки ман дорам аз они ман нашуд,
Бар дилам рахме накард, ороми ҷони ман нашуд.
Дид к-аз дуди дили худ хонае дорам сиёх,
Бо рухи чун моҳ як шаб меҳмони ман нашуд.
Ҷои ӯ дар чашму номаш бар забон дорам, вале
Дар дили ӯ ҷо накардам, ҳамзабони ман нашуд.
Дидаи бедор дар хоб аз хурӯши ман нарафт,
Бахти хоболуд бедор аз фиғони ман нашуд.
Солҳо сар дар гиребон, сӯхтам бар ёди ӯ,
Бехабар буд, огаҳ аз сӯзи нихони ман нашуд.
Мушфиқӣ пеши сагони ёр чуз бетолеӣ,
Хеҷ таксири дигар хотирнишони ман нашуд.

ИШҚИ ПИНҲОНИ МАРО ҲУСНИ ТУ МАШҲУР КУНАД

Чун шакарро ҳаваси лаъли ту ранҷур кунад,
Магасеро натавонад, ки зи худ дур кунад.
Хубии рӯи ту афзун шуду тарсам, ки дигар,
Ишқи пинҳони маро ҳусни ту машҳур кунад.
Нест толеъ, ки шабе кулбаи торики маро,
Маҳи рӯи ту сафо ораду пурнур кунад.
Бе кусуре набувад қимати он булҳавасе,
Ки ту бошиву таманнои рухи ҳур кунад.
Ба ҷафоҳои фалак сабр кунам, оҳ мабод,
Ки маро аз ту ҷудо созаду маҳҷур кунад.
Аз хатти ҷом дуои кадаҳе мебояд,
Ки даме чораи дарди сари махмур кунад.
Як нафас Мушфиқӣ аз сирри ғамат холӣ нест,
Ба хаёли ту дили ғамзада масрур кунад.

ЗИ МАСТӢ ДОШТ КАСДИ КУШТАНИ МАН ЧАШМИ ШАҲЛОЯШ

Зи мастӣ дошт қасди куштани ман чашми шаҳлояш,
Қадаш бархост баҳри узру зулф афтод дар пояш.
Ба суратхона ҳар сурат, ки дидам маҳви он гаштам,
Чу дидам сурати он маҳ шудам маҳви тамошояш.
Зи хубон орзӯи дил таманно мекунад ҳар кас,
Маро ин орзӯ дар дил, ки мирам аз таманнояш.
Ту менолӣ ба тарфи бӯстон, эй кумриву ман ҳам.
Ту аз болои сарву ман ба пои сарви болояш.
Зи гул домони худ чидам, гирифтам дида наргисро,
Чӣ гуна дида баргирад касе аз сарви болояш.
Бар ин дар Мушфиқӣ умрест лофи бандагӣ дорад,
Ки аз баҳри сагонаш хидмате бошад, бифармояш.

ГАРДАД СУХАНЧИН БАРТАРАФ

Тороҷи махрӯён шудам, дил бартараф, дин бартараф,
Дигар чӣ монд аз баҳри ман, он бартараф, ин бартараф.
Дорад ба сар шохи гуле аз сунбули чин кокуле,
Чин буду дар вай сунбуле он ҳам шуд аз чин бартараф.
Сар хоки раҳ шуд аз ситам, ҷон бар лаб омад аз алам,
В-аз гирьяи шабҳои ғам, чашми ҷаҳонбин бартараф.
Оину расми дилбарӣ—меҳр асту ошиқпарварӣ,
Шуд аз ту, эй рашки парӣ, он расму оин бартараф.
Гуфтам, ки ёбам маҳраме к-аз ғам биёсоям даме,
Ҳар дам расид аз ту ғаме, ғамҳои дерин бартараф.
То кай рақиб аз рӯи кин, чинад суханҳо аз камин,
Ё раб, ки аз рӯи замин гардад суханчин бартараф.
Чун Мушфикӣ назми гуҳар резад бари он симбар,
Дорад таваққӯъ як назар эҳсону таҳсин бартараф.

ХӮИ ТУ БАД НАБУД

Ҳар шаб чу шамъ гирьяи ҷонсӯз мекунам,
Мурдан беҳ аз шабест, ки ман рӯз мекунам.
Фардо магар худой ба фарьёди ман расад,
Ин нолаҳо, ки бе ту ман имрӯз мекунам.
Хӯи ту бад набуд бад-ин сон, ҳабиби ман,
Ин шиква аз рақиби бадомӯз мекунам.
Месӯзаму ҳикояти бахти сиёҳи худ,
Шабҳо ба моҳи анҷуманафрӯз мекунам.
Ишқат кадом ҷон, ки ба тороҷи ғам надод,
Беҳуда фикри ҷони ғамандӯз мекунам.
Чоки дилам зи ханҷари ёр аст, Мушфики,
З-ӯ илтимоси новаки дилдӯз мекунам.

БА ҚАВЛИ ДУШМАНОН ЗОЛИМ ШУДӢ

Кушодӣ ҷайбу омад нагҳати ӯ дар гулистон ҳам,
Ки гул аз бод барҳам хӯрду булбул шуд парешон ҳам.
Зи оби дидан худ рӯ ба гирдоби адам дорам,
Ки имшаб по ба доман мекашам сар дар гиребон ҳам.
Ба кӯят гирьяму бар остонат нолам аз ҳичрон,
Мақоме дорад оби чашму чое дорад афғон ҳам.
Ба қавли душманон золим шудӣ имрӯз, моҳи ман,
Ба харфи дӯстон хоҳӣ шудан фардо пушаймон ҳам.
Зи ман доман кашидӣ баски рафтам бар сари кӯят,
Ба ашк олуда рухсору ба хун оғушта доман ҳам.
Кашидам оҳу кардам гирья аз бахти сиёҳи худ,
Баромад абру пайдо гашт барқу рехт борон ҳам.
Ба ишқат Мушфикӣ дорад фароғ аз дунъиву укбо,
Ҷахонеро ғами ин бурдаву андешаи он хам.

АЗ МИЁНИ ҲАМА ХУБОН ТУ ПИСАНДИДАИ МО

Қадаме неҳ ба сару дидаи ғамдидаи мо,
Гилае дошта бошӣ ба сару дидаи мо.
Хубрӯёни ҷаҳонанд писанди ҳама кас,
В-аз миёни ҳама хубон ту писандидаи мо.
Гар начидем ба доман гул аз ин боғ, бас аст.
Пур зи хуни мижа домони зи гул чидаи мо.
Чун зи сӯзи дили худ нома нависем ба ёр,
Алифи оҳ бувад номаи печидаи мо.
Дида пӯшем зи дунъё, ба умеде, ки шавад,
Боз бар моҳи рухат дидаи пӯшидаи мо.
Аз ҷафои ту чӣ ранҷем, ки пеши ту якест,
Дили хуррамшудаву хотири ранҷидаи мо.
Мушфикӣ умр ба наззораи хубон бигузашт,
Ҳеҷ гаҳ сер нашуд дидаи нодидаи мо.

ЧУН ШАВАД

Чун зи ҳарфи ё рабу оҳам дилат маҳзун шавад,
Оҳ гӯям чун шавад, ё раб нагӯям чун шавад?
Ин ҳама ҳусни туро як зарра дар дил меҳр нест,
Маҳ, ки дур аз меҳр бошад ҳусни ӯ афзун шавад.
Дар дилам ҳар ҷониб аз мижгон фикан чоки дигар,
То ба дил шавқе дарун ояд, ғаме берун шавад.
Тавсанат рӯзе ки бар хоки шахидон бигзарад,
Аз замин гарде ки бархезад ҳаво гулгун шавад.
Нест ҷуз мӯи сари афтодаи жӯлидае,
То ба рӯзи бекасӣ ҳамзонуи Маҷнун шавад.
Кори чашму дил ба шаҳри ҳусни хубон мушкил аст.
Ҳеҷ касро кас намепурсад агар сад хун шавад.
То ба ғоят, Мушфиқӣ, коре ба коми дил нашуд,
Метавонад буд кори олам аст акнун шавад.

МЕЗАНАД

Гул ба рухсори ту чун лофи таҷаммул мезанад,
Панҷаи савсан тапонча бар рухи гул мезанад.
Халқа мӯе мешавад аз баҳри мурғи ҷони ман,
Халқа ҳар гаҳ бар сару дӯши ту кокул мезанад.
Зери хок азбаски гулро оташи савдои туст,
Сар бурун аз хоки гулшан дуди сунбул мезанад.
Хуни сад ғамдида чашми фитнаангези ту рехт,
Чун маро лоик намебинад, тағофул мезанад.
Дар қабои лолагун то ҷилвагар шуд қоматат,
Оташам дар ҷони бесабру таҳаммул мезанад.
Гар шавад як нолаи ман дар ғами рӯят хазор,
Ханда дорад гул зи фарьёде ки булбул мезанад.
Мушфиқӣ дорад дили беҳосилу дасти тиҳӣ,
Дар тарики ошиқӣ дам аз таваккул мезанад.

НАМЕГЎЯД

Дилам тарки таманноят ба ҷавру кин намегўяд,
Ба дил бисьёр мегўям, вале дил ин намегўяд.
Ғами худ шарҳ кардам пеши қосид, гарчи медонам
Ки чун рўи ту бинад аз мани ғамгин намегўяд.
Сухан гаҳ гўяд он маҳ сад парешонро агар бинад,
Ба чини сунбули зулфат сухан аз чин намегўяд.
Чӣ суд аз нақши Ширин кандани Фарҳод, чун бо ў
Ҳанўз аз бими Хусрав як сухан ширин намегўяд.
Ба лаъли ў зи шаккар қанд шуд, шаккаршикан тўтӣ,
Муқаррар шуд касе як ҳарфро чандин намегўяд,
Зи хели ҳашмати хубӣ маҳи ман шоҳи хубон шуд,
Касе дар пеши ў ҳоли мани мискин намегўяд,
Зи ҳичрон Мушфикӣ бемор шуд мегўяд,—он бадхў,
Равам аз бахри пурсиш бар сари болин намегўяд.

ЗУЛФАТ САБАБ АФТОД

Бозам зи таби ҳачри ту кори аҷаб афтод,
Хор аз мижа дар раҳгузари хоби шаб афтод.
Абрӯи ту бар анбари тар зад гираҳ аз ноз,
Аз тоби гиреҳ хол бар он тарфи лаб афтод.
Расвоиву рӯзи сияҳу холи парешон,
Инҳо ҳама вокеъ шуду зулфат сабаб афтод.
Аз орзӯи гунаи лаъли ту сиришкам,
Соил шуду з-ин гуна ба роҳи талаб афтод.
Таскини дили гарм зи пайкони ту кардам,
Дидам, ки дигар кор ба таъвизи таб афтод.
Дил моили абрӯи бутон буд, шикастанд,
Фарьёд, ки он шиша зи токи тараб афтод.
Печид ғазал Мушфикиву сӯи ту афканд,
Аз нахли тари хомаи ӯ ин рутаб афтод.

ИШҚИ ТУ КАРД АФСОНААМ

Сӯзе ки пинҳон доштам ҳаҷри ту пайдо мекунад,
Табро ниҳон дорад касе марг ошкоро мекунад.
Зулфи парешон чун ниҳад дар чилва сар дар пои ту,
Аз баҳри чони бедилон сад фитна барпо мекунад.
Гӯянд мушку ишкро натвон нуҳуфтан, лоҷарам
Ишқи ту кард афсонаам зулфи ту расво мекунад.
Шодиву роҳат аз дилам омад зи бас тангӣ буруи,
Чандин ғам аз ҳар чонибе дар вай чӣ сон чо мекунад?
Ҳар нохуни булбул агар хоре шавад дар пои ӯ,
Аз хори хори ошиқӣ бо гул мадоро мекунад.
Рӯзи фирок аз сӯзи дил теғи ту дорам орзӯ,
Лабташна дар оби равон мурдан таманно мекунад.
Шабҳо, ки дорад Мушфиқӣ андешаи моҳи рухат,
Бар ёди рӯят то саҳар маҳро тамошо мекунад.

ЗИ ДИЛҲОИ ПАРЕШОН МЕДИҲАД ЁД

Парешон кокули он сарви озод,
Зи дилҳои парешон медиҳад ёд.
Камар баста ба аҳди ман, валекин,
Аз ин аҳде ки бастӣ ҳеҷ накшод.
Нихад сар бар канорат ҳиндуи зулф,
Чи бояд кард, мақбули ту афтод.
Бино бар сабри ҷону дил чӣ созам,
Ки буньёде надорад ҳеҷ буньёд!..
Сагаш меҳмони ман шуд хуни дил хӯрд,
Зами н бӯсиду гуфто: „Хона обод!“
Бисоти қурб ҷои Мушфиқӣ нест,
Б а хидмат сар аз он бар хок бинҳод.

ИН ВОДӢ ХАТАР ДОРАД

Хуш он маҷлис, ки шӯхе сархуш аз май ҷилвагар бошад,
Намояд кокул аз пешониву мадди назар бошад.
Шаби ғам сӯхтам то устухон доғе зи сӯзи дил,
Ситора чун баромад шоҳид уммеди саҳар бошад.
Касе дар ошиқӣ ҳамранги ёри хеш мебояд,
Аз он тӯтӣ ҳамеша дар либоси найшакар бошад.
Чу бар азми адам рахти иқомат бандам аз кӯят,
Сагат шояд, ки фарьёде барорад ҷомадар бошад.
Нахоҳам дар қиёмат сояи тӯбо, агар донам,
Ту хоҳӣ буд хуршеде, ки бар болои сар бошад.
Дахонат шуд зи лаб шаккаршикан, то коми дил бахшад.
Дар ин тақсим, илоҳӣ, рӯзии ман бештар бошад.
Ба як ҷон, Мушфиқӣ, натвон тариқи ишқ паймудан,
Дар ин водӣ, хатар дорад, ки сад ҷон дар хатар
бошад.

РАБОЯД БА ЯК ИШВА ЧАШМИ ТУ САД ДИЛ

Рабояд ба як ишва чашми ту сад дил,
Агар ин қадарҳо набошад, чӣ ҳосил?
Нахоҳам гулу сарв хоҳам, ки бошам
Ба рӯи ту вола, ба қадди ту моил.
Агар гул набошад, туӣ дар баробар,
В-агар сарв набвад, туӣ дар муқобил.
Дилам рафт дар водии ишқ, ҷон ҳам,
Сафар бехатар нест, роҳ асту манзил.
Зи рашки қадат ҳар шабе то ба доман,
Қабо гашта пероҳани шамъи маҳфил.
Агар маҳмиле дошт Лайлӣ, ту дорӣ
Ба ҳар ҳарф аз ҳусн сад гуна маҳмил.
Нихон, Мушфикӣ, дошт савдои зулфат,
Вале мушк пинҳон тавон дошт мушкил.

ПЕШИ ТУ МЕГЎЯМ

Дило, он шўхро паймоншикан пеши ту мегўям,
Ба кас ҳаргиз нагуфтам ин сухан пеши ту мегўям,
Ту ғаммозиву ман, эй гирья, рози пардаи дилро
Ту пеши мардумон гуфтиву ман пеши ту мегўям.
Ба арзи ҳоли худ аз захми теғат сад даҳан дорам,
Дилам хун мешавад, то як даҳан пеши ту мегўям.
Ҳадиси оташи рухсори шамъу сўзи парвона,
Ба ҳасби ҳоли худ дар анҷуман пеши ту мегўям.
Ба Мачнун достоне аз балои ишқ мебандам,
Шабе афсонае аз хештан пеши ту мегўям.
Ғаме к-аз гирьяи тундам нафас дар сина мепечад,
Агар бошад маҷоли дам задан пеши ту мегўям.
Ба рўзи васл мурдан, Мушфиқӣ, ҳар чанд агар бошад.
Батар бошад фироқу зистан пеши ту мегўям.

МУРҒИ БИСМИЛКАРДАРО МОНАД

Гарчи қонун чанг дар домони симу зар зада,
Баҳри хидмат дар раҳи ушшоқ доман бар зада.
Гарна мутриб шарҳи қонун менависад баҳри чист,
Чун қалам мизроби ӯ бар сафҳаи мистар зада.
Дар хуморам в-аз шароб олуда аз майхорае
К-аз кафам соғар кашида, бар сарам соғар зада.
Хунфишон гардидаву оби рухи гул рехта,
Лаб зи май тар кардаву оташ ба қонам дар зада.
Дида оташ дар дили тангам хаёли коматат,
Пой бар чашми тарам монда, қадам бартар зада.
Мепарад аз баҳри дидори ту чашми хунфишон.
Мурғи бисмилкардаро монад, ки болу пар зада.
Мушфиқӣ чун хонда бар дарди сари ҳичрон дуо,
Даст боло бурдаву аз бехудӣ бар сар зада.

СӮҲБАТ ҒАНИМАТ ДОН

Умр рафту хирқа мешӯям ҳанӯз аз оби май,
Аз сиёҳӣ, то сафедӣ, аз сафедӣ то ба кай?
Дил харобу нақши абрӯи бутон дар дил ҳанӯз,
Масҷид афтодасту бар ҷо ҳамчунон меҳроби вай.
Мутрибо, субҳ асту савти булбулу хиргоҳи бед,
Шамъи ин кошона равшан соз аз қандили най.
Оби чашмам хушк гардид аз дами сарди рақиб,
Гарчи оби шӯр кам мебандад аз таъсири дай.
Санги бедоди ту боли тоири умрам шикаст,
Чун тавонад нома бурду роҳи ҳичрон кард тай.
Аз висоли ёру лутфи ғайр эмин нестам,
Пои мурдан дар миёну меҳнати ҳичрон зи пай.
Мушфикӣ, сӯҳбат ғанимат дон, ки мегӯяд хабар
Хатти даври ҷом аз кайфияти Ҷамшеду Кай.

ишқ

Омад ба сина маҳмили дард аз ҷаҳони ишқ,
Инак зи наълу доғи паи корвони ишқ.
Маншури оҳро, ки ба воло гирифтаам,
Овардаам ба мулки маломат нишони ишқ.
Аз дил ҳазор нолаву афғон бароварад,
Бо булбуле ки шарҳ диҳам достони ишқ.
Дар нома зикри ҳусни ту кардам ҷаҳон гирифт,
Пиңҳон намонад он чи фитад дар забони ишқ.
Дар ҳар гили замин, ки иқомат фитад туро.
Гул рӯяд аз замину шавад гулситони ишқ.
Дурӣ зи ҳусн ахд зи ошиқ маҷӯ, ки нест
Бегонагӣ миёнаи ҳусну миёни ишқ.
Гулгун чарост гунаи ашки ту, Мушфикӣ,
Умре ба сар давида магар дар инони ишқ.

АЗ ТУ, ЭЙ ГУЛБУНИ ДИЛ, ЯК ГУЛИ ШОДЙ НАШУКУФТ

Ҳамдам, эй нолаи ман, то дами мурдан будй,
Розиям аз ту, ки доим ба дили ман будй.
Гарчи месӯхт дил аз дасти ту, эй доғ, маро,
Ҳосили умри мани сӯхтахирман будй.
Ҳаргиз, эй ашк ба рӯи ту накардам гилае,
Ки маро мардумаки дидаи равшан будй.
Аз ту, эй гулбуни дил, як гули шодй нашукуфт,
Дар шигифтам, ки ту, ё раб, зи чй гулшан будй.
Чи балоҳо зи ту, эй дидаи гирьён дидам,
Бо вучуде ки зи ёрони муайян будй.
Мушфиқй, дар сафари ишқ зи по афтодй,
Пои печида хуш он дам, ки ба доман будй.

БАҲОР ОМАД ТАМОШОИ ЧАМАН БО ЁР БОИСТӢ

Баҳор омад тамошои чаман бо ёр боистӣ,
Ба чои сарву гул он сарви гулрухсор боисти.
Маро ҳар лахза дур аз кӯи ӯ рӯ медиҳад гирья.
Ба вакти гирья рӯи ман бар он девор боистӣ.
Ба кадри заррае аз моҳи худ меҳре намебинам,
Касе бетолеъ аз хубон на ин микдор боистӣ.
Хама болобаландон омаданд аз майли дил сӯят,
Санавбарро хирому сарвро рафтор боистӣ.
Ба доғи ишқ нохун аз маломат мезанад носеҳ,
Дар ин боғ аз хазорон гул яке бехор боистӣ.
Дило, катъи биёбони чунун чандин хатар дорад,
Сафар камкарда[ро] з-ин рах ҳазар бисьёр боистӣ.
Паёми лутф омад, Мушфикӣ, аз кишвари чонон,
Зи қосид ҳарфи аввал муждаи дидор боистӣ.

ЧАРО РӮЗИ ПАГОҲИ ХЕШРО БЕГОҲ МЕСОЗӢ?

Сабоҳи васл чун қатлам ба шоми ҳачр андозӣ,
Чаро рӯзи пагоҳи хешро бегоҳ месозӣ?
Насозӣ пок аз рӯям сиришки лолагун ҳаргиз,
Агар сад бор хун гирьям ба ман як дам напардозӣ.
Надорӣ мисли худ дар нозу хубӣ, чои он дорад,
Ки хубӣ бо ту нозад ё ту аз хубӣ ба худ нозӣ.
Давад оҳуву бинад аз қафо мемирам аз ғайрат,
Дар он саҳро, ки аз баҳри ҳалоки сайд метозӣ.
Ба хуршеди рухаш, эй моҳ кам бош аз сари даъват,
Ба чое мерасад охир, ки худро хеч месозӣ.
Сабӯ бар сар наёвардам шабе дар базми моҳи худ,
Сар омад мачлиси умру надидам ин сарафрозӣ.
Зи гирья, Мушфикӣ, сад обрӯ дорӣ ба ҳамдуллаҳ,
Ки дорӣ чашму доман поку ишқи пок менозӣ.

НАДОНӢ ҚАДРИ КОҲЕ ҚАДРИ КӮҲЕРО НАМЕДОНӢ

Танам коҳиду дорам кӯҳи ғам дар сина пинҳонӣ,
Надонӣ қадри коҳе, қадри кӯҳеро намедонӣ,
Ҷудо аз лаъли майгуни ту ҳаргаҳ ҷуръае хӯрдам,
Ба рӯи ҷони ман он ҷуръа шуд доғи пушаймонӣ.
Шабам хоби парешон мавҷиби ҷамъияти дил шуд,
Ки бо зулфи ту ӯро нисбате буд аз парешонӣ.
Туро чун ишқи ман ҳуснест рӯзафзун, метарсам
Ки монеъ ояд аз наззораи рӯи ту ҳайронӣ.
Зи дарди ишқи тарсозодае доғе ба дил дорам,
Мусулмонон бар ин медораму дарди мусулмонӣ.
Рухашро бинаму рӯи ниёз аз худ нагардонам
Ту, эй зоҳид агар рӯй аз намози худ нагардонӣ.
Хурӯши сели гирья, Мушфиқӣ, ҳоли дигар дорад,
Равон кардӣ саводи ишқу ҳамчун об мехонӣ.

ҲАМА КАС РАҲ БА МУРОДИ ДИЛИ ХУД МЕХОҲАД

Гарчи ҳар шаб дили маҳ сӯхтаи оҳи ман аст,
Он ки бемеҳрии ӯ сӯхт маро моҳи ман аст.
Накашам пои талаб дар шаби торики фироқ,
Бо вуҷуде ки надонам, ки чи дар роҳи ман аст.
Хама кас раҳ ба муроди дили худ мехоҳад,
Номуродест дар ин роҳ, ки дилхоҳи ман аст.
Рӯи зарди ману девори фирокат, чи кунам
Ки насиби гили меҳнат тани чун коҳи ман аст.
Аз худо бе назаре нест дили ман, ки туро
Ба иноят назаре бар дили огоҳи ман аст.
Мушфиқиро ба сари кӯи ту чун ёд кунанд,
Иззати ӯст, ки гӯй саги даргоҳи ман аст.

ҲАМ ҒАРИБАМ, ҲАМ АСИР

Заррае дар хотири Хусрав нагардад ҷойгир,
Гар яди байзо намояд Кӯҳкан аз ҷӯи шир.
То ба мулки ҷон хаёлат мансаби шоҳӣ гирифт,
Бахри ӯ аз дида маснад сохтам в-аз дил сарир.
Бар факирону ғарибону асирон гар туро
Раҳмате бошад, факирам ҳам ғарибам, ҳам асир.
То ба гӯш аз бас камон бар касди ҷонам мекашӣ,
Шуд дурри гӯши ту лаъл аз сурхии сӯфори тир.
Соате сад бор хоҳам гирди сар гардам туро,
Эй, ки ёди ман намегардад туро гирди замир.
Бе хаёли рӯи хубон нест назми Мушфикӣ,
Гарчи сурат нест бар оби равон суратпазир.

РАВИШЕ НАКАРД ҲАРГИЗ БА МУРОДИ МАН СИТОРА

На зи ашки рафта пурсам, на зи оҳи пуршарора,
Ки ба киса дар наёяд зари ошикӣ дубора.
Зи ғами ту чун зиёда ба даруни ҷон нагунҷад
Ғами он ки дил кучо шуд, биниҳам ба як канора.
Ба кабои сарв бингар, ки зи хидмати ту ӯро
Шуда ошьёни булбул сари остини пора.
Зи дили ту мехр ҷустан, бувад он масал, ки: „Давлат
Чу худо дихад барояд зи даруни санги хора".
Бинишин даруни ҷонам, ки туро касе набинад,
Ҳама бингаранду ман ҳам, чӣ кунам аз он назора.
Ҳама ҷо зи оташи май рухи ту аракфишон шуд,
Равише накард харгиз ба муроди ман ситора.
Аламест Мушфиқиро зи ғамат ба ҷои дармон
Биниҳаш ба сина доғе, ки ба дасти туст чора.

ЗИ ХУСРАВ КАМ НАМЕДОНАНД ФАРҲОДИ БАЛОЧӮРО

Зи Хусрав кам намедонанд Фарҳоди балочӯро,
Забони теша бошад тарки точи хусравӣ ӯро.
Бар оташ мӯй мепечад, шудам мӯе напечидам,
Зи тоби оташи ишқи ту ҳаргиз як сари мӯро.
Дами бисмил, ки монад боз чашми оҳу аз ҳасрат,
Сару чашме мабодо буда бошад бо ту оҳуро.
Ба ҳар мӯе зи абрӯи туам майли дигар бошад,
Маҳи нав гарчи қуллоби муҳаббат созад абрӯро.
Сар омад умру дорам аз саводи дида навмедӣ,
Шаби ҳичрон чу созам айнаки худ ҳарду зонуро.
Шабу рӯзи ҷаҳон равшан зи рӯи туст, пиндорӣ
Худо аз моҳу хуршед офарид он рӯи некӯро.
Накардӣ, Мушфикӣ, ҳаргиз шикоят аз ҷафои ӯ,
Ту некӯ мешиносӣ одати он шӯхи бадхӯро.

ҲАМЧУ ДАВРИ ГУЛ ҒАНИМАТ ДОР ИН АЙЁМРО

Чун насими субҳ дарьёбад маи гулфомро,
Чини мавчи ӯ гули садбарг созад ҷомро.
Соғари майро даҳон аз ханда чун гул боз монд,
То ба лаб рӯзе расид он сарви симандомро.
Гар нишоти умр хоҳӣ бе маи гулгун мабош,
Ҳамчу даври гул ғанимат дор ин айёмро.
Соқиё, лутфе куну аз лаъли худ коме бидеҳ,
То занам обе бар оташ ин дили худкомро.
Аз қадаҳ пири муғон имшаб салои бода дод,
Хамдаме ку то ба майхорон барад пайғомро.
Он ки дорад аз харифони куҳан дилбастагӣ,
Нест ғайр аз лои бода ринди дурдошомро.
Мушфиқӣ, тоси фалакро нест имкони даранг,
Сарфи ҷоми бода гардон умри бефарҷомро.

ГӮШАИ БАЛО МАНЗИЛИ МАН АСТ

Доғи ишқи ту ҳосили ман аст,
Ғар нагӯям ин, дар дили ман аст.
Дар сиришти ман гул накиштаанд.
Тухми хори ғам дар гили ман аст.
Ман ба хидматат чун намерасам.
Бесаодатӣ қобили ман аст.
Офият кучо, ошиқӣ кучо?
Гӯшаи бало манзили ман аст.
Дар шаби ғамат оҳи оташин—
Шамъи равшани маҳфили ман аст.
Сели ашки ман чун равад, бигӯ
Баҳри як назар соили ман аст.
Мушфикӣ, ба ғам хӯ гирифтаам,
Лутфи шоми ғам шомили ман аст.

БО КӢ ГӮЯМ ДАРДИ ХУД

Гӯши ман вақти хумор овоз кард, эй майфурӯш,
Ё садои ҷом омад аз кафи соқӣ ба гӯш.
Бо қадди хамгашта чун гирьям, насими оҳи ман
Чун вазад дар торҳои чанг, ояд дар хурӯш.
Бо кӣ гӯям дарди худ, к-аз нолаи ман сангро
Дил ба фарьёд омаду он шӯхи сангиндил хамӯш.
Меравам аз худ ба ёди он, ки монанди парӣ
Омадӣ пеши назар ногоҳу ман рафтам зи хуш...
Даст бар дӯши ту мехоҳад, ки андозад рақиб,
Аз худо хоҳам, ки гардад дасти ӯ кӯтаҳ зи дӯш.
Фориғӣ, эй шохи гул, аз нолахои Мушфиқӣ,
Гул ҳадиси нолаи булбул намеорад ба гӯш.

НАМОНАД

Буте дил зи ман бурду дин ҳам намонад,
Ғаниmат бувад ҷону ин ҳам намонад.
Ба дил шуд ба кин мехри он маҳ чӣ ранҷам,
Бало бошад он рӯз к-ин ҳам намонад.
Диҳам ҷони худро тасалливу гӯям,
Ки ҷонон ба ман инчунин ҳам намонад.
Ниҳам сар ба зонӯи ҳирмону тарсам,
Ки хоки раҳат бар ҷабин ҳам намонад.
Зи рӯи хато чин маяфкан дар абрӯ,
Ки фағфури Чин, балки Чин ҳам намонад.
Ба зери замин мӯр агар ҷон супорад,
Сулаймон ба рӯи замин ҳам намонад.
Дили Мушфиқӣ рафт, аз он ғам нахӯрдӣ,
Маҳӯр ғам, ки ҷони ҳазин ҳам намонад.

БА БЕГОНАҲО ОШНОЙ, ЧЙ ГЎЯМ?

Зи чашмам чу ашки вафое барояд,
Пур аз доғи ҳасрат гиёе барояд.
Гули боғ чустиву аз ҷони ошиқ
Нахоҳй, ки хори ҷафое барояд.
Писандидаи чун ту шоҳе чй бошад,
Ки аз дасти чун ман гадое барояд?
Ба кўят зи рашк оташ афтад ба ҷонам,
Агар оҳе аз мубталое барояд.
Туй он маҳи нав, ки чун рух намой,
Зи ҳар гўша дасти дуое барояд.
Ба бегонаҳо ошной, чй гўям?
Чу бегонаву ошное барояд.
Дил аз Мушфикй бурда сарви равоне,
Ки ҳар чо хиромад балое барояд.

ШОДИЕ ДОРАМ, КИ НАТВОН ХОБ КАРД

Дар чаман соқӣ шабе азми шароби ноб кард,
Саҳни гулшанро гули раъно шаби маҳтоб кард.
Аз фиғони субҳдам овози булбул хаста шуд,
Ғунчаи хандон дар об аз акси худ инноб кард.
Зоҳиде аз гӯшае бар токи абрӯи ту дид,
Солҳо дигар нишасту хост бо меҳроб кард.
Новаки ӯ дар саводи чашми гирьёнам нишаст,
Мурғи обӣ ошьён баҳри худ аз гирдоб кард.
Шаб, ки дар кӯи ту ёбам остоне зери сар
То саҳаргаҳ шодие дорам, ки натвон хоб кард.
Хуштар аз хоки дарат дар равза гулзоре наёфт,
Гарчи ризвон сад тааммул беш дар ҳар боб кард.
Рехт об аз чашму хун аз дил ба ёдат Мушфиқӣ,
Он қадар, к-аз чашму дил доман пур аз хуноб кард.

ВАҲ, ЧӢ ЗЕБО ШУДАЙ

Волаи ҳусни хати ғолиябӯи ту шавам,
Ваҳ, чи зебо шудай, бандаи рӯи ту шавам.
Гар шавад ҳар нафасе дар тани ман ҷони дигар,
Ҳар нафас ҷон диҳаму зинда ба бӯи ту шавам.
Ман на [он] ошиқам имрӯз, ки чун булҳавасон
Талабам коми дилу ранҷа зи хӯи ту шавам.
Сари мӯе шудаам аз ғаму дорам ҳавасе,
Ки фидои ҳаваси ҳар сари мӯи ту шавам.
Зиндаву мурда баринам, ки ба ҷое наравам,
Дар қадам бошаму хоки сари кӯи ту шавам.
Сар накӯӣ зи рухат дидаму як ҷон додам,
Чи аҷаб гар хиҷил аз рӯи накӯи ту шавам.
Мушфиқӣ, аз ҳама сӯ рӯи ту дорад ғаму дард,
Шавқро раҳгузаре нест, ки сӯи ту шавам.

РУБОИЁТ

Дар кӯи маломатам чудо аз дили худ,
Ғамхонаву чашми тару обу гили худ.
Дар манзили ман ғайри бало нест касе,
Кӯи худу хонаи худу манзили худ.

* * *

Шаб соқии маҳваше тараб оин кард,
Майли маи талху соғари симин кард.
Гуфтам, ки ба бӯсае лабам ширин соз,
Сӯям назаре фиканд, лаб ширин кард.

* * *

Сад бор агар чон диҳаму зинда шавам,
Сар дар қадамат ниҳам сарафканда шавам,
Гарданд ба гирди сарву озод шаванд,
Ман гирди сари ту гардаму банда шавам.

Бошад маи нобу ранги чун лолаи ӯ,
Моҳе ки бувад даври қадаҳ ҳолаи ӯ.
Шиша манеҳ аз кафу мадеҳ чанг зи каф,
Хам гирьяи ин хуш асту ҳам нолаи ӯ.

* * *

Он гул, ки дамид сабза бар лолаи ӯ,
Шаб моҳи шаби чордаҳ дар ҳолаи ӯ.
Хуршед кӣ бошад, ки ба ӯ лоф занад?
Якрӯзаи моҳи ман—дусадсолаи ӯ.

* * *

Ҷуз абри карам, ки бар ғуборам борад,
Кас нест, ки бар сари мазорам борад,
Шаб нест, ки чашмам нашавад ғарқа ба хун.
В-аз ҳар мижа роҳ бар канорам борад.

Бо ғамзаи ӯ, ки оташ афрӯхтааст,
Гӯям, ки дил аз ҷафои ту сӯхтааст,
Гӯяд, ки вафо чашм мадоред аз ман,
Устод маро чунин наёмӯхтааст.

* * *

Он маҳ зи ватан азми сафар хоҳад кард,
Хунам зи фироқ дар ҷигар хоҳад кард.
Гар пурсиши ман накард дар беморӣ,
Ин худ чӣ бувад, аз ин батар хоҳад кард.

* * *

Майли ту ба ҷавру кин намедонистам,
Бегона шудиву ин намедонистам.
Биллаҳ, ки эътиқоди ман дигар буд,
Валлоҳ, ки инчунин намедонистам.

Шуд маҷлиси зиндагӣ тамом, эй соқӣ,
Беҳуда гузашт субҳу шом, эй соқӣ,
Биншин нафасе ба қавли най, эй мутриб,
Бархез даме ба даври ҷом, эй соқӣ.

* * *

Эй ишқ, ки раҳнамои ғам омадаӣ,
Бар ҷони ман аз баҳри ситам омадаӣ,
Эй силсилаи ҷунун, ки бар пои манӣ,
Имрӯз ту бар сари қадам омадаӣ.

* * *

Ҳар кас, ки ба даҳр эътиборе дорад,
Пиндоштай, ки рӯзгоре дорад.
Хуршед, ки чашми оламе равшан аз ӯст,
Ӯ низ ҳамин рӯз гузоре дорад.

Ҳар сунбули тоза зулфи мушкафшонест,
Ҳар барги гуле рӯи гули ҷононест,
Ҳар савсани озод, ки зад панҷа зи хок,
Сармаҳҷаи моҳи алами султонест.

* * *

Рафт он ки дил аз ёди ту маҳзун созам,
В-аз сели сиришк чеҳра гулгун созам,
В-ар сина ба нохун канам аз бахри ту нест,
Хоҳам, ки зи дил меҳри ту берун созам.

* * *

Шуд фасли баҳор, мавсими сайр омад,
В-аз пири муғон башорати хайр омад.
Печида ба сар шишаи май шамлаи сабз,
Гӯё зи тавофи каъбаи дайр омад.

* * *

Дар кӯи вафо агар шавӣ хор, эй дил,
В-аз ёр кашӣ ҷафои бисьёр, эй дил.
Ҳаргиз накунӣ шикоят изҳор, эй дил,
Зинҳор, эй дил, ҳазор зинҳор, эй дил.

Авроқи баҳор рафт бар бод ҳама,
Овора шуд аз хазони бедод ҳама,
Гул буду бунафша буду сунбул дар боғ,
Аз нохушии барф барафтод ҳама.

* * *

Эй гул зи ғамат чеҳра ба хун тар гардад.
В-аз марги ту сабза хокбарсар гардад.
Нофа зи фироқи холи анбарбӯят,
Мӯинаи вожгуна дар бар гардад.

* * *

Ғам пеши рӯхи ёр намебояд гуфт,
Андӯҳи дили зор намебояд гуфт.
Гуфтам зи ғамат гирьяи ман бисьёр аст,
Зад ханда, ки бисьёр намебояд гуфт.

* * *

Шаб аз паи базм он санами фарзона,
Бо симбарон нишаст дар кошона.
Гардид барои зинати мачлиси ӯ,
Минқоши сари шамъ пари парвона.

Чон рӯзи видои ёр мефарсояд,
Аз ғам нафасе дилам намеосояд.
Рафта ба сафар моҳи ҳилолабрӯи ман,
Омад хабаре ки моҳи нав меояд.

* * *

Чон аз ситами ракиб мефарсояд,
Худро ба либоси ёр меорояд.
Ҳар чанд, ки чашми худ аз ӯ мепӯшам,
Дар дида ба чомаҳо дарун меояд.

* * *

Сарв аз қади хубон хичилам, мегӯяд,.
Дилхаставу пой дар гилам мегӯяд.
Мурғони чаман зи ҳоли ӯ мепурсанд,
Гоҳе сараму гоҳ дилам мегӯяд.

Султон, ки зи чоҳ рӯ ба дарвеш накард,
Сад хона кам аз симу зари хеш накард.
Бо он ки замину осмон мулки худост,
Як хона барои худ бино беш накард.

* * *

Он маҳ, ки ғуломи ҳалқадаргӯшам кард.
Як ҷуръа зи ҷоми васл мадҳушам кард.
Чун дид, ки мубталову ошиқ шудаам,
Бегона шуду дигар фаромӯшам кард.

* * *

Ҳар гаҳ чамани кӯи туро ёд кунам,
Сад оҳу фиғон аз дили ношод кунам.
Дур аз гули рӯи ту чунонам, ки дигар
Булбул шаваму ҳазор фарьёд кунам.

Чун шаҳпари анқо зи фалак дур шавад,
Овозаи зоғи шаби дайҷур шавад.
Симоби фусурдарез орад зи ҳаво,
Олам ҳама як байзаи кофур шавад.

* * *

Аз боди сабо сабза зиреҳҳо пайваст,
Мехост ба шохи гули навраста шикаст.
Ғунча сӯи сабза дид хандону бигуфт:
„Он ҷо, ки зиреҳгар аст, пайконгар ҳаст".

Он гул, ки аз ӯ бӯи вафое нарасид,
Дардо, ки ба дарди мубталое нарасид.
Бигзашт кашида доман аз хуни дилам.
Помол шуд ин хуну ба ҷое нарасид.

* * *

Шабҳо, ки зи шамъ гирьяам беш шавад,
В-он гоҳ давоту хома дар пеш шавад.
Азбаски нависам ғаму андӯҳи фирок,
Монанди сари қалам дилам реш шавад.

* * *

Фарьёд, ки ҳаргиз нашудам шод аз ту.
Фарьёд, ки дидам ҳама бедод аз ту.
Гӯй, ки туро ин ҳама фарьёд аз кист.
Фарьёд аз ту, ин ҳама фарьёд аз ту.

Хуш он ки ба гулрухе маи ноб занад,
То субҳ зи чашми худ раҳи хоб занад,
Соқӣ чу назар кунад, ки бехуш афтод,
Аз соғари май ба рӯи ӯ об занад.

* * *

Гуфтам санамо, ба моҳи тобон монӣ,
Ҳайф аст, ки зери парда пинҳон монӣ.
Гуфто, ки туро муждаи дилор дихам,
Чизе ба ту гӯям, ки ту ҳайрон монӣ.

* * *

Моему зи накди умр имрӯзи дигар,
Дил дода ба васли маҷлисафрӯзи дигар.
Як рӯз агар зи хафтаи умр гузашт,
Бинем чӣ мешавад ду се рӯзи дигар.

Чун гавҳари жола боғ дар гӯш кунад,
В-аз соғари гул маи тараб нӯш кунад.
Аз боди хазон чиҳо бар ӯ ояд агар
Ҳаққи намаки барф фаромӯш кунад.

* * *

Эҳсони хаёли ман, ки соҳибҳол аст,
Аттори шакарфурӯши анбархол аст.
Хар гоҳ, ки вазни шеър санҷам ба қалам,
Ду нуқтаи ӯ тарозуи мисқол аст.

* * *

Хар кас, ки каме меҳнати айём гирифт,
Ком аз лаби соқии гуландом гирифт.
Дигар зари худ чу ғунча пӯшида намонд,
Чун наргиси махмур ба каф ҷом гирифт.

* * *

Бо бешу ками мурод мебояд сохт,
В-аз ҳар чи замона дод мебояд сохт.
Аз даври фалак манзалате мехоҳӣ,
Чун мах ба каму зиёд мебояд сохт.

МУСАЛЛАС

Рӯзе ки ба савдои ту афсона шудам,
Бар шамъи таманнои ту парвона шудам,
Афтод нигоҳе зи иноят ба манат.

Аз хеш ба ғамҳои ту бегона шудам,
Чашми ту дилам рабуду девона шудам,
Аз хандаи пинҳониву мункир шуданат.

Не моҳ бар авфақи ҷамолат бинам,
Не меҳр чу ҳусни безаволат бинам,
Не оби ҳаётро ба лутфи баданат.

Не мушки хутан ба ранги холат бинам,
Не сарви чаман ба эътидолат бинам,
Не дар рухи гул тароватн ёсуманат.

Баҳри ту даме ки сорбон маҳмил баст,
Сабру хирадам рафт ба ёди ту зи даст,
Дил низ ба бӯи зулфи анбаршиканат.

Тан гашт ғубору бар сари роҳ нишаст,
Аз ҷони фигорам рамаке акнун ҳаст,
Он низ фидои муждаи омаданат.

Шоистаи илтифот агар боз шавам,
В-аз ёрии бахт бо ту дамсоз шавам,
Ояд дилу сабри ман ба ҷой аз суханат.

Дар базми висол маҳрами роз шавам,
Сар дар кадамат ниҳам сарафроз шавам,
Ҷон тоза кунам зи нагҳати пераҳанат.

Чун бода ба он лаби кадахнӯш кашам,
В-аз шишаи май наи тараб гӯш кашам,
Бехуд шавам аз ғизоли мардумфиканат.

Дасте сӯи он зулфи зирехпӯш кашам,
Густох шавам туро дар оғӯш кашам,
В-он гох ба коми дил бибӯсам даханат.

Эй, мехри рухат дар дили ман сохта рох,
Сабри ману хонумони ман сӯхта ох.
Ох аз дури дандону акики Яманат.

Субхи ману шоми ман шуд аз ишк табох.
Рӯзи ману рӯзгори ман гашт сиёх,
Аз чашми сиёху мижжа барҳам заданат

Шуд Мушфикӣ аз доғи чунун шайдой,
Гардид ба бозори ғамат савдой,
Дар шеваи ҷодувони пурмакру фанат.

Ту шохи гуливу дар чаман раъной.
Хам лоларухӣ ба гулшани зебой.
Ӯ ошики зору андалеби чаманат.

ШИКОЯТ АЗ АҲЛИ ЗАМОН

То кай нидои ҳодиса даври замон диҳад
Кас нест дар ҷаҳон, ки қарори ҷаҳон диҳад.
Доси уфук ба дасти аҷал дода рӯзгор,
Хоҳад, ки қатъи мазраи охирзамон диҳад.
Тарсам, ки тоби найири бедод дар замин,
Пажмурдагӣ ба нелӯфари осмон диҳад.
Мушкил, ки нӯги новаки ахтаршикофи зулм,
Бар зурваҳи сипеҳр Суҳоро амон диҳад.
Ҷое расид кор, ки дар мавсими рабеъ,
Лутфи сабо натиҷаи боди хазон диҳад.
Олам бад-он кашид, ки дар табъи аҳли завқ,
Таъсири гирья хосияти заъфарон диҳад.
Гардун сароб гашту чигарташна офтоб,
Ҳар дам забони шӯъла бурун аз даҳон диҳад.
Қаҳти мурувват аст, ки лабҳои соилон,
Бар ҳам зи чоки донаи гандум нишон диҳад.
Сар то ба пой донаи ашк аст хӯшавор,
Дар гӯшае ки оҷизи бетӯша ҷон диҳад.
Аҳли қалам, ки тири най аз найқалам кунанд,
Дар баҳри фитна мавҷи ҳаводис камон диҳад.
Осаф, ки дев бошаду девон ба ҳукми ӯ,
Назми умури мулки Сулаймон чӣ сон диҳад?
Ӯ масти ҷоми мансабу ҳар дам ба пеши ӯ,
Соғар даҳон кушояду шиша забон диҳад...

СИФАТИ ИДУ ГУЛИСТОНИ БАҲОР АСТ БА ҲАМ

То сохт ҳадаф ғамзаи соқӣ рамазонро,
Ид аз маҳи нав чошние дод камонро.
Аз ҳиммати олист, ки доранд ҳарифон
Мадди назар алвони хароботи муғонро.
Хуноби разон аз даҳани шишаи мино,
Чун барги гул аз ғунча бароварда забонро.
Ҳар санг, ки дар базм фитод аз дили зоҳид,
Киштии маи ноб фалохун шуда онро.
Бар санг занад сими худ он кас, ки шиносад,
Дар олами фонӣ равиши оби равонро.
Печидани акси шаҷар аз ҳавзи гулистон,
Ишканҷа шуд авроқи гулу лоласитонро.
Монанди ракибии мукаввост шукуфа,
Баҳри намаки тоза баророста хонро.
Омад ба тамошои гулистон гули савсан,
Бар дӯши худ андохта рӯмоли катонро.
Машшотасифат настарани нимшукуфта,
Дода ба арӯсони чаман ғолиядонро.
Чӯи чаман аз ҳайъати нелӯфару савсан
Барбаста камар ханҷари фирӯзанишонро...

ДАР ВАСФИ ХАЗОН

Ба рӯи об хазонро сари тамошо шуд,
Хазор завраки заррин зи барг пайдо шуд.
Зи баски хуни гул аз шох рехт ништари хор,
Зи чехрааш асари заъф ошкоро шуд.
Ба самти раъси чаман майли офтоб намонд,
Нихол кӯтаҳу соя баландболо шуд.
Хазон чу аҳли калам барги бед казлик сохт,
Хуруфи сабза чу саҳв-ал-калам дар нишо шуд.
Самоки ромеҳи барқ аз хаво тулӯъ намуд,
Зи жола саҳни чаман матлаи сурайё шуд.
Акнки мехр чу дар банди бурҷи акраб монд,
Саводи даҳр ба зери нигини сармо шуд.

Фароз паҳлаи савсан нишаст бози сафед,
Кабутари суман аз ошьёна бечо шуд.
Зи риштаҳои заранд уд беди мачнунро,
Нисор тӯҳфаи нур аз сипеҳри ҳузро шуд...
Расид точири боди хазон зи бандари шох,
Харири об пур аз баргу нақши дебо шуд.

Зиҳӣ ду ҷодуи ишвасозат зи хуни ошиқ кашида соғар,
Дамида хаттат, фусуну ҳолат ба рӯи оташ ниҳода анбар.
Назар зи моҳи рухат набандам, зи сина меҳрат бурун наёяд
Агар бидӯзӣ ба нӯги новак в-агар шикофӣ ба неши ханҷар.
Ду гуна дориву рӯи зебо, чи гуна рӯе, ҷаҳонфурӯзе
Камина дорад зи меҳри тобон, камӣ надорад зи меҳри анвар.
Фиканда шавқи ту шӯъла дар ҷон, шикаста ҳичри ту хор дар дил,
Ба ишва чашмат балои мардум, ба ханда лаъли ту рӯҳпарвар.
Асири ишқам, гузашта аз ҷон, зи даст рафта, зи по фитода
На бахт ҳамдам, на дида бенам, на сабр дар дил, на ёр дар бар.
Кадом раъно ба ҷилва омад, ки ҳамчу боди сабо ту ӯро,
Агар бар ин рӯ задӣ тапонча, надошт пеши ту рӯи дигар?
Ба қадру қиммат гили замине ки чун ту сарве бар он хиромад,
Касе шиносад ба ҷон мукобил, в-агарна донад ба зар баробар,
Ғизолачашме, тазарвнозе, ба сайди дилҳо шикори чонҳо,
Саҳихирому шакарфишоне ба ханда ширин, ба ҷилва дилбар.

Сухан ба ҳарфе расад зи умру нафас ба як дам зи зиндагонӣ

Дуои ҷони ту гӯям аз ҷон, ҳадиси лаъли ту созам аз бар.
Бар остони ту ҳалқа гирам ба расми дарьюзаву гадой,
Ба марҳабое наярзам он ҷо, ба ҷуз садое наёяд аз дар.
Зи ашки гулгуну сели мижгон хабар надоранд ошноён,
Маро зи ҷаври замона инҳо расида бар рӯ, гузашта аз сар...

Гирифт аз уфуқ соқии субҳ соғар,
Баромад турунчи зар аз ҷайби ховар.
Замин шуд зи тайби баҳорӣ мутайяб,
Чаман шуд зи атри раёҳин муаттар.
Шуд аз баҳри ташрифи гулҳои раъно,
Гиребони гулбун пур аз тугмаи зар.
Сари шом аз шамаи токи мино,
Дами субҳ аз файзи абри муанбар.
Пур аз мавҷ шингарфгун баҳри хузро,
Пур аз сим симобгун ташти ағбар.
Ба размоварӣ тоҷдорони лола,
Мусалсалкамандони ёкутмиғфар,
Ба ҷавлонгарӣ сабзпӯшони савсан,
Забарҷадқабоёни алмосханҷар.
Хаво дар хубоб аз паи ҳуккабозӣ
Мушаъбадсифат рафта дар зери ховар.
Намуда гул аз хору аз хок сабза,
Насими сипардӯзу боди зираҳгар.
Зада шонаи оҷ машшоғаи абр,
Ба марғули шамшоду ҷаъди санавбар.
Харифон хама бода дар ҷому сархуш,
Маро об дар дидаву хок бар сар.
На гардун хаводору ахтар мусоид,
На давлат мададгору иқбол ёвар.
Сари ман ба санги маломат шикаста,
Тани ман ба хоки мазаллат баробар.
Нагирад касе дасти азпофитода,
Магар лутфи яздону эҳсони довар...

Май хӯрдаву афрӯхта рухсор шукуфа,
Гул-гул шуда аз хандаи бисьёр шукуфа.
З-он пеш, ки дар боғ саропарда занад гул,
Зад хаймаи худ пеш ба гулзор шукуфа.
Азбаски ба ташрифи раёҳин гуҳар афшонд,
Шуд абр тихикисаву зардор шукуфа.
То сабза бар атрофи гулистон пари тӯтист,
Аз синаи боз аст намудор шукуфа.
Дар боғ мабодо, ки ба шӯхӣ фитад аз шох,
Худраставу тифласту сабуксор шукуфа.
Кораш ҳама ханда задан, шохчабандист,
Будаст басе содаву пуркор шукуфа.
Сӯзан ба забон буд зи бемории ифлос,
Додаш ба қадаҳ шарбати динор шукуфа.
Бар рахти сафедаш хати гулгунии тамғост,
К-омад зи сафар ҳамраҳи туччор шукуфа.
Рӯ шуста суман бар тарафи чӯй ба хидмат,
Бикшода зи сар гӯшаи дастор шукуфа.
Мурғест, ки борон диҳадаш байзаи кофур,
В-аз мева ниҳад байзаи зангор шукуфа.
Бар сӯзани ӯ хӯрда нагиред, ки дорад
Дар пои дил аз ишки гуле хор шукуфа.
Имсол рух аз бода барафрӯз, ки аз ту
Афрӯхтатар буд басе пор шукуфа.
Симу зари худ сарфи тараб кун, ки дар ин боғ,
Бисьёр хазон омаду бисьёр шукуфа...

Суманат ғолия аз сунбули тар пайдо кард,
Боз гулзори рухат хусни дигар пайдо кард.
Канд мепечад аз ин рашк, ки ёкути лабат
Анбарин хошияи даври шакар пайдо кард.
Чашми хунобафишон накши суми рахши ту дид,
Бахри он гул зи мижа хӯрдаи зар пайдо кард.
Халка-халка макун он зулф, ки хохад рӯзе,
Дида дила ба чамоли ту назар пайдо кард,
Холи мушкин ба рухат чист магар дидаи ман,
Тез дар рӯи ту медид, асар пайдо кард.
Хубии хуру чамоли малаку хусни парӣ,
Махи рӯят хама дар чинси башар пайдо кард.
Пеши гулбарги тарат лолаи шабнамзада рехт
Обрӯе ки ба сад хуни чигар пайдо кард.
Шӯъла зад оташи ғамхои ту дар сина маро,
Мардуми дидаи ман ранги шарар пайдо кярд.
Санг бар дил задани ман шаби хичрони ту дид,
Бол бар сина задан мурғи саҳар пайдо кард.

Шоҳиди гул дар ҳарими боғ мехмон гашт боз,
В-аз шукуфа хони гулшанро намакдон гашт боз.
Гавҳари шабнам чакид аз шохи гул бар рӯи об,
Дидаи наргис бар он оина ҳайрон гашт боз,..
Кӯи анбар лола то дар риштаи борон кашид,
Навбаҳори боғро зеби гиребон гашт боз.
Фохта чун мадди омин шуд сари шамшодро,
Балки аз баҳри бакои гул дуохон гашт боз.
Ғунчаи савсан ҳаданги ғамзаи наргис чу дид,
Аз паи заҳгир барги лола сӯҳон гашт боз.
Пурмагас буд аз бунафша чинии сабзи чаман,
Сояи сарв аз барои ӯ магасрон гашт боз.
Мушкбед омад чу ангушти шашӯм берун зи шох
Ибрати атфол дар маҳди гулистон гашт боз.
Дастҳо бардошт дар ҳатми ҳазон сарви саҳӣ,
Раҳви сабз аз баҳри мурғони саҳарҳон гашт боз.
Мурғи обӣ шуд барои донаи борон хубоб,
Сар баровард аз даруни обу пинҳон гашт боз.
Рӯзу шаб бо ҳам баробар шуд маху хуршедро,
Эътидоли гулшани ҷамшеди даврон гашт боз.

Чашми хунрезат маро ғоратгари чон гашт, боз
Тири мижгони туро аз ғамза пайкон гашт боз.
Доман афшондам, ки резад хунам аз доман ба хок,
То назар кардам пур аз хуноб домон гашт боз.
Эй хуш он рӯзе ки гирьён бар сари кӯят равам,
Аз чафоят он кадар гирьям, ки натвон гашт боз.
Толее дорам, ки гар новак ба сӯям афканӣ,
Норасида бар дилам хохад пушаймон гашт боз.
Бозгашт аз хар чи бошад метавон кардан, вале,
Бо сагонат чун тавон аз ахду паймон гашт боз?
Бар ман оташ зад фироку равзани уммед баст,
Хонумони ман сиёх аз дуди хичрон гашт боз.
Бо сари зулфи ту дидам бозгашти шонаро,
Хотирам бисьёр аз ин маънӣ парешон гашт боз.

Дар ғарибӣ дил гирифтори бало хоҳад шудан,
То кучо бе хонумоне мубтало хоҳад шудан.
Бо сагонаш муғтаним медонам айёми висол,
Меҳнати шабҳои танҳой кучо хохад шулан.
Дил, ки мезад лофи яктой бар арбоби хирад,
Донаи занчири он зулфи дуто хоҳад шудан.
Сабр наздику сиришк аз дидаи ман дур буд,
Он замин бегонаву ин ошно хохад шудан.
Хоки кӯяшро ба расми тӯҳфа меорад насим,
Дар миёни чашму мижгон мочаро хоҳад шудан.
Сад чафо дар як назар дидам аз он чашми сиёҳ,
То дигар бар рӯзгори ман чиҳо хоҳад шудан.
Ман, ки дар кӯи вафо мурдам ба сад ҳасрат, чи суд
Гар фалак рӯзе пушаймон аз чафо хоҳад шудан.
Дар ҳавои сарви болое фидо созад касе,
Чони беҳосил чу бар боди ҳаво хоҳад шудан...

Эй зи ёкути лабат дар лаъли рахшон обу ранг,
Дурчи лаълат кор бар лаъли Бадахшон карда танг.
Чашму мижгонат зафар бар калъаи дил ёфтанд,
Дил чи бошад, чон хатар дорад аз он шўхони шанг.
Гул зи акси оразат афканда худро андар об,
В-аз хиромат омада кабки дариро по ба санг.
Дар кабои лочвардй мох агар бинад рухат,
Камнамо бошад дигар бар торами фирўзаранг.
З-он ду лаб мерафт харфе бар шакаррезони Хинд,
Канд аз колаб тихй гашту шакар омад ба танг.
Ашки мову накши наъли тавсанат об аст рўй
Фарки мову гайри хоки даргахат ор асту нанг.
Кўхи гам дар пардахои нолаи дил доштам,
Мутрибе сархонае гуфт аз ҳамар афтод чанг.
Мулки ишратро шавам мизроби шохи вакти худ,
Домани васли туам рўзе агар афтад ба чанг.
Орзў кардам чахонгардй, ки бошад дилнавоз,
Гарде аз сахрои ғам пайдо шуду бархост чанг.
Бар нигини лаъли тар дорй хати зангоргун,
Лаъли чон хун кардаву зангорй аз дил бурда занг.
Менависам оху суят мефиристам, чун маро
Нест мурғи номабар, ин нома пайкасту даранг...

Бар фалак то байзаи анҷум падидор оварад,
Зоғи шаб хошоки мохи нав ба минкор оварад.
Кумрии махро, ки дорад тавки симин аз ҳилол,
Осмон мушкин кафас болои гулзор оварад.
Суфраи зардӯзии хуршед афшонад сипехр,
Пар бурун оварда парвин мӯри бисьёр оварад.
Анкабӯти заррасимон сухо дар печутоб,
Кутбро дар зери доми худ магасвор оварад.
Хал кунад дар гӯшаи чини тилои мағрибӣ,
Шом к-аз ховарзамин наккоши заркор оварад.
Мистари симин фитад аз дасти меъмори шаҳоб,
Тавамон бар гирди марказ даври паргор оварад.
Ташти мис бар хоки намнок афтад аз дӯши шафак,
Чун саҳар гардад ба рӯи рӯз зангор оварад.

То зи барфи ҷадди оламгир шуд чатри саҳоб,
Рух нухуфта кунҷеву бурҷе гирифта офтоб,
Медамад субҳу намонда ахгари хуршедро,
Он қадар гармӣ к-аз ӯ даргирад ангишти ғуроб.
Удро оташ нех, эй мутриб, ки дар базми сабӯх,
Дар тараннум дастаи барбат шуда сихи кабоб.
То дихад бори санавбар ҷилва бар фарки рабеъ
Бахья зад точи курайшӣ аз фарози моҳтоб.
Аз шикасти резаи мино, ки зери ток рехт,
Тӯтиё паррехта шуд шишаи сабзи гулоб.
Ҳамчу он чашме ки дар вай аз рамад афтад баёз
Шуд зи жола ошьёни кумрии нолон хароб.
Манқали оташ гули садбарг шуд булбул кучост,
То ҳазорон барги гул аз шӯъла бинад беникоб
Об ноёб аст зоҳид хок бар сар мекунад,
Чун барорад даст дар вақти таяммум аз қароб.
Гунаи ахгар зи хокистар тилои ноб шуд,
Гарчи рухсори зар аз симоб меафтад зи тоб,
Мунҷамад шуд кулзуми хузро, ки дар шабҳои тор,
Менамояд кахкашон нахре дар ӯ ях баста об.

Абри найсон ба гулистон чу гуҳарбор шавад,
Настаран пургуҳари содда садафвор шавад.
Фалаки шоҳ, к-аз ӯ субҳи шукуфа бидамад,
Авфақи тарфи чаман матлаи анвор шавад.
Сабза шона диҳад аз ғолиядон лола барад,
То насим ояду машшотаи гулзор шавад.
Абр дар мисри чаман оина созад ҳалабӣ,
Обро доираҳо бас ки падидор шавад.
Бишкуфад беду ба илҳони тараб фохтаро,
Сурати кому забон гардаду минқор шавад.
Ҷӯй ҷадвал кашаду бод муҳандис гардад,
Сояву сарв ба ҳам ҳайати паргор шавад.
Ламъаи барқ шавад нохунаи чашми саҳоб,
Майли хуршед зи ҳар гӯша намудор шавад.

Шабе бо сурохӣ хамегуфт шамъ,
Ки, эй мояи маҳфилорои дӯст.
Туро бо чунин кадр пеши кадах,
Сучуде паёпай бигӯ аз чӣ руст?
Сурохӣ ба ӯ гуфт, нашнидай,
Тавозӯъ зи гарданфарозон накӯст.

Дило хун шаву хамдами хеш бош,
Хаёли ту з-ин базм агар обрӯст.
Зи май рози мардум шавад ошкор,
Хазар кун зи даври фалак фитначӯст.
Чу наргис хаёте надорад кадах,
Кадуи сурохӣ гили ростгӯст.

Азизоне ки чун гул сурхрӯйанд,
Намебинанд аз худ кам касеро.
Замин шуд сифла бахри он, ки хар дам
Ба хорӣ паст месозад басеро,
Фалак рафъат аз он дорад, ки харгиз,
Ба чашми кам намебинад касеро.

Ҷамъияти кишвари Бухоро,
Берун зи каламрави хаёл аст.
Аз болу пари фариштa дар вай
Хар ҷо, ки қадам ниҳӣ вабол аст.
Хоҷат ба далел нест ин ҷо
Гӯянд агар хало маҳол аст.

Аҷаб дорам, ки шайхонро муридон,
Зи ҳадди васфи инсон бигзаронанд.
Чунин гӯянд, к-ин мурғони кудсӣ,
Напиндорӣ зи ҷинси дигаронанд.
Ба вакти ваҷд ҳай-ҳай метавон гуфт,
Ки шайхонро муридон мепаронанд.

Хар иморат, ки дар сарочаи даҳр,
Сарфи ӯ сад ҳазор ганҷ омад.
Чун ниҳоданд номи вақф дар ӯ,
Рафта-рафта ба ҳеҷ анҷомад.
Сарф то вақф дар иморат шуд,
Хосили чорсад ба панҷ омад.

ЛУҒЗИ ФОНУС

Ки бошад пераҳанчоке зи ушшоқ,
Ба шабҳои чудой нотавоне.
Чу Мачнун меҳри Лайлӣ бар дили ӯст,
Кашида пӯсте бар устухоне?

ЛУҒЗИ КАМОН

Чи бувад он ду зоғи ҳамчу ҳумой,
Ки каноат ба устухон доранд.
Чу укобе гузар бар эшон кард,
Ҳиссаи хеш дар миён оранд?

ЛУҒЗИ МӮЗА

Хастанд ду пӯстпӯш дар шодиву ғам,
Аз бахри мусофират бурун монда қадам.
Дар рохи вафо ба ғайри эшон набувад,
Ду ёр, ки пойдор бошанд ба ҳам.

ЛУЗҒИ УСТУРА (ТЕҒ)

Он чист саромади зарифон,
Майли хати мушкбор дорад.
Аз дасти чафой, мехнати чарх,
Сар бар хати рӯзгор дорад?

Шаҳо, ту марҷуми чашми саводи оламро,
Ба лутфу раҳмати ту одаме намеёбам,
Шунидаам, ки Самарқанд ҷаннати дунъёст,
Чи одамам, ки дар ӯ гандуме намеёбам.

* * *

Сарваро, шаб омадам сӯи високи худ савор,
Аспи мискини маро аз фикр сар боло нашуд.
Дар хаёли ҷав ҳама шаб дидаи ӯ мепарид,
Хостам бар чашми ӯ коҳе ниҳам пайдо нашуд.

* * *

Сарваро, омад зимистоне ки аз таъсири он,
Гирди оташ гашта мурғи рӯҳ чун парвонаам.
Шаб барон дафъи сармо пунба мекардам хаёл,
Партави маҳ чун фитод аз равзани кошонаам.
Ман дуо мегӯяму аз ғояти сармо касе,
Дасти омин барнамедорад даруни хонаам.

Шаҳо, ба ҳазрати олӣ зарурат аст маро,
Ки арзи шиквае аз рӯзгор бояд кард.
Зи ман ситонаду бахшад фалак ба нодоне,
Ки номи он натавон бурду ор бояд кард.
Замона дар паи озори аҳли дил бошад,
Ба ин замонаи нокас чӣ кор бояд кард?
Чу ихтиёр бувад миру эътибор вазир,
Сухан намонд, сафар ихтиёр бояд кард.

* * *

Хусраво, дар ҳаки ман ин фалаки сифланавоз,
Мекунад ҳар чи зи имкони чафо меояд.
Садр аз ротиба кам созаду девон ба калам,
Ин кадарҳо камии банда чаро мебояд?
Ғайр аз ин ҳам суханон ҳаст шикоят накунам,
Камӣ аз мову карамҳо зи шумо мебояд.

* * *

Подшоҳо, чакмани инъомро мехтар надод,
Дар либоси назм бо ӯ гуфтугӯ хоҳад шудан.
Чун ба таври оштӣ чизе аз ӯ ҳосил нашуд,
Ҷанги чакман дар миёни мову ӯ хоҳад шудан.

Осафо, аспе ки ман дорам чунон коҳида шуд,
Аз фироқи ҷав, к-аз ӯ дигар намеёбам нишон,
Баски логар шуд баромад аз миёни пушти ӯ—
Чун бисоти нарди шашдар мӯҳраҳои устухон.
Ғолибо, хоҳад мунаҷҷим шуд, ки шабҳо то ба рӯз,
Гоҳ бар ҷавзо назар дӯзад, гаҳе бар каҳкашон.

Осафо, дар хонаам барги зимистон ҳеҷ нест,
Барг чун дар хотир афтад рӯ сӯи боғе ниҳам.
Баҳри ангиште ки аз боду ҳаво равшан шавад,
Аз тамаъ доме гузорам, чашм бар зоғе ниҳам.
Он қадар ҳезум намеёбам, ки чун сармо шавад,
Оташе афрӯзаму бар ласти худ доғе нихам.

БА ХОҶА САЪД

Шиори ман сухан асту суханшинос туӣ,
Маоши банда вале аз сухан намегузарад.
Ғараз ба мулки ғариба, ки меравам ин аст,
Ба ҳарза варна касе аз ватан намегузарад.
Замонаро гузарон гуфтаанду ин ачаб аст,
Дар ин замона, ки авқоти ман намегузарад.

Хони оликадри кайвонманзилат Султон Саид,
Пеши даргоҳи ту кайвони муалло ҳеҷ нест.
Арзи ҳоли ман, ки ҳастам заррае бе эътибор,
Назди хуршеди замири оламоро ҳеҷ нест...
Шуд се соли рост к-аз ҷинси ҷаву гандум маро,
Дона ҷуз дар мазраву парвину ҷавзо ҳеҷ нест.
Рафт соли каҳту ман дар хушксоли фокаам,
Лоҷарам, имрӯзи ман ҳеҷ асту фардо ҳеҷ нест...
Куръа афкандам барои фол, мӯрон саф заданд,
Нуктаҳоро дона пиндоранду аммо ҳеҷ нест...

ДАР ВАСФИ КАЛАМДОН

Ин қаламдонро, ки гулзору мусаввар кардаанд,
Гирди ҳар барги гуле таҳрир аз зар кардаанд.
Нақшбандон аз раёҳини мунаққаш номи ӯ,
Лоларухсору гуландому суманбар кардаанд.
Хусни рангомези ӯро дида наққошони Чин,
Хомаи мижгон ба хуноби ҷигар тар кардаанд.
Ҳайати насри намоён аз таноби сабзи ӯст,
Ёсаминҳо аз миёни сабза сар бар кардаанд.

Хоҷа гандум ваъда карду ним ҷав ҳосил нашуд,
Дар адои ваъда доим ҳимматаш дунасту дох.
Ӯ разолат карда бошад, мо қаноат мекунем,
Бигзарад ин соли қаҳту монад он рӯи сиёҳ.

* * *

Хоҷа дорад хонае бар рӯи об,
Дар гилу обаш хавоси каждуми.
Менамояд гоҳ девораш зи дур,
Ошно дар рӯи нони гандумӣ.
Ҳамчу чашми ахвалу дасти бахил,
Не дар ӯ мардум бувад, не мардуми.

* * *

Эй, хоҷа ҳама сурфа талоши ту шавад,
Гар ин накуни, кучо маоши ту шавад?
Аз пухтагии худ нахуди хом хӯрӣ,
То рӯзи дигар ҳавиҷ оши ту шавад.

* * *

Гар бихиштист Мавлавии Сидқӣ,
Ваъдаҳо чист? Кизбу афсона,
Қадри ангури тоифӣ бари ӯ
Ҳаст миқдори лаъли як дона.

* * *

Боғи ту зи равзаи ҷинон аст магар?
Ангури ту умри ҷовидон аст магар?
Омад зи умед ҷони ширин ба лабам,
Ин шираи ту шираи ҷон аст магар?

* * *

Дар кори ту Масъуд аҷал дер кунад,
Вақт аст, ки зӯр овараду зер кунад,
Аз симу зари ҷаҳон нашуд чашми ту сер,
Чашмони туро хоки лаҳад сер кунад!

* * *

Ба саҳни мадраса ҳар морпече,
Ки афтад аз шикасти току девор.
Рабуд он ҷумларо муллои Гелон,
Миён тах сохт баҳри печи дастор.

* * *

Хуш аст мурдани Масъуду рафтани писараш.
Ки ин адам шавад, он аз қафои ӯ бошад.
В-агарна ин чи тафовут кунад, ки дар олам
Язид мираду Марвон ба чои ӯ бошад?

* * *

Турфа аспе насиб гашт маро,
Лоғару нотавону бетану тӯш,
Тезиву талхие намонда дар ӯ,
Ғайри тезии наълу талхии гӯш.
Шонаву пушти ӯ зи доғи кӯҳан.
Шуда аблақ ба сурати зинпӯш.
Ҳар гадое каландарест магар,
Пӯсте аз паланг бар сари дӯш.

* * *

Аспи ту ки дил зи роҳи у реш бувад.
Доим зи кафои сохиби хеш бувад.
Монад ба ҳамон, ки дар бисоти шатранч,
Асп аз акибу пиёда аз пеш бувад.

* * *

Аспе ки саворияш саросар алам аст,
Бе роҳу тарик мисли ӯ асп кам аст.
Гар боз ситонияш зи ман эҳсон аст,
В-ар аспи дигар лиҳӣ камоли карам аст.

* * *

Чи аспи номурод аст ин, ки дорам,
Кашида аз замона ҷавру кинҳо.
Ҷулу побанду афсоре надорад,
Зи пирӣ несташ ҳоҷат бар инҳо.
Чу соли умри худро мешуморад,
Ба бинӣ мекашад хат бар заминҳо.

* * *

Аспи ту ки реши ӯ фаровон гардад,
Байтор зи диданаш пушаймон гардад.
Боғе ки барахна созияш бахри алаф,
Аз касрати зоғ боги зоғон гардад.

* * *

Аспи ту ки мурда гардад аз вай хандон,
Дар колаби ӯ рӯҳ бувад дар зиндон.
Наздик расидаст, ки садсола шавад,
Бошад, ки зи баъди он барорад дандон.

* * *

Эй харбузаҳои ту хама талх чу сабр
Пӯсидаву дудхӯрда чун пунбаи абр,
Чун косаи сангпушт ҳар косаи ӯ,
Бадтухму сиях, кабуду пурдоғу ситабр.

* * *

Хоҷа овард аз барои аҳли сӯхбат харбуза,
Дар адад монанди аркон чор буд аз иттифок.
Аввали ӯ сусту дуйӯм зишту сейӯм бемаза
Чорӯми ӯ дар чашидан талху нохуш дар мазок.
Суст хамчун сабри ошик, зишт чун рӯи ракиб,
Бемаза чун панди носеҳ, талх чун доғи фирок.

АЗ „ТАҚСИМИ МЕРОС"

Ҳамшира харҷи мотами бобо аз они ту,
Сабр аз ману тараддуди ғаврҳо аз они ту.
Анбори пур зи ғаллаи бобо аз они ман,
Он коҳҳои монда ба саҳро аз они ту.
Танбӯри пур зи хотами бобо аз они ман,
В-он нағмаҳои тарна-таранно аз они ту.
В-он ҷои хоби мондаи бобо аз они ман,
Тасбеҳи пора-пораи бобо аз они ту.
Дастор, ҷома, фӯтаи бобо аз они ман,
Бетокативу нолаи шабҳо аз они ту.
Кафгиру дегу дегчаи бобо аз они ман,
Дастгиру дегхонаи бобо аз они ту.
Ҳамьёни пур зи тангаи бобо аз они ман.
Занги фулуси мондаи бобо аз они ту.
Ҷумла гилему қолини бобо аз они ман,
В-он нақшҳои мондаи бӯрьё аз они ту.
Аз рӯи ҳавлӣ то ба лаби бом аз они ман.
Аз пушти бом то ба сурайё аз он ту.

Мардум гусел кардану шистан аз они ман,
Такфини хоб кардани бобо аз они ту.
Рафтан ба сӯи кабру нишастан аз они ман,
Саҳофхону чалпаки бобо аз они ту.

АЗ МАСНАВИИ „ГУЛЗОРИ ИРАМ“

Сабза дар дашт чун бисот кашид,
Мавкаби хусравинишот кашид.
Ҷилвагар шуд суман ба пушти саманд,
Бадар омад зи сабза таркаши банд.
Шуд равон фанҷ-фанҷ лашкари об,
Баста сад табл боз аз гирдоб.
Булбул аз шохи гул сафир кашид,
В-аз гули нелуфар нафир кашид...
Об чун аз ҳубоб дабдаба сохт,
Гули раъно зи ғунча кавкаба сохт.
Абри наврӯз хайма зад ба сипехр,
Ҳар тараф шуд таноби шӯълаи меҳр.
Сел дар дашт чун садо афканд,
Гуфт бо ӯ ҳазор пасту баланд.
Қалами бод нусхаҳои биҳишт,
Бар варақҳои сабзи дашт навишт.
То рақам баҳри фазл созад ҳарф,
Шафақ овард лайфаву шангарф.
Абр шуд сӯхта зи по то фарқ,
Ҷаст аз сангу кӯҳ оташи барқ.
Шуд мунаҷҷим шукуфа вақти амал,
Толеи солро навишт ҳамал.
Боғро фарши лола хандон кард,
Бахья зад хирка, лек дандон кард.
Субҳидам чун шуои мехр аз абр,
Тофт бар аҳли табъ панҷаи сабр.

Ману ҷамъе зи маҳрамони қадим.
Сӯи саҳро шудем ҳамчу насим.
Хайма дар арсаи нишот задем,
Бар замин пои инбисот задем,
Ҳар тараф лолаеву ё сумане,
Дар миёна сафинаи сухане.
Хама авроқи ӯ зи шавқи сухан.
Пераҳан чок карда то доман,
Аз чунуни бурун зи андоза,
Дида занчирҳо зи шероза,
Суханон чумла аз суманбаданон,
Маънии ошиқӣ дар он суханон.
Соқӣ аз шиша пунба дур афканд,
Дар пиёла май сурур афканд.
Ҷой дар каф пиёлаи мул сохт,
Рӯҳро андалеби он гул сохт.
Мутриб омад зи най фиғон бардошт,
Парда аз рози ошиқон бардошт.
Аз суруди наю пиёлаи май,
Барг пайдо шуду наво аз пай.
Бодрав шуд зи бода чун сари дил,
Боз кардам чу ғунча дафтари дил.
Ҳолам афзуд аз таронаи худ,
Хондам ашъори ошиқонаи худ.
Нуктадонон ба гирья афтоданд,
Лаби таҳсини банда бикшоданд.
Гар ба лутфи баёну тарзи калом,
Назми худро расондай ба Низом.
Аз ту пероями сухан нав шуд,
Оби назми ту сӯзи Хусрав шуд.
Чи ачаб гар ба мулки огоҳӣ,
Бинишинӣ ба маснади шоҳӣ.
Солҳо дар чаҳон ғазал гуфтӣ,
Ба забон ғавҳари масал суфтӣ.
Гирья кардӣ, ба нола афтодӣ,
В-аз паи ҳар ғизола афтодӣ.

Дар қасида гуҳартироз шудӣ,
Суханорою мадҳсоз шудӣ....
Зери токи сипеҳри зангорӣ,
Ғайр аз ин ҳам сухан басе дорӣ.
Файзи ботин зи Мавлавист туро,
Баъд аз ин вақти маснавист туро.
Дар сухан ҳар чи аз наву куҳан аст,
Шоирӣ—рӯи шоҳиди сухан аст.
Ғазалу мадҳ ҳар ду дидаи ӯ,
Маснавӣ бар мисоли ду абрӯ.
Чун надорӣ ба зиндагӣ халафе,
Ки барад номи ту ба ҳар тарафе.
Нест дар рӯзгори ҷисмонӣ,
Бех зи дӯшизагони рӯҳонӣ.
Маҳвашоне ба дилрабоӣ тоқ,
Ҷумла мастур, шӯҳраи офоқ.
Дар такаллум масеҳҳангома,
Шир хӯрда зи марьями хома.
Гуфтам, эй дӯстони бекина,
Чун шуд изҳори меҳри дерина.
Лутфи ҳақ дар сухан паноҳи ман аст,
Хизри ҳиммат далели роҳи ман аст.
Худситоӣ накардаам харгиз,
Худнамоӣ накардаам харгиз.
Хотир аз худписандиям соф аст,
Ҳар чи дорам ба юмни инсоф аст.
Хосидони сухан дар ин даъвӣ,
Некхоҳи мананд дар маънӣ.
Ҳар чи аз баҳри худ писандиданд,
Хамаро дар канори ман диданд.
Моили худ наям чу булҳавасон,
Сӯи худ бингарам ба чашми касон.
Илтимосе ки рафт аз каму беш,
Бар табақҳои арз мондам пеш.
Сухане гӯяму шавам хомӯш,
То чӣ гӯянд аҳли донишу хуш.

Мушфиқӣ шеваи адаб магзор,
Хок шав домани талаб магзор.
Ба макоме к-аз эҳтимом расӣ,
Магузар чун ба он макоми расӣ.
Баргрези ҳаёт дам ба дам аст,
Чашм бар ҳам ниҳодаи адам аст.
Соқиё, дурднӯши майкадаам,
Коми дилро ба пушти по задаам.
Доман олудаам ба бадномӣ,
Коми ман нест ғайри нокомӣ.

* * *

Мутрибе буд базми маъниро,
Тор барбаста чанги даъвиро.
Торе аз чангаш ин наво медод,
Ки назар чун дар он бало афтод.
Ёдаш омад видоъ, қиссаи мӯ,
Ки ниҳон Зулф гуфта буд ба ӯ.
Кард оҳеву оташе афрӯхт,
Сари мӯе аз он бар оташ сӯхт.
Мӯи мушкин ба рӯи оташ тофт.
Зулфро пеши хеш ҳозир ёфт.
Хаму печи каманд аз ӯ бикшуд,
Раҳ сӯи шаҳру гулшанаш бинмуд.
Назар аз саъи Зулфу бахти баланд,
Хешро чун ба базми Хусн афканд,
Дар адои сухан ба хусни макол,
Кайди Дил во намуду сурати ҳол.
Хусн аз гуфтаи Назар ошуфт,
Кард ишорат ба сӯи Ғамзаву гуфт,
Ки: ба найрангу сеҳр бебадалӣ,
Дар замона ба ҷодӯи масали.
Морро дар даҳан равӣ ба фусун,
Мӯҳраи мор оварӣ берун.
Обро сад гирех зани зи хубоб,
Чини мавҷ аз фусуни туст бар об.

Ба назар гир роҳи кишвари Дил,
Харду манзил шумор як манзил.
Ҷодуй кун, ки Дил асир шавад,
Сар кашад Ақлу дастгир шавад.
Аз хаёлам намеравад, ки Хаёл
Боз ҳозир шавад ба базми висол
Ҷамъи ҷодӯвашони ақл фиреб,
Бебадал дар шикори сабру шикеб.
Ҳамраҳи Ғамзаву рафиқи Назар,
Мутаваҷҷеҳ шуданд сӯи сафар.
Гуфта шуд он ки ҳилае ангехт,
Назар аз банди Ақл чун бигрехт,
Кард зоҳир ба мардуми атроф,
Ки Назарро чи гуна рафт хилоф.
Аз мухолиф агар хабар ёбанд,
Банд созанду зуд биштобанд...
Аз қазо Ғамзаву Назарро рох,
Тарафи кӯҳи Зӯхд шуд ногох.
Субҳгоҳй сабӯҳ карда ба ҳам,
Ғорати Ақлу Рӯҳ карда ба ҳам.
Гирди эшон зи ҷодувон анбӯҳ,
Гузар афтодашон ба домани кӯҳ...
Дидбоне зи қалъа поён дид,
Маст афтода хели туркон дид....
Тавбаро худ хабар сипоҳе сохт,
Бар сари Ғамзаву Назар дартохт.
Назару Ғамза харду барҷастанд,
Ҷодувон низ ҷанг пайвастанд.

* * *

Буд наққоши рангомезе.
В-аз наи хома сеҳрангезе.
Рехт аз хома сеҳри ӯ ин ранг,
Ки сафи ҷодувони пурнайранг,
Рӯ ба тазвиру хила оварданд.
Ҷой дар шаҳри Офият карданд.

Сохирӣ карду шева дигар сохт,
Ғамза Номусро қаландар сохт.
Лаб кушоду дуои сайфе хонд,
Нафасе сӯи он ҷамоат ронд...
Чун дар он турктози ҷодуи маст,
Сафи Ғамза сипоҳи Тавба шикаст.
Ба ҳазимат шуданд рахнафикан,
Рӯ ниҳоданд сӯи шаҳри Бадан.
Пеши Ақл омаданд, боргаҳаш,
Ба шикоят зи Ғамзаву сипаҳаш.
Ки зи ҷавшан гузар намуду сипар,
Новаки ҷодувону тири Назар.
Ақл аз Тавба ин сухан бишнид,
Аз сипоҳи чунон басе тарсид.
Дили фархундаро талаб фармуд,
Банд аз дасту пои ӯ бикшуд.
Эҳтироми сараш ба афсар кард,
Хилъати хусравона дар бар кард.
Роз бо гавҳари ягона ниҳод,
Қиссаи Ғамза дар миёна ниҳод.
Гуфт инҳо сипоҳи бедоданд,
Дар паи хуни одамизоданд.
Ғамза сад мулки Сабр вайрон кард,
Такья бар хайли Хусн натвон кард.
Таврашон расми мехркешон нест,
Эътимоде ба қавли эшон нест.
Гар шудӣ бо фиребашон мағрур,
Гардӣ аз садри салтанат махчур.
Агарат дил ба шаҳри Дидор аст.
Орзуманди боғи рухсор аст,
Бо худ аз мулк лашкаре бардор,
Саф бароро, сафдаре бардор.
Бар сафи хасм агар зафар ёбӣ.
Он чи максуди туст дарьёбӣ.
В-ар шикасте фитад туро ба зарур,
Бошӣ аз таъни дустон маъзур.

Дил ба қавли падар ризо дардод,
В-аз барои сипаҳ нидо дардод.
Гуфт ин сар, ки бар сари қадам аст,
Дар раҳи коми дил равад чӣ ғам аст.
Буд дилро яке сипаҳсолор,
Номи ӯ Сабру кӯҳи ҳилму викор,
Сафдари Сабр арзи лашкар дод,
Рӯ ба сӯи сипоҳи Ҳусн ниҳод.
Ақлу аркони мулк аз ҳар сӯ
Як ду манзил шуданд ҳамраҳи ӯ.
Хабар омад, ки бар сари роҳе,
Чӯқи оҳуст бар чарогоҳе.
Дили чобук ба азми сайди ғизол,
Ба хадангу камон шуд аз дунбол.
Чун шикорафканон расида шуданд,
Оҳувон аз назар рамида шуданд.
Мелавиданду боз истоданд,
Ба қафо дида чилвае доданд.
Боз шуд аз назар барои гурез,
Ҷодуе чандро қадамҳо тез.
Дар пай инҳову дар гурез онҳо,
Рӯ ниҳоданд дар биёбонҳо.
Ақл ҳайрон, ки вах чи кор аст ин,
Вах чӣ оҳуи ҷоншикор аст ин?
Мешавад Дил зи сайду оҳу шод,
Кас надидаст оҳуи сайёд,
Водии ишкро, ки пурхатар аст,
Ин ғароиб дар аввали сафар аст.
Ақл ҳам кишвари Балан бигзошт,
Аз паи Дил шуду алам бардошт.
Аз паи оҳувону Дил мерафт,
Сар фиканда сари хичил мерафт.
Мухтасар он, ки дар чунон водӣ,
Аклу Дилро касе нашуд ходӣ.
Назару Ғамза кори худ карданд,
Рӯ ба даргоҳи Ҳусн оварданд.

Ки расид он сипоҳи саргашта,
Бахт аз эшон чу зулф баргашта.
Саъй фармо, ки хасм баста шавад,
В-он сипаҳ ҳамчу дил шикаста шавад.
Инчунин дид маслиҳат он мох,
Ки зи худ Ишкро кунад огох.
Номае зад ракам ба ин мазмун,
Ки ғуломест бандаро мавзун.
Мардумонаш Хаёл мехонанд.
Гоҳи тасвир накшу бемонанд.
Муддате аз назар фарор гирифт,
То ба шаҳри Бадан қарор гирифт.
Шоҳи кишвар ба хидмати писараш,
Боз медорад аз паи ҳунараш.
Талабидам ба ҳусни тадбираш,
Монд бар пой банду занҷираш.
Ин замон лашкаре ба чо дорад,
Азми тасхири шаҳри мо дорад.

* * *

Чун шаҳи ховарон алам бардошт,
Парда аз рӯи субҳидам бардошт.
Аз рухи як нигоҳи парданишин,
Пардагй шуд ҳазор лӯъбати Чин.
Омад аз парда ин сухан ногоҳ,
Ки шуд аз нома шоҳи Ишқ огох
Оташи ӯ кашида сар ба сипехр,
Кард ишорат ба сӯи сафдар Мехр.
Чавшани кина Мехр дар бар карл,
Арсае дошт арзи лашкар кард.
Лашкаре чамъ шуд зи чониби шарк,
Гарки фӯлод аз кадам то фарк.
Омад аз ҳар канора тегзане,
Дар макоми масоф сафшикане.
Аввал аз хели Ишқ омад Ох,
Алами зарфишон кашида ба мох.

В-аз дигар сӯ канораи майдон,
Пурсадо шуд зи лашкари Афғон.
Сипаҳи Нола чун хурӯш гирифт
Маҳ бар авҷи сипеҳр гӯш гирифт,
Ашк дар бар зирех гирифт зи кин,
Лашкари ӯ гирифт рӯи замин.
Хусн ҳам шуд савору ронд итоб,
Карда аз ҳалқаҳои зулф рикоб.
Аз сипоҳаш чаҳор фавҷ намуд,
К-аз замин шӯъла то ба авҷ намуд...
Хама гулгунсавор чун оташ,
Гармхӯю ситамгару саркаш.
Ақлро з-ин сипоҳи хунхора,
Хайрате шуд ба вақти наззора.
Ӯ ҳам аз сарварони ботамкин,
Хамчу кӯҳ истод бар сари кин.
Лашкаре хамчу қулзуми симоб,
З-ӯ намоён амомаҳо чу ҳубоб.
Сабр омад нахуст аз эшон пеш,
Кард арзи суботи лашкари хеш.
Вахм омад арақ давида ба рӯй,
В-аз таваккул сипар кашида ба рӯй.
Ҷилвагар шуд Салоҳ дар мобайн,
Бо сипоҳи дуаспа аз наълайн.
Таквӣ омад ба маймана аз лоф,
Кард мисвокро синони масоф.
Зӯҳд бар майсара кашид инон,
Тайласон гашта дар бараш хафтон...
Рӯзи аввал барои хунрезӣ,
Ғамза шуд чангҷӯй аз тезӣ.
Рӯзи дуйӯм зи чой Комат хост,
Хештанро барои чанг орост.
Зулф шаб шуд сипоҳ берун бурд,
Бар сари Ақлу Дил шабехун бурд.
Дил ба саъйи Насим дод набард,
Лашкари Зулфро парешон кард.

Рӯзи сейӯм чу шуд ҷаҳонафрӯз,
Хусн бар хели Дил нашуд фирӯз.
Баҳри андеша Холи худро хонд,
Тавсани машварат ба майдон ронд.
Гуфт бо ӯ, ки эй писандида,
Дидай, балки мардуми дида,
Чорае гар зи ту ба даст афтад,
Бар Дилу хели Дил шикаст афтад.
Гуфт дорӣ ба вақти ҷилвагарӣ,
Турфа ҳамзодӣ аз сипоҳи парӣ.
Ҷои он нозанин ба қалъаи Коф,
Ҷавҳараш аз ғараз ба маънӣ соф.
Баски аз вай нишон намедонанд.
Номи овони Хусн мехонанд.
Он набошад ба ин нахоҳад шуд,
Кор бо ҷангу кин нахоҳад шуд.
Гуфт: акнун, ки хасм саф задааст,
Лашкари Кофро чӣ фоида аст?
Хол гуфто: ба сӯи ман бингар,
Ки маро ҳаст донаи анбар.
Дона ҳар гаҳ бар оташ андозӣ,
Дида равшан ба рӯи он созӣ.
Чеҳраи Хусн аз ин нишот афрӯхт,
Анбари дидаро бар оташ сӯхт.
Он ки дар Коф буд ҳозир шуд,
Балки айни ҷамол зоҳир шуд.
Хусн гуфт аз талаб ғараз он аст,
Ки Дилу Акл харду ҳайрон аст.
Чорае кун, ки дилпазир шавад,
Акл дар банду Дил асир шавад.

* * *

...Дояе дошт Ҳусн номаш Ноз,
Дар ҳама ҳол ҳамдаму ҳамроз.
Аз паи Дил мушоварат фармуд,
Ноз ишорат ба он тариқ намуд:
Ки Дили хастаро ба зиндон кун,
Манзилаш чоҳи дардмандон кун.
То замоне ки Дил ба ҳуш ояд,
Нолаи Дил туро ба гӯш ояд.
Қосиде пеши Ишқ соз равон,
Ки чӣ ояд зи назди ӯ фармон.
Меҳр рафту ба Ишқ нома кушод,
Ҳусну Дилро ба банд фармон дод.
Буд чоҳе ба гулшани рухсор,
Юсуфи Дил ба чоҳ ёфт қарор.
Чоҳ аз сими тар Занахдон ном,
Гирди ӯ ҳалқае зи нукраи хом.
Лаъл соқӣ шуду Табассум ёр,
Харду карданд ҳамдамӣ изҳор...
Номаи Ҳусн чун ба Ишқ расид,
Ақлу дилро ба ҳам асир шунид.
Ҳукм фармуд Ишқи оламгир,
Ки ниҳад Зулф Ақлро занҷир.
Ҳалқа созад каманди чин дар чин,
Барад уро кашон-кашон сӯи Чин,
Дили бечорарӯ ба хамми каманд.
Зери чоҳи закан кашад дар банд...

Дили афтода муддати як мох,
Буд афтода сарнагун дар чох.
Шуд ба ишки назораи Дили зор,
Хуснро орзуи дил бисьёр.
Мехрро буд духтаре ба сафо,
Номи ӯ шӯхра дар ҷаҳон ба Вафо.
Улфате буд Хуснро бо ӯ,
Сохт ӯро ба хеш ҳамзону.
Гуфт: аз сӯзи Дил маро доғест,
Дар ҳаволии шаҳри ман боғест.
Гулшани ғунҷаву гулаш хонанд,
Номи ӯ боғи дилкушо донанд.
Чашмаву оби ӯ чу дилҷӯянд,
Чашмаи ошноияш гӯянд.
Баҳри ман дар миёни оби зулол,
Ҳаст қасре ба номи қасри Висол.
Дил, ки бо доғи ҳачр хурсанд аст,
Карда зиндон макому дар банд аст.
Метавонӣ чунон, ки медонӣ,
Ки шабе аз рақиб пинҳонӣ,
Маснади айши ӯ ба боғ нихӣ,
В-аз суман марҳамаш ба доғ нихӣ.
Бикушой зи банд пояшро,
Фарш созӣ зи лола ҷояшро.
Чун ба он чашма ошно гардад,
Бар вай он боғ дилкушо гардад.
Шабе омад Вафо, ба Зулф ниҳон
Гуфт: Дилро зи банди ғам бираҳон.
Зулф омад ба сӯи чоҳи зақан,
Тарафи Дил фурӯ фиканд расан.
Дил баромад ба гарданаш бинишонд,
Ҷониби боғу қасру чашма расонд...

* * *

Чӣ бувад ҳоли ошиқи зоре
Дар қафас булбули гирифторе.
Булбул аз қайди ҳачр раста шавад,
Чун парад он қафас шикаста шавад.
Дил, ки дар банд буду зиндон дид,
Булбуле буд боғу бӯстон дид.
Зери гулбун ниҳод сар ба фароғ
Хусн мегашт дар назораи боғ.
Назараш бар ҷамоли Дил афтод.
Сари дил бар канори хеш ниҳод.
Гавҳари ашк рехт дар назараш,
Гашт доман зи оби дида тараш.
Бар рухи Дил зи гирья об чакид,
Мурги холаш зи ошьёна парид.
Чашм бикшоду дид чононро
Хост созад фидои ӯ чонро.
Бехудӣ карду дар хурӯш омад,
Наъра зад боз чун ба хуш омад.
Хусн Дилро фитода дид зи пой
Ба Хаёлу Назар гузошт ба чой
Роҳи касри висол пеш гирифт,
Талаби орзӯи хеш гирифт.
Аз чунон холате дили мадхуш,
Боз биншаст чун ба маснади хуш.
Назар омад, Табассум аз паи ӯ,
Нукл аз ин хӯрду согар аз маи ӯ

Бар лаби чашма манзилаш карданд,
Ком аз он чашма ҳосилаш карданд.
Шаб чу зад соябони нелуфарӣ,
Хусниро шуд хаёли ҷилвагарӣ.
Бовафо Нозро зи ҷо талабид,
Нозпарвар шуду Вафо талабид.
То саҳаргаҳ ба нури шамъ, Хаёл
Дошт маҷлис фарози қасри висол.
Партави шамъ хуштар аз маҳтоб,
Бар лаби чашмаву канораи об.
Аз Табассум Хаёл мунис дошт.
Бо Назар Дил нишаст, маҷлис дошт.
Дил фиғон кард охир аз дурӣ,
Хусн дар гирья шуд зи маҳҷурӣ.
Пеши Нозу Вафо сиришк фишонд,
Дафтари орзӯ бар эшон хонд.
Ки маро токати фирок намонд,
Беш аз ин тоби иштиёқ намонд.
Дар миёни ду ҳамдами дерин,
Қуръаи иттифоқ гашт бар ин,
Ки Табассум кунад вафокӯшӣ,
Доруе оярад ба бехушӣ,
Афканад бехабар ба бодаи ноб,
Дили ошиқ шавад зи бода хароб.
Бар лаби об чун равад хушаш,
Зулфи мушкин кашад дар оғӯшаш.
Чун шавад боми қасри манзили ӯ,
Баъд аз он Хусн донаду Дили ӯ.
Хусниро ин сухан қабул афтод,
Ба Табассум нухуфта дору дод.
Шаб чу Дил бода хост бар лаби об,
Шуд зи доруву бода масти хароб.
Бурд Дилро фарози қасри баланд,
Хуси то рӯз тархи айш афканд.
Буд то чанд шаб бар ин минвол,
Комрониву айшу қасри висол.

Шамъи маҷлис зи бод огаҳ не,
Балки парвонаро дар ӯ раҳ не.
Буд гулгун зи бода дидаи ҷом,
Чашми захме расид аз айём.
Духтаре Ғайр ном дошт Рақиб,
Хусну рӯе чу хусни ахлфиреб.
Будани ӯ ба Хусн лозим буд,
Рӯзу шаб Хуснро мулозим буд.
Чун дар ин рӯзхо ба гулшани боғ,
Маснад андохтӣ барои фароғ,
Сӯи Ғайр илтифоти кам кардӣ.
Омаду ӯ ба худ наёвардӣ,
Ғайр шуд аз ҷафои Хусн малул,
Шуд ба таҳқики холи ӯ машғул.
Шуд шабе бар кафои Хусн равон,
Гашт дар гӯшае зи қаср ниҳон.
Огаҳӣ чун аз он ду ҳамдам ёфт,
Хам дар он шаб ба ҷои хеш наёфт.
Пеш аз ин гуфт хамдамаш будам,
Хар кучо буд махрамаш будам.
Ин замон ёр шуд чу бегона,
Аз паи ӯ дигар шавам, ё на?
Он бувад бех, ки хилае созам,
Дар миён тархи дигар андозам.
Ман хам аз чашми Хусн пинҳонӣ,
Айш варзам ба хамдами ҷонӣ.
Лаззат аз Дил ба коми худ ёбам,
Маи ишрат ба ҷоми худ ёбам.
Мунтазир буд фурсате мехост,
Хама буданд навбате мехост.
Сокиё, ин сипехри бӯқаламун,
Хар лам орад хазор накш бурун.
То маро пур нагашта паймона,
Гӯшае нест бех зи майхона.

* * *

Лолазори ҷаҳон ачаб боғест,
Ки зи ҷавраш ба ҳар диле доғест.
Сарве аз боғи даҳр сар назанад,
Ки зи ғам дасти худ ба сар назанад.
Ғунчае кам дамад зи гулзоре,
Ки надорад ба пои худ хоре.
Як шабе Дил зи бода бар лаби об,
Маст афтода буду Хусн ба хоб.
Ғайр омад ба сӯи қаср нихон,
Накди чон кард тӯҳфаи ҷонон.
Дид шамъи Хаёлро бенур,
Кард аз бар либоси худро дур,
Сурати худ ба сеҳр дигар кард,
Зевару зеби Хусн дар бар кард,
Дили сармастро кашид ба бар,
Коми дил кард ҳосил аз дилбар.
Хусн чое, Хаёл дар ҷое,
Ғайру Дилро ба ҳам таманное.
Субҳ к-аз ховарон талиан рӯз,
Шуд чу хусни бутон ҷаҳонафрӯз.
Туғрули мехр аз ошьён бархост,
Аз хурӯси саҳар фиғон бархост.
Дид чашми Хаёл бедорӣ,
Кард аз баҳри Дил талабгорӣ.
Бетааммул ба боми қаср давид,
Ғайру Дилро ба хоб як ҷо дид.
Харду мадхушу масту лояъқил,
Аз ҷаҳону ҷаҳониён ғофил.
Омад аз боми қаср зуд фурӯ,
Ҷониби Хусн рафту манзили ӯ.
З-ин сухан ҳамзабони он маҳ шуд,
Аз таҳи кор Хусн огаҳ шуд.
Бесару по давид ҷониби боғ,
Ки чаро шуд хумой ҳамдами зоғ?

Рафт бар каср моҳи тобоне,
Қайсаре дид пеши сагбоне.
Ғайрро хуфта диду Дил бехуд,
Шуд зи ғайрат бути чигил бехуд.
Даст бар сина, санг бар дил зад,
Пои ғайрат бар он ду ғофил зад.
Ғайр бикшод чашми оламбин,
Хусниро дид бар сари болин.
Он фиреби нухуфта пайдо шуд,
Хеч узре надошт, расво шуд.
Қадамаш тез шуд дар он рафтор,
Рафт аз он чо ба чониби Сагсор.
Дили бехуш чун ба хуш омад,
Хусниро хуни дил ба чўш омад.
Дошт узре вале итобаш кард,
Чой дар водии укобаш кард.
Ғайр чун фитнаи ачаб ангехт,
Аз хўи хичлат обруяш рехт.
Рў ба шахру диёри худ овард,
Падарашро зи хол огаҳ кард.
Чун Ракиб огаҳӣ аз эшон ёфт,
Хотири чамъро парешон ёфт.
Ба Насиму Дилу Назар аз кахр,
Рехт аз чашми беиноят захр.
Банд бар пои он асирон монд,
Кўхи мехнат бар он факирон монд.
Дар хаволии кишвари Сагсор,
Водие булъачаб бувад хунхор.
Он ки буньёди иштиёк ниход,
Номи ў водии Фирок ниҳод.
Калъае буд дар чунон водӣ,
Гирди номаш нагашта озоди.
Боз дар калъа буд зиндоне,
Рох аз у то ба амк чандоне.
Гашта зиндони Хачр ном ўро,
Дар замин канда буд Сом ўро.

Ҳар ки толиб ба оби ӯ будӣ,
З-он сӯи ӯ ситора бинмудӣ.
Рехт ҷаври фалак дар он зиндон,
Хок бар фарқи орзӯмандон.
Ҳаҷру зиндону бандҳо бар пой,
Вой бар ҳоли дардмандон, вой!

* * *

Моние дошт коргоҳи хаёл,
Нақшперои боргоҳи хаёл.
Анбари фикр рехт аз қаламаш,
Анбарин гашт сафҳа аз рақамаш.
Он тирозе ки баст аз хома,
Зоҳир аст аз саводи ин нома.
Ки дар ин кор Ғайр ҳайрон шуд,
Охир аз кори худ пушаймон шуд.
Буд роҳи умед пурхошок,
Хост тоза ба нома созад пок.
Номаро аз барои Хусн навишт,
Чун хати дилбарон абирсиришт.
Кардаш аз макри хештан огоҳ,
То ба Дил соф шуд дили он мохҳ.
Хуснро сӯи Дил дар он озор,
Аз паи меҳр гарм шуд бозор.
Нома бинвишту узрхоҳӣ кард,
Арзи аҳволи бегуноҳӣ кард.
Ки гуноҳе дар он набуд туро,
Ишқ пиндорӣ озмуд туро,
Ту зари холисиву сад чандон,
Бӯтаи имтихони ту зиндон.
Пераҳан бар тани ту зиндон шуд,
Сари зиндон зеҳи гиребон шуд.
Як ҷафо бар ту аз ракиб расид,
Сад вафо хоҳад аз ҳабиб расид.
Мухр бар номаи висол ниҳод,
Номаро бо Хаёли шабрав дод.

Раҳи зиндони Ҳаҷр бинмудаш,
Рукъаро Дил гирифт, бикшудаш.
Зери бори ғарони меҳнату бим,
Чун сабо тоза гашт чони Насим.
Дили пурхун чу номаҳонӣ карл.
Назар аз дида хунфишонӣ карл.
Хотири худ ба арзи нома гумошт,
Зери зиндон давоту хома гумошт
Шуд давоташ зи дидаи гирьён,
Сафҳа аз чеҳра, хома аз мижгон
Номаро дод чину сохт дуто,
Кард зоҳир ба он дури якто.
Ки зи меҳнат шикастаҳол шудам,
Зери бори фироқ дол шудам...
То ба хизмат расиду нома кушол,
Шарҳи ғамҳои он парешон дод.

ЛУҒАТ

А

Аблақ—ало, рангоранг, гуногунранг

Абри найсон—абри бахорӣ; абри серборон

Абтар—хароб; зеру забаршуда; парешон

Аврок—чамъи варақ—варақхо

Авҷ—баландӣ, нуктаи баландтарин

Адам—нестӣ

Азимат—афсун, азоимхонӣ

Азм—касд; хохиш; ният; ихтиёр

Айём—(чамъи явм—рӯз) давр; замона

Алам—байрақ

Алвон—чамъи лавн—лавнхо

Амиқ—чукур

Амома—салла; дастор

Анвор — чамъи нур — нурхо, равшанихо

Анбар—як навъ хушбӯй

Андалеб—булбул

Анҷум — чамъи начм — ситорахо.

Анҷуман—мачлис; чамъомад, гурӯхи чамъшуда

Арконимулк—арбобони давлат

Арса—майдон

Арғувон—як навъ дарахти хурди сурхгул аст

Атвор—чамъи тавр—хулқу ахлок

Ахбоб—дӯстон

Ахд—замон, лавра

Ахвал—каччашм; касе ки як чизро ду бинад

Аҳьёр—чамъи ғайр; бегонагон

Ағбар—хокранг; гардолуд

Ашкфишонӣ—гирьякунӣ; ашкрезӣ

Ахтар—ситора

Афсар—точ

Б

Бадкеш—бадхӯ; бадкор

Байза—тухм (байзаи кофур—тухми сафед)

Байтор—духтури хайвонот

Банда—ғулом

Ба сар шудан—гузаштан, тамом шудан

Басс—бисьёр; зиёд; хеле

Башорат—хабари хуш;

Бебок—нотарс

Бесутун—кӯхест дар наздикии шахри Кирмоншох, ки гӯё Фарход дар он чо барои Ширин чӯи шир сохта бошад

Бетааммул—бефикр; беандеша

Бефарҷом—беокибат; беохир

Бим—тарс; вахм

Бисмил—кушташуда; курбон-шуда

Боб—рох; навъ

Бода—май, шароб

Бода кашидан—май нӯшидан

Боди фано—боди нестӣ

Бодия—биёбон; дашту сахро

Боз—кушода

Бок—тарс, бим, парво

Боло—ба маънои каду комат

Бол баландон—баландкоматон

Бори гарон—бори вазнин

Ботин—дарун (файзи ботин—бонгарии дарунн; маънавӣ)

Булачаб—ачиб; хайратангез

Буркаъ—рӯпӯш (рӯпӯши занон)

Бута—номи як зарфи хурдест, ки аз гил сохта, тилло ва нукраро мегудозанд

Бӯкаламун—рангоранг; хар дам ба ранги дигар табдильёбанда

В

Вабол—гунох

Вах—калимаи таачҷуб, афсӯс

Вазъ—тартиб; холат, чи гунагӣ

Висок—хона, манзил, истикоматгох

Вожгуна—сарнагун

Вола—хайрон

Вонамудан—кушодан, рахо кардан

Вораста — халосшуда; рахо гашта; озод шуда

Г

Гардун—фалак; осмон

Гизоф (Газоф)—лофзанӣ; бехудагӯй, бехуда, дурӯг

Гил—хок, лой

Гудохтан—об шудан, об кардан

Гулбун—дарахти гули сурх, дарахти гул, буттаи гул

Гулбуни фирӯза—киноя аз осмон; чархи фалак

Гулфом—гулранг

Гумоштан—муайян кардан; таъин намудан

Гунаи лаъл—лаълранг; ранги лаъл—киноя аз ранги лаби маъшук

Густох—бебок; шӯх

Гӯй—тӯб; хаппак; чизе ки ба чавгон бозӣ кунанд

Д

Давот—сиёхидон

Дайр—гумбаз; майхона; ибодатхона; ба маънии дуньё низ меояд

Дайри фано—киноя аз дуньё

Дамсоз—рафик; шарик; хамдам

Даранг—фурсат; мадор

Дарьюза—гадой

Дархӯр—лоик; сазовор; муносиб, мунофик

Дастор—салла

Дилшуда—дилбохта; дилбойдода

Довар—худо; хоким; пурсишкунанда; арзшунав

Доияхо—дуохо

Дол шудан—киноя аз комат хам ва кӯз шудан.

Домангир—киноя аз муддай, даъвогар, даъвокунанда

Дун—паст

Дунбол—пас; кафо; пай

Дуньй—дуньё

Дурд—тагмонлан май
Дуто шудан—кӯз шудан; хоматхам шудан
Духтари раз—шароби ангурӣ
Дӯш—китф; шаби гузашта
Дӯшизагон—духтарони бикр

Ё

Ёвар—ёридиханда; мададгор
Ёро—кувват; часорат; чуръат

З

Забун—гирифтор; очиз
Заврак—каик
Замир—хотир; андеша; андарунии дил; он чи дар дил гузарад, ботин
Занахдон—зери манах
Зар—тилло
Зихӣ—чӣ хуш, офарин ба...
Зохид—гӯшанишин; шахси диндори хушк, мавхумотпараст
Зохир—маълум; намоён; пайдо
Зулмат—торикӣ
Зулоли зиндагӣ—оби хаёт; оби зиндагибахш (дар тасаввуроти одамони гузашта)
Зуннор—камарбанди ресмонӣ, ки ба бастани он мусулмонон яхудихоро мачбур мекардаанд
Зуфунун—доно; окил; хамарас
Зӯрзах—баландӣ; кулла
Зӯхд—диндории хушк; мавхумотпарастӣ

И

Иёр—дарачаи холиси тилло дар як чизи тиллоӣ
Илтифот—лутфу мехрубонӣ
Имо—ишора
Инбисот—шодӣ; хурсандӣ; пахн кардан
Инон—(Лагом) лачом
Иноят—мехрубонӣ; лутф
Ифиол—хичил; шарманда; хичолат, шарм
Истигфор—омурзиш хостан; бахшиш хостан
Итоб—ноз; хашм
Ихтимом—хизмат

К

Кавкаб—ситора
Кавкаба—лабдабанокӣ; тантана; бузургӣ; дастгох
Кавнайн—ду чахон
Кавокиб—чамъи кавкаб; сито рахо
Казлик—кордча
Кайвон—сайёран Зӯхал
Кайвонманзилат—баландмаком; олидарача; баландмартаба
Калом—сухан
Кеш—одат; расму оин; дин
Килк—калам
Косид—номабар; хабаррасон
Кошона—хона
Кохидан—хароб шудан
Кохида шудан—хароб шудан; лоғар шудан; кам шудан
Кӯхкан—киноя аз Фарход—кахрамони достонхои ишкии „Хусрав ва Ширин", „Фарход ва Ширин" ва ғайра
Кӯхл—сурма

Л

Лаби тахсин кушудан—яъне касеро офарин гуфтан; ба офарини касе сар кардан

Лочарам—хоху нохох; албатта, бечуну чаро

Лояъкил—бехуш; аз хушрафта

М

Мавкаб—гурӯхи саворони рикобӣ

Мавчиб—сабаб; боис

Мадхсоз—мадхгӯй; таърифу тавсифкунанда

Мазаллат—хорӣ, залилӣ

Мазраъ—киштзор; махалли зироат

Майкада—майхона

Манзилат—дараҷа; рутба; маком

Маншур—машхур; интишорьёфта

Мардумак—сиёхии хурдакаки дар даруни сиёхии чашм вокеъшударо гӯянд

Мардумихо—одамигарихо

Маргул—печутоб; мӯи печида

Мархала—манзил; чои фуруд омадани мусофир ва корвон барои истирохат ва шабгузаронӣ; дарача

Мархам—(малхам) дору (дорувест, ки бар ҷарохат ниханд)

Маскан—чой, макон

Маснад—такьягох; болиш

Масорифи курро—харчи корие

Масоф—чои саф задан; ҷанг; макоми ҷанг

Масрур—хурсанд; шод; хушвакт

Мастур—пӯшида

Машраб—хислат; хулк; табиат; ойин

Машъала—оташдон; дар ин чо киноя аз дили ошик

Машшота—шонадаст, шонакаш

Маърӯз—арз кардашуда; изхоршуда

Мақом—чой; мартаба

Махак—сангест, ки барои муайян намудани тоза ва ё қалбакӣ будани тилло ва нукра истеъмол карда мешавад

Махал—чой; вакт, фурсат

Махв—пок кардан; нест намудан

Махвашон—хубон; хубрӯён; ба мох монанд будахо

Махол—номумкин

Махрам—наздик

Махфил—мачлис; ҷамъомад

Махшар—киноя аз чои ҷамъ омадани мардум дар рузи киёмат

Махчурон—дурафтодагон; чудо мондагон

Мехр—ишк, мухаббат

Мехтар—калон; бузург (аз чихати мансаб)

Мизон—тарозу

Мизроб—захма

Минвол—тарик; тарз; восита

Минкош—мӯчинак; асбобе ки ба он нохун ва харфхои дархат ғалат рафтаро тарошанд

Мисвок—решаи як навъ чӯб аст, ки бо вай диндорон дандонро пок мекунанд.

Мискин—нодор; камбағал; хеле мӯхточ; бечора

Мигфар—тоскулох; кулох

Моида—стол; дастархон

Моний—номи наққоши машхур

Муалло—баланд; олӣ; аъло

Муанбар—анбарин; хушбӯй

Мубтало—гирифтор
Мудово—даво ва дармон кардан
Музтариб—парешонхоя, ташвишнок, дар изтироб афтода. ба хаячон омада, хичил шула, андўхгин, хиҷолатманя
Мул—шароб
Мулки огохй—олами дониш ва донишмандй; аз хама огох будан
Мулозим—хидматгор
Мултамас—илтимос; хохиш; орзу
Мунаққаш—накшин, рангоранг
Мунаҷҷим—ситорашинос; астроном
Мураттаб—ба тартиб андохта шуда, ботартиб
Мурувват—рахм, рахмдили, инсоф,
Мусаввар—суратнок, ботасвир
Мусаввир—суратгар; наққош
Мусалсал—дар ин ҷо ба маънои як ба як; пай дар пай; батафсил
Мусоид—ёридиханда; мададгор; дастрас
Мустаманд—ғамзада; андўхгин; сохибэхтиёҷ
Мустағнй—беэхтиёҷ
Мутаваҷҷеҳ—мунтазир истанда; машғул; эхтиёҷманд
Мутриб—навозанда, созанда
Муфлис—камбағал; нодор
Мухолиф—мукобил; зид; душман
Мушаъбад—найрангбоз
Мушкил—душвор, сахт
Мушкин—сиёх ва муаттар
Муштоқ—ёдкарда; касе ки дўсти гоиби худро нихоят дарача дидан мехохад; иштиёкманд
Муғтаним—ғанимат пиндошташуда; ғанимат донисташуда
Мукайяд—бандшуда; гирифтор
Мухосаба—хисоб; хисоб карда
Мучарраб—озмудашуда; дуои мучарраб—дуое ки гўё мустачоб шудани вай дар таҷриба озмуда шуда бошад
Мўина—пўстин
Мўътод—одатгирифта; одатиранда
Мўхр дар дахон будан—киноя аз хомўш будан

Н

Надомат—пушаймонй
Назир—мисл, монанд
Найир—оташ; машъал; офтоб; ситора; дурахшон
Нанг—ор; номус
Нард—як навъ бозии домино-монанд
Насрин—навъе аз гули хушбўй
Настарин—навъе аз гули хушбўй
Нафир—овоз; фарьёду нола
Нахл—нихол; дарахт
Нақшперо—рассом; суратгар; наққош
Нелўфар—гули ошиқпечон, ки қариб ба ранги бунафша бошад
Ниёз—хоҷат; эхтиёҷ
Нимбисмил—нимкушта
Нишот—шодмонй; хурсандй; хуррамй
Никоб—парда; хиҷоб
Новак—як навъ тири хурд аст; киноя аз нигохи тези махбуб
Ноком—номурод; ба мақсад нарасида
Ноля—нолон; ноланда

Нуктадонон—донишмандон; фаросатнокхо
Нухуфта—пинхонӣ; махфӣ
Нухуфтан—пинхон доштан

О

Озмуда—санчида; имтихон кардашуда
Ораз—рӯй; рухсора
Орамида—оромгирифта
Офият—саломатӣ
Офоқ—(чамъи уфук) киноя аз тамоми олам
Ошуфта—парешон
Оҷ—устухони фил
Оҷиз—бечора, дармонда

П

Паём—пайғом ва хабар
Пайкон—нӯги тир; тири нозуки тезнеш; мачозан тири мижгон
Паймона—кадахи майнӯшӣ
Паймонгусил—паймоншикан; ахдшикан
Панд—насихат
Парвонаваш—парвонавор
Паргор—циркуль
Паривор—мисли парӣ; монанди парӣ
Партав—рӯшной, шуоъ, нур
Перомун — давро-давр; гирдогирд;
Пероҳан—курта
Пиндоштан—гумон кардан
Пор—порсол
Пур зи хотам—хотамкорӣ карда шуда—чизеро бо устухон ё садаф зиннат додан

Р

Рабеъ—бахор
Равза—бог, марғузор
Равзан—мӯрӣ; шикофи дудбарон боми хона
Разм—чанг, мухориба
Раёҳин—чамъи райхон—райхонхо; гулхо
Ракиб—касе ки бо дигаре хамсавор бошад
Рамақ—бакияи чон; нафаси охирин; ниме; хиссае; камтарак
Расан—ресмон, таноб
Рафъат—баландӣ
Рахт—чома; либос; асб
Рахти икомат—асбоби истикомат
Рағм—мачозан ба маънои баръакси хохиши кас анчом ёфтан ё анчом додани коре
Ракам—навиштан
Рахнамун—рахнамо; рахнишондиханда
Рикоб—ӯзангу
Ровӣ—ривоякунанда; хикоятқунанда; хабардиханда
Ротиба—маош, дастмузд
Рӯзгор—замона
Рутаб—хурмо; меваи ширин
Рукъа—коғазпора; мактуб

С

Сабо—боди форам, шамол
Сабу—пиёла; коса; шиша; кӯза
Сабуксор—бекарор; шитобзада
Савдо—мухаббат; ишк; фикр; хавову хавас (мачозан ба маънои девонагӣ хам меояд)
Савод—сёхӣ
Саводи олам—шахр, мавохихо, дунъё
Савсан (сӯсан)—номи гулест осмониранг
Савт—овоз
Садди рамақ—монеаи аз мурдан нигохдоранда
Садр—сохибмансаб

Сайёд—шикорчй
Сало—овоз карлан ба сўи касе барои долани чизе (хох таом бошад ё хох гайри он)
Самаид—асп; аспи самаид
Самум—боди гарм
Саргарон—масту махмур
Сарир—тахт; авранг
Сароб—аз тобиши офтоб дарьёсифат чилва кардани шўразор
Саропарда—хайма
Сархуш—касе ки аз нашъаи шароб хушхоя шуда бошад; ниммаст
Сафдар—сафшикан
Сафина—китоб; дафтар; дафтарчаи кайдхо; баёз;, мачмўаи шеърхо
Сафир—овоз; овози парранда; овозе ки барои талаби мургон кунанд
Сафха—сахифа
Сахбо—як навъ маи сурхранг
Сахв—хато
Сахл—осон
Сахоб—абр
Саччода—чои намоз
Сехр—чоду
Силсила—занчир; катор
Силй—шаппотй; торсакй
Синон—нўги найза ва тир
Сим—нукра; ба маънои пул хам меояд
Сипахсолор—сарлашкар
Сипехр—осмон
Сипехри зангорй—осмони кабуд
Сипох—лашкар; аскар
Сиришк—катраи оби чашм
Сиришк фишондан—оби дида рехтан; гирья кардан
Ситонидан—кашида гирифтан
Сифла—паст; разил
Соил—гадо
Сокин—муким
Согар—пиёлаи май; чоми шароб
Субот—пойдорй; устуворй; собиткадамй
Сулаймон—номи пайгамбаре (дар афсонахо)
Суман—як навъ гули сафеди хушбўйро гўянд
Сурур—шодмонй; хурсандй
Суфтан—сўрох намулан; шикоф кардан
Сухо—номи ситора
Сучуд—сачда
Сўхтахирман—моя ба бод дода; сармоя аз даст дода, камбагал; муфлисшуда
Сўфор—тиргохи камон, он чои ресмони камон, ки нўги тирро мегузоранд

Т

Тааммул—фикр; андеша
Тавакқўъ—умед, умедворй, чашмдошт, орзў, хохиш
Тавоф—зиёрат; сайр; гирдогирд
Тавсан—аспи шўх ва саркаш
Тиб—хушбўй; пок
Талиа—гурўхи аскаре ки шаб посбонии шахр ва лашкар кунад, пешкаровул
Таманно—орзў; хохиш
Таназзул—пастравй, паст шудан, нест шудан
Тапонча—шаппотй; торсакй
Тарабсазой—хурсандиовар
Тарики ишқ—роху равиши ишк
Тарк—кулохи оханй; кулох; фарк (фарки сар ё чизе)

Тарф—гӯша, канор, ҷониб
Тарафи лаб—кунҷи лаб
Тарҳ—буньёд; расм
Тасхир—итоаткунанда; ба даст овардан
Тафрика—ҷудо шудан; фарқ кардан; ҷудой; дурӣ аз хамдигар; парешонӣ; парокандагӣ
Тахайюл—хаёл кардан; ба хаёл овардан
Таҷаммул—зинат додан ва ороста шудан
Таъвиз—панох овардан; панох додан; хифз кардан
Тағофул—бепарвой
Таквӣ—пархезкорӣ; худотарсӣ
Такрир—сухан гуфтан
Таксир—гунох; айб; хато
Тахайюр—хайрат; хайронӣ
Тахаммул—хилм; сабру токат
Тахсин—офарин
Таҷрид—ҷудо шудан; канор кашидан
Тирарӯз—сиёхрӯз; бадбахт; сиёхбахт
Тироз—накшу нигор; ороста; зинатдор; зебо, хушрӯй
Тифл—кӯдак
Тиҳӣ—холӣ
Тозиёна—қамчӣ, шаллок
Толиб—талабгор
Тоқ—ягона; яккаву танхо
Тубо—номи дарахтест дар ҷаннат (дар тасаввури динӣ ва афсонахо)
Тунд—тез; хашмгин
Турбат—гӯр; кабр
Турунҷи зар—киноя аз офтоб
Турфа—ачоиб; нав
Туҷҷор—(ҷамъи точир)—савдогарон
Тӯхфа—хадья; бахшиш

У

Уфуқ—канораи осмон; охири осмон
Ушшоқ—номи яке аз охангхои мусикии қадимист; ошикон
Ӯқбӣ—укбо; охират (аз рӯи тасаввури динӣ)
Уққбат—азоб

Ф

Фалак—тақдир, осмон, замон
Фан—хила; макр; фиреб; найранг
Фано—нобуд; нобудӣ, нестшавӣ
Фарзона—оқил
Фароз—боло, фарози каср—болои каср;
Фарор гирифтан—гуреза шудан
Фароғ—фароғат—рохат; истирохат; осудагӣ
Фарохам овардан—ҷамъ овардан
Фархунда—муборак; хушбахт; фарахбахш
Фарш—палос ва колин
Фасона—афсона; хикоят
Фағфури чин—лакаби пешинаи шохони Хитой
Факех—олими илми фикх
Факр—факирӣ; камбағали
Фигор—афгор; дардманд
Фироқ—ҷудой
Фитрок—тасмае ки аз пеш ва паси зини асп овехта мешавад
Фонӣ—фаношаванда; нестшаванда
Фока—кашшокя; факирӣ; камбағалӣ

Фузун—бисьёр, зиёд
Фуркот—чудой; фирох
Фусун—афсун

Х

Хаданг—чӯби сахте ки аз вай тир месозанд, тир
Хазона—хазина
Хайл—гурӯх; чамъи одамон; лашкар ва сипох
Халаф—фарзанд; чонишин
Хало—холӣ шудан—обхона; чон холӣ шудан
Хасм—душман
Хилол—чӯби дандонкоб; хасу хошок
Хилъат—чома; чомае ки бахшиш мекунанд
Хирка—чомаи кӯхна ва пора-шуда
Хичил—хичолаткашида; шарманда
Ховар—шарк
Хома—калам
Хон—дастурхон; суфра
Хора—санги сахт
Хотам—ангуштарин
Худситой—худтаърифкунӣ
Хуршед—офтоб
Хуфтан—хобидан
Хӯ—одат,
Хӯрда гирифтан—айб чустан; эрод гирифтан

Ч

Чавгон—чӯби сархаме ки бо ӯ гӯй (тӯб) бозӣ мекунанд
Чанг—як навъ асбоби мусикист
Чехра—рӯй
Чигил—шахре дар худуди шаркии Осиёи Миёна, ки бо навозандагон ва раккосахон хушрӯ, махсусан, одамони зебо машхур будааст
Чин—Хитой, шиканч; печутоб (ба мӯй ва зулф мансуб аст)
Чошнӣ—маззаи; андаке аз таом ва ё шароб, ки барои имтихон бичашанд, намакчашак
Чун кунам—чӣ кор кунам

Ш

Шабехун—хучуми шабона; тохти шабона
Шамла—салла; дастор; шоле ки бар сар ё китф андозанд; сарбандак
Шангарф—моддаи сурхрангест
Шарор—оташпора
Шатранч—шохмот
Шак—шикоф; пора; нима; пора-порашуда
Шахи ховарон—киноя аз офтоб
Шахло—чашми сиёхеро гӯянд, ки ба сурхӣ моил буда, фиребандагӣ дошта бошад
Шигифт—тааччуб; хайрат
Шикан—печутоб, хами зулф ва мӯй
Шиква—тарсу бим; норозигӣ. гила
Шикорафканон—шикорчиён
Ширинкалом—ширинсухан
Шоиста—лоик; муносиб; мувофик
Шуғл—кор
Шӯъбада—найранг

Э

Эшон—онхо
Эътидол—мӯътадил
Эътимод—бовари
Эътикод—сахт бовар кардан; боварии комил доштан
Эҳсон—хайру некӣ; кори хуб

Ю

Юмн—хосият; хислат; шарофат

Я

Яздон—худо

Ғ

Ғаммоз—хабаркаш; суханчин
Ғараз—максад; хохиши дил; душманӣ
Ғароиб—аҷоибот, ғалатӣ
Ғизола—охубара
Ғолиябӯ—хушбӯй
Ғолияфом—сиёхранги хушбӯй; атрогин
Ғофил—бехабар; дар ғафлат-монда
Ғубор—гард, чанг; пардаи нозуке ки рӯи мардумаки чашмро пӯшида монеи дидан мешавад
Ғунчадаҳан—киноя аз хушрӯй ва тангдахании махбуб аст
Ғурбат—гариби

К

Кабо—ҷома
Кавл—гуфта; сухан
Кайд—банд
Кандил—шамъдонхои махсусе ки аз шифти хона ва масчидхо овезон мекарданд; чилчарог
Карор—дар як ҷой осуда истодан
Катъ—(катъ кардан)—буридан; гузаштан
Катъо—харгиз
Килу кол—гуфтугӯ
Комати дол—комати хамгашта; кӯз; комати дуто
Котил—кушанда; катлкунанда
Кофила—корвон
Кудсӣ—мукаддас
Кулзуми симоб—дарьёи симоб
Куллоб—чангак—шаст; дом (куллоби мухаббат—доми мухаббат)
Куръа—чубпора ё он чи ки аз охан сохта ба он фол бинанд
Кусур—камбудӣ; норасоӣ

Х

Ҳабиб—дӯст
Ҳавиҷ—сабзӣ; зардак
Ҳаводис—ҷамъи ходиса—ходисахо
Ҳаволӣ—атрофу чониб, гирдогирд, навохӣ ва наздики
Ҳадаф—нишона, максад
Ҳадис—сухан; гуфтор
Ҳаз—бахра; хуш; манфиат
Ҳазин—ғамгин; андӯхгин
Ҳамал—наврӯз; сари сол
Ҳамдам—хамсӯхбат; наздик
Ҳарза—бехуда
Ҳариф—хампеша; хампо; ба маънои мукобил низ меоянд
Ҳасудон—хасадбарандагон
Ҳилм—мулоимати; хушхулки; мулоиммизоҷӣ
Ҳилол—мохи нав
Ҳиндуи зулф—киноя аз сиёхии зулфи маъшук

Хирмон—ноумедй; бенасиба, махрумй

Хичоб—никоб; парда

Хичрон—чудой

Ходй—рахнамо

Хоил—мамониатрасонанда; монеъшаванда

Хола—хиргахи мох. доиран равшане ки баъзан дар гирдн мох пайдо мешавад

Хумой—номи мурги афсонавй

Хусн—зебой; хушрўй

Хусни макол—хусни гуфтор

Ч

Чабин—пешонй

Чайб—гиребон; киса

Чанбо—номи бурчи сайўми фалак, ки ба шакли ду кўлаки ба хам часпида тасвир мешавад

Чаншан—як навъ либоси чангии кадимист, ки аз халкахои оханин месохтанд

Чарас—зангўла

Чафопеша—чафокор

Чиннот—чаннат

Чомадар—чомадарпон

Чох—мансаб; давлат

Чунун—девонагй

Чук—гурўх; бисьёр

МУНДАРИЧА

Мукаддима 3

ҒАЗАЛИЁТ

Дониста мегӯем мо. 25
Хуни дил мегирьяму ашки чигаргун мехӯрам 26
Надидам 27
Ҳаргиз нафасе шод надидам дили худро 28
Ғами ман кам нест. 29
Рӯзгори тираву бахти нагун бошад маро 30
Набошад дастрас моро 31
Намонд 32
Дорад фалак камоне дилхо нишона карда 33
Саргаштаву ғарибам 34
Сад гул шукуфту ғунчаи дил ношукуфтанист 35
Ба ғайри оҳ надорам, рафики дилсӯзе 36
Дасти ман аз хеч кас боре ба зери санг нест 37
Талафи умр бувад зӯҳду каромат хама лоф. 38
Нарасидй. 39
Водии ғам дигару рохи саломат дигар аст 40
Кй тавонад?. 41
Кй пардозад? 42
Аз дилам хун мечакад 43
Ба зӯҳду тавбаи ман эътимод нест 44
Ба рахи ишк рав, эй зохиди дурафтода 45
Ғам мехӯрад маро ман агар ғам намехӯрам 46
Мардуми санчида медонанд кадри ростон 47
Неъмати дидор бех аст аз хама чиз 48
Чизе намондааст, ки мардум нагуфтаанд. 49
Бар рох аст чашми интизор 50
Чашми худ равшан ба рӯи хамчу мохаш доштам 51

Доди дил аз кӣ хоҳам? 52
Оташ занам 53
Пайрави пири хучандиям 54
Моему ғами бесару сомонии бисьёр 55
Мо ду чони як баданем 56
Мурғи шикастабол 57
Эй чон, нафасе омада бемории ман бин 58
Ҳам нозукӣ, ҳам нозанин. 59
Бандаам 60
Максуди ман вафост 61
Хохад шудан 62
Дарди бедавои ман. 63
Ёфтааст 64
Аз хуми май тараб омӯз. 65
Бахор шуд, кадах он бех, ки ранги лола намояд 66
Гули сурх 67
Сокӣ ба айш кӯш 68
Ин турфа 69
Шукуфт ғунчаву оханги нола булбул кард 70
Даври гулзори шукуфа тараб ангехтаанд 71
Кӯри худанд мардуму бинои дигарон 72
То кай. 73
Ба як ғамхор дорам эхтиёч. 74
Нарафт 75
Хуб бошад хикояти хубй. 76
Афсона хохам шуд 77
Ин хама 78
Ҳак карда 79
Кадах зи даст мадех 80
Намегардам 81
Чуз соя кас надораму он хам зи ман чудост 82
Рӯи муроде харгиз надидам 83
Мадоре набувад оташи хасро 84
Ҳар кас ошнои ишк нест 85
Наметавонам гуфт 86
Бе ту хар шаб оби чашму оташи таб доштам 87
Ҳеч кардам обрӯи хешро 88
Сабр зи рӯи ту мушкил 89
Нарафт 90
Кӣ барад? 91
Оби хаёт лаъли лаби нӯшханди туст 92
Забони хол бувад охи ошиконаи мо 93
Бинам туро 94

Хайрат бас аст, монеи лидан никоб чист 95
Омадаст 96
Хохам гирист 97
Бисьёр аст 98
Набарй гумон, ки чое ранам аз харими кӯят 99
Наку афтодаст 100
Дӯстон тахрири холи ман ба он гофия кунед 101
Мехнати гурбат азизони чахонро хор кард 102
Аз худ равад 103
Намебарояд. 104
Илохй, ки як нотавонбин намонад 105
Як рӯз биё гӯям, як мох намеояд 106
Дил дар сари он наргиси мастона шуд охир 107
Биё ки муштокам 108
Надорем дигар 109
Имрӯз 110
То шуд зиёда хусни рухат зортар шудам 111
Хуш он давлат 112
Рӯзе рухаш бубинам агар чон саломат аст 113
Ману ту 114
Ба сӯи кй меравй 115
Имшаб 116
Чои ту дар дида бошад 117
Зи бевафони ахли замона мегӯям 118
Ба кадом рӯю дида. 119
Хохем кард. 120
Дӯстон оннаанд 121
Нози ту лутфу ситамхои ту рахмат будааст 122
Наздик аст 123
Раёхин 124
Чонони ман он чост. 125
Рахм кун бар ман 126
Ӯро 127
Моро 128
Аз айни итоб 129
Турфа холе шуд маро. 130
Аз таксири туст. 131
Дареғ дошт. 132
З-оташи ғам 133
Ҳар касе парвардан обу хавое будааст 134
Ошное ки ба ӯ як-ду сухан гӯям нест 135
Кӯтохназар будан аз идрок набошад 136
Харчи мушкил бувад осон шуданй хам дорад 137

Кӯх маъдани ёкут аз тахаммул шуд 138
Меояд 139
Партави мах тоби офтоб надорад 140
Худро ба хар касе манамо 141
Карор бе ту маро дар дили фигор намонд 142
Хохам ниҳод 143
Бовар намекунанд 144
Намеояд 145
Токи абрӯи туам дар ошиқи аз по фиканд 146
Бод омаду зи сунбули зулфи ту ёд дод 147
Зи чӣ бошад? 148
Дарди сар аст илтизоми бахс 149
Хубон зи рӯи хусн хама нури дидаанд 150
Кадри нишоти васл шиносад асири хачр 151
Чу бедардон мудовои дили садчок мекардам 152
Карор нест ханӯзам 153
Бемораму ғайр аз ҷигари пора надорам 154
Замона мехнатсарой аст 155
Аз бути сангиндили худ хар кучо ёд оварам 156
Бигзар зи хуни ман 157
Эй мунаҷҷим 158
Сабр чое рафту дил чоеву дин чои дигар 159
Шодам аз он, ки бе ғами ёре набудаам 160
Магӯ, ки бо ту дигар хамнишину ёр шавам 161
Мӯхре бар даҳон бошам 162
Бошад сухан аз орзӯи худ хама касро 163
Нишоти умр бошад ошной бо сухандонон 164
Чӣ доми хавас аст ин? 165
Гулбуни фирӯза харгиз бар муроди ман нарафт 166
Умрам ба охир омад 167
Эй хори чафоят ба дилам рашки суманҳо 168
Аз хар камтаре камтар 169
Забони калам охи ошиконаи туст 170
Дидаи арбоби дил оинадори рӯи туст 171
Нашъаи чоми шароби ошиқӣ мардафган аст 172
То пур аз косаи гул арсаи гулшан шудааст 173
Омада бошад 174
Ёд омад 175
Хоксоре буд 176
Ба коре ишк дорад хар касе 177
Мутриб шабе таронаи хусни ту соз кард 178
Мебояд 179
Аз они ман нашуд 180

Ишки пинхони маро хусни ту машхур кунад 181
Зи мастй дошт касди куштани ман чашми шахлояш 182
Гардад суханчин бартараф 183
Хуи ту бад набуд 184
Ба қавли душманон золим шудй 185
Аз миёни хама хубон ту писандидан мо 186
Чун шавад 187
Мезанад 188
Намегўяд 189
Зулфат сабаб афтод 190
Ишки ту кард афсонаам 191
Зи дилхон парешон медихад ёд 192
Ин водй хатар дорад 193
Рабояд ба як ишва чашми ту сад дил 194
Пеши ту мегўям 195
Мурғи бисмилкардаро монад 196
Сўхбат ғанимат дон 197
Ишк 198
Аз ту, эй гулбуни дил як гули шодй нашукуфт 199
Бахор омад тамошои чаман бо ёр боистй 200
Чаро рўзи пагохи хешро бегох месозй 201
Надонй кадри кохе кадри кўхеро намедонй 202
Хама кас рах ба муроди дили худ мехохад 203
Хам ғарибам, хам асир 204
Равише накард харгиз ба муроди ман ситора 205
Зи Хусрав кам намедонанд Фарходи балочўро 206
Хамчу даври гул ғанимат дор ин айёмро 207
Гўшаи бало манзили ман аст 208
Бо кй гўям дарди худ 209
Намонад 210
Ба бегонахо ошной, чй гўям? 211
Шодие дорам, ки натвон хоб кард 212
Вах, чй зебо шудай 213
РУБОИЁТ 215
Мусаллас 229
Намунахо аз касоид 232
Китъа ва луғз 246
Намунахо аз хачвиёт 262
Аз „таксими мерос" 265
Аз маснавии „Гулзори ирам" 267
Луғат 286

АБДУРАХМАН МУШФИКИ

ИЗБРАННОЕ

(на таджикском языке)

* * *

Мухаррирон: *С. Тоҷиддинов* ва *М. Бақоев*
Мухаррири техникӣ *Н. Козлов*
Корректор *Х. Хайдар*

* * *

Ба матбаа супорида шуд 17/X-1957. Ба чопаш имзо карда шуд 7/II-1958. Формат 84×108¹/₃₂. Чузъи чопӣ 9,5. Чузъи чопии шартӣ 15,6. Чузъи нашрию хисобӣ 7,46. Тираж 15000. Нархаш 3 с. 85 т. Заказ № 1537.

* * *

Сталинобод, Комбинати полиграфии Вазорати маданияти РСС Тоҷикистон